ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

ВБД: 323:341.222 (575.5)

Бо ҳуқуқи дастнавис

ИСРОИЛОВ ИСМОИЛ ИСРОИЛОВИЧ

НАҚШИ НИҲОДҲОИ ҲИФЗИ САРҲАДИ ДАВЛАТӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ (ДАР МИСОЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)

Диссертатсия
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ
аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технология сиёсӣ

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои сиёсӣ,
дотсент Нуриддин П. Р.

Душанбе, 2025

МУНДАРИҶА

Номгӯйи ихтисораҳо 3
МУҚАДДИМА 4
БОБИ I. АСОСОҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ НИҲОДҲОИ ҲИФЗИ САРҲАДИ ДАВЛАТӢ 19
1.1. Ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ унсури муҳимтарини сиёсати ҳарбии давлат 19
1.2. Таҳлили вазифавӣ ва меъёрии ҳуқуқии доктринаҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ 45
БОБИ II. ВАЗЪ ВА МУШКИЛОТИ ҲИФЗИ САРҲАДИ ДАВЛАТӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 63
2.1. Заминаҳои асосии пайдоиш ва ташаккули ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ 63
2.2. Ташаккули ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон 79
БОБИ III. НАҚШИ НИҲОДҲОИ ҲИФЗИ САРҲАДИ ДАВЛАТӢ ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ 100
3.1. Мақоми Қушунҳои сарҳадӣ дар таъмини соҳибихтиёрӣ ва ҳифзи марзу буми кишвар 100
3.2. Дурнамои ҳифзи амнияти сарҳади давлатӣ дар шароити ба амал омадани муборизаҳо ва барҳӯрдҳои нави геосиёсӣ 135
ХУЛОСА 153
Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ 157
РӮЙХАТИ АДАБИЁТ 160
Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия 179

Номгӯйи ихтисораҳо

ИДМ – Иттиҳоди давлатҳои мустақил;

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико;

ИҶШС – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ;

КДАМ – Кумитаи давлатии амнияти миллӣ;

КҲСД – Кумитаи ҳифзи сарҳадоти давлатӣ;

МТОК – Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;

СААД – Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ;

СММ – Созмони Милали Муттаҳид;

СҲШ – Созмони ҳамкории Шанхай.

МУҚАДДИМА

Муҳиммии мавзуи таҳқиқ. Таҳқиқи нақши ниҳодҳои ҳифзи марзу буми давлатӣ дар таъмини амнияти давлатию миллӣ дар замони муосир яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Омӯзиши роҳу усулҳои таъмини бехатарии давлат ва зиндагии амну осоиштаи мардуми тоҷик, хусусан дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти тоза касб намуда, дар назди аҳли илмҳои сиёсӣ масъалаи аз лиҳози назариявию амалӣ баррасӣ намудани мушкилоти марбут ба муҳофизати марзи давлат таъмини худмухториву соҳибихтиёрӣ ва амнияти Тоҷикистонро ба миён мегузорад. Ин мавзуъ дар шароити тезутундшавии авзои байналмилалӣ ва муносибати байни давлатҳо дар манотиқи ҷудогона аҳаммияти боз ҳам бештар пайдо кардааст. Зикр намудан ҷоиз аст, ки доир ба мушкилоти дифои сарҳад аз таҳдидҳои беруна, таъмини суботу оромӣ дар ҳудуди кишвар ва рафъи таҳдиду хатарҳои дохилӣ, ки бо манофеи ҳаётан муҳимми миллӣ иртибот доранд, имрӯзҳо дар доираи муҳаққиқони илмҳои сиёсӣ, ходимони давлатӣ ва сиёсатмадорон боиси ба амал омадани мубоҳисаҳои мухталиф гардидааст. Дар ин ҷода назар ва афкори муҳаққиқон дар идроки ҷавҳару ҷанбаи масъалаи мазкур гуногун мебошанд, ки пешбурди пажуҳише дар ин самт барои кушодани гиреҳҳои сарбаста ва муайян намудани ақидаи дурусту пазируфтанӣ мусоидат хоҳад намуд.

Айни замон, дар бораи сарҳади давлатӣ мафҳумҳое пайдо шудааст, ки бе онҳо фаҳмиши мавҷудияти ҳифзи сарҳади давлатӣ ғайриимкон мебошад. Ҳар як давлат, дар куҷое, ки набошд бо ҳудуди муайян маҳдуд карда мешавад. Аз ин нуқтаи назар – сарҳад ин сохторҳои нисбатан нави иҷтимоиест, ки аввал бо тассавуроти иҷтимоӣ сохта шуда, сипас бо демлитатсияи махсус дар харитаҳои гуногун нишон дода мешавад.

Ҳамзамон, ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ унсури муҳимтарини сиёсати ҳарбии давлат буда, ҳифзи марзу буми кишвар ба онҳо вобастаю пайваста мебошад. Аз ин рӯ, муҳиммии таҳқиқи мавзуи мазкур ба он вобаста

аст, ки мушкилоти таъмини бехатарии сарҳадӣ дар низоми амнияти миллӣ ҳам барои олимон дар таҳияи асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва нигоҳдории он ва ҳам барои сарҳадбонон ва кормандоне, ки аз рӯйи хусусияти фаъолияти вазифавии худ бо он алоқаманданд, як соҳаи муҳимму васеи фаъолият маҳсуб меёбад. Таъмини амнияти сарҳади давлатӣ дар ҳама давру замон масъалаи хеле мубрам ва аввалиндараҷа буд ва мемонад. Вале зарурат ба он дар марҳалаи тағйирпазирии ҷомеа боз ҳам бештар меафзояд.

Аз ин рӯ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳиммии масъалаи мазкуро дарк намуда, ҳанӯз 28 майи соли 2022 зимни суханронии худ ба муносибати Рӯзи сарҳадбонон таъкид намуда будаанд, ки «Вазъи ниҳоят мураккабу ҳассоси минтақа ва ҷаҳон, торафт вусъат пайдо кардани миқёси хатару таҳдидҳои муосир, қабл аз ҳама, терроризму экстремизм, радикализми динӣ, қочоқи силоҳ, маводи мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷиноятқориҳои муташаккил тамоми хизматчиёни ҳарбии сохторҳои низомӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дар навбати аввал, неруҳои марзбонро водор месозад, ки ҳушёрии касбӣ ва зиракии сиёсиро ҳаргиз фаромӯш накунанд»[75].

Дар воқеъ, неруҳои марзбон ҳамеша дар сафи пеши мубориза ба хавфу хатарҳои нави ҷаҳонӣ буда, яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ ба шумор мераванд. Аммо, дар марҳалаи вазъи нооромии ҷаҳони муосир сохтор ва мазмуну мундариҷаи амнияти миллӣ хеле печидатар шудааст, ки на танҳо таносуби қисмҳои таркибии он, балки ташкили алоқаи байниҳамдигарии онҳо низ тағйир ёфтааст. Бинобар ин, ба амал омадани як қатор таҳдидҳои ғайриҳарбӣ ва ғайрианъанавӣ зарурати ташкил ва рушду такомули ҷузъҳои дахлдори низоми амнияти миллӣ ба миён меоранд.

Ин аст, ки муайян кардани мавқеи қувваҳои мусаллаҳ дар низоми умумии амнияти миллӣ ва мудофиаи кишвар мутаносибан на танҳо чорчӯбаи вазифавии амалии онҳо, балки ба хусусияти таҳдидҳо аҳаммияти амалӣ

пайдо намудани амнияти сарҳадӣ ҳамчун зарурат барои таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян менамояд.

Бояд тазаккур дод, ки нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳадӣ дар таъмини амнияти сарҳади давлатӣ дар ҳама давру замон масъалаи мубрам ва аввалиндараҷа буд ва мемонад. Вале зарурат ба он дар замони ба даст овардани соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам бештар меафзояд. Зеро буҳрони сиёсию иқтисодӣ дар солҳои 1990-ум кишвари моро ба коми худ кашида, вазъи умумии иҷтимоию сиёсиро хеле поён бурда буд. Хусусан, муқовимати ҳизбу созмонҳои гуногун то ба ҷое расида буд, ки фаъолияти шахсони алоҳида, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ҷомеа ва давлатро ба кулли тағйир дод.

Мавриди қайд аст, ки аз қадимулаём тоҷикон мустаҳкам намудани давлат ва ҳифзи марзу буми онро вазифаи асосӣ ва давлатдории хеш медонистанд. Аммо дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ аз бесару сомониҳои дохилӣ баъзе қитъаҳои сарҳадии мо қариб, ки кушода монда буданд. Хусусан дар ҳудуди Бадахшони Тоҷикистон ваъият начандон хуб буд. Баъдан, бо ибтикори Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин масъала ислоҳи худро ёфт ва тамоми хати сарҳади кишвари мо ба дасти сарҳадбонон кишвари худамон гузашт. Вобаста ба ин, моҳи апрели соли 2003 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Федератсияи Россия В.В. Путин дар шаҳри Сочӣ вохӯрӣ гузаронида, оид ба Ҷумҳурии Тоҷикистон супоридани хати сарҳад ба мувофиқа омаданд. Марҳалаи супоридани хати сарҳад як сол аз июни соли 2003 то июни соли 2004 давом кард[66, с. 104-105].

Бояд гуфт, ки ҳар як давраи таърихӣ парадигмаи рушди худ ва идеяҳои мувофиқро дар бораи амнияти миллӣ таҳия мекунад. Аз ин рӯ, таҳқиқи ин масъала имкон медиҳад, ки ба дурнамои инкишофи ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ ва мақоми онҳо дар таъмини амнияти миллӣ ва низоми мудофиавии кишвар таваҷҷуҳи ҷиддӣ дошта бошем.

Оқибатҳои вазнини ҷанги таҳмилии шаҳрвандии Тоҷикистон, буҳрони иқтисодӣ ва дигар сабабу омилҳо ба паст гардидании иқтидори ҳарбию

мудофиавии мамлакат дар нахустин солҳои мустақили сиёсӣ оварда расонида буд. Дар ин раванд, ба талаботи давру замон ҷавобгӯ набудани омодагии касбии афсарону аскарон, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудани тарғибу ташвиқи арзишҳои миллӣ, сулҳу субот, ҳимояи ҳуқуқҳои аскарон, паст гардидани нуфузи хизмати ҳарбӣ ва монанди инҳо боиси паст гардидани иқтидори ҳарбии кишвар мегардид.

Бинобар ин, чунин ҳолат дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои асосии пайдоиш ва ташаккули ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатиро тақозо менамуд. Ин ва дигар масъалаҳои марбут ба нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ, инчунин масъалаҳои баланд бардоштани иқтидори ҳарбӣ ва мудофиавии давлат ба воситаи амалӣ гардонидани сиёсати низомӣ ва ислоҳоти ҳарбӣ интихоби мавзуи диссертатсионро арзёбӣ менамояд. Муҳиммии таҳлилу таҳқиқи нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллӣ низ тавассути ҳалли масъалаҳои дар боло номбаргардида, дар диссертатсия асоснок карда шудааст.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Барои нишон додани дараҷаи омӯзиши нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллӣ мавзуи мазкурро ба тариқи зайл тасниф кардан мумкин аст:

Ба гурӯҳи якум осори файласуфони классики Сун Тсзи, Платон, Арасту [63, с. 85], Геродот, Фукидид, И. Флавий, Ксенофонт [24, с. 202] дохил мешаванд. Онҳо роҷеъ ба муносибати ҷудонопазири сиёсат ва ҷанг, донишу малакаҳои ташкили ҷанг, нақши фармондеҳони дараҷаҳои гуногун дар рафти ташкили муҳорибаҳо, стратегия ва тактикаи ҳарбӣ, зиракӣ, интизоми қатъӣ, таъминот бо воситаҳои ҷангӣ дар асарҳои худ изҳори назар кардаанд..

Дар маркази таълимоти мутафаккирони Шарқу Ғарб тарбияи ҷанговарон ва аз синни ҷавонӣ омӯзонидани санъати ҷанговарӣ, интизоми оҳанин дар қушунҳо, қабули қарорҳои дуруст ва ҳалкунанда, нақши муҳим доштани амалиёти ногаҳонӣ, бо ғизо ва дигар анвои захираҳо таъмин будани

гурӯҳҳои ҷангӣ ва ғайра қарор доштааст, ки онҳо дар даврaҳои минбаъдаи таърихӣ инкишоф ёфтаанд.

Гурӯҳи дуюм маҷмуи андешаҳои сиёсиро оид ба нақши артиш дар мақоми давлатдорӣ, усули ташкили ҷанг, баланд бардоштани иқтидори ҷангӣ, пурқувват намудани ақибгоҳ ва амсоли инҳо дар бар мегирад. Чунонки, дар афкори илмии мутафаккирони аврупоӣ Н. Макиавелли, Т. Гоббс Ш.Л. Монтескё, Ж.Ж. Руссо, Г. Гегел ва К. Клаузевитс оид ба як қатор роҳу усулҳои асосии ташкили сиёсати ҳарбӣ мулоҳизаронӣ шудааст.

Гурӯҳи сеюм таҳлилу таҳқиқи адабиёти илмӣ-таҳқиқотие, ки бевосита ба раванди таъмини амнияти миллӣ дахл доранд, баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин асарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва суханрониҳояшон, ки вобаста ба ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ мебошанд ва дар рушду инкишофи масъалаи мазкур мақоми муҳимро ишғол мекунанд [103, с. 4-6].

Гурӯҳи чорум дар осори муҳаққиқони тоҷик, ба хусус А.Н. Муҳаммад, Ҳ.Қ. Сафарализода, М.У. Хидирзода, Р.Ш. Нуриддинов, Д. Назризода, А.Саъдулоев, Н. Назаров аз диди сиёсӣ арзёбӣ шуда бошад ҳам, вале мушаххасан дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии хеш ба нақши ниҳодҳои сарҳади давлатӣ дар таъмини амнияти миллию давлатӣ бевосита рӯ наовардаанд [34, с. 80].

Инчунин, рисолаву таҳқиқоти диссертатсионие, ки онҳо ба таҳлилу пажуҳиши масоили умумии амнияти миллӣ бахшида шудаанд. Ба ин гурӯҳ корҳои илмӣ-таҳқиқии. М.А. Акмалов, Ф.К. Восиев, П.А. Маҳмадов, С.Б. Рачабов, Р.Н. Файзов, Х.К. Холов, К.С. Шарипова [18, с. 150] ва дигарон дохил шудааст. Олимону таҳқиқгарони мазкур дар рисолаҳои худ раванди ба даст овардани истиқлол, роҳу воситаҳо ва заминаҳои мустаҳкам намудани пояҳои Истиқлоли давлатӣ ва давлатдории миллӣ, оқибатҳои даҳшатбори ҷанги шаҳрвандӣ, азнавсозии системаи таъмини амнияти давлатӣ, таъсир ва хавфи ҳаракату гурӯҳҳои тундгаро ва ифротӣ, пешгирӣ аз низоъҳои сарҳадӣ, баланд бардоштани иқтидори мудофиавии кишвар, ҳалли муноқишаҳои

сарҳадӣ, ташаккули ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ, таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамкории амниятӣ ва ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ, созмонҳои минтақавию байналмилалӣ ва хусусан кишварҳои Осиёи Марказӣ, дурнамои мубориза бо таҳдиду хатарҳоро мавриди омӯзиш қарор додаанд.

Ба гурӯҳи панҷум таҳқиқотеро ворид намудем, ки дар онҳо масъалаи таъмини амнияти миллӣ тавассути мақому сохторҳои алоҳидаи давлатӣ роҳандозӣ гардидааст. Дар асарҳои М.М. Абдулҳақов, С.И. Бойко, И.А. Михайлов, Д.Х. Раҷабов [175, с. 146] ва дигарон нишон дода шудааст.

Гурӯҳи шашумро асарҳои таҳқиқотие ташкид додаанд, ки дар онҳо муҳаққиқон масъалаи баррасии фаъолияти ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатиро ҳамчун ҳадаф қарор додаанд, ки рисолаву мақолоти З.М. Қурбонова, А.И. Ибодуллозода, В.П. Кузмин, Е.М. Терентев, Д.В. Моисеев, В.Ю. Федяков [25, с. 275-278] ва дигарон моҳияти ин масъаларо инъикос менамоянд. Таҳлили адабиёти соҳа ва осори илмии муҳаққиқони мазкур аз он дарак медиҳанд, ки масъалаи мавриди назар то ҳанӯз бо чунин шаклу мазмун ба таври диссертатсионӣ дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода нашудааст.

Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи умумидонишгоҳии сиёсатшиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ, стратегия, консепсия ва барномаҳои хусусияти сиёсӣ ва низомӣ дошта, ба монанди «Равандҳои сиёсӣ дар замони ҷаҳонишавӣ: ҷанбаҳои дохилӣ ва берунӣ» (барои солҳои 2016–2020 ва 2021–2025), мавзуъҳои пешбининамудаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, таҳти № 503 «Оид ба самтҳои муҳим ва афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ барои солҳои 2021–2025» мувофиқат менамояд.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ. Таҳқиқи хусусиятҳои муҳимми нақши қушунҳои сарҳадӣ дар таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳадафи таҳқиқот интихоб гардидааст. Ҷиҳати татбиқи ҳадафи таҳқиқоти мазкур иҷрои чунин **вазифаҳоро** муҳим мешуморем:

– мавриди омӯзиш қарор додани масъалаҳои назариявию методологии таҳқиқи ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ ҳамчун муҳимтарин унсури сиёсати ҳарбии давлат;

– таҳлилу таҳқиқи вазифавӣ ва меъёрии ҳуқуқии доктринаҳои ҳифзи сарҳадоти давлатӣ;

– муайян намудани заминаҳои пайдоиш ва ташаккули ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ;

– баррасӣ намудани раванди ташаккулёбии ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон;

– таҳқиқи нақши Қушунҳои сарҳадӣ дар заминаи соҳибихтиёрӣ ва ҳифзи марзу буми кишвар;

– омӯзишу таҳқиқи моҳияти дурнамои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар шароити ба амал омадани мубориза ва барҳӯрдҳои нави геополитикӣ.

Объекти таҳқиқро масоили марбут ба нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳадӣ давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Предмети таҳқиқи диссертатсионӣ фарогири масъалаҳои назариявӣ, сиёсӣ-амалии нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳадӣ давлатӣ дар шароити муосири давлатдории миллӣ мебошад.

Фарзияи таҳқиқ. Нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳадӣ давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити дигаргуниҳои нави ҷаҳонӣ яке аз мавзуъҳои мубрами ҳарбие ба шумор меравад, ки то ҳанӯз ба таври кофӣ омӯхта нашудааст. Вобаста ба сатҳи омӯзиши он далелу фарзияҳои гуногуне мавҷуд аст, ки то ба замони соҳибистиқлолӣ ҳам омада мерасанд. Аммо мавҷудият ва роҳандозии

сиёсати ягона дар самти бехатарии миллию давлатӣ, ҳифзи оромӣ ва осоиштагии сиёсии дохилӣ, муҳофизати сохти конститутсионии давлат, ягонагӣ ва дахлнопазирии сарзамин ва марзу буми кишвар яъне ҳамаи ин ба нигоҳ доштан ва мустаҳкам намудани амнияти миллии кишварамон нигаронида шудааст. Аз ин рӯ, тахмин меравад, ки имрӯз омӯзиш ва таҳқиқӣ нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳадӣ давлатӣ дар раванди таъмини амният ва таҳкими давлатдории миллӣ, барои Тоҷикистони соҳибистиқлол муҳимму зарурӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, гумон меравад, ки муайян намудани нақши қушунҳои сарҳадӣ дар таъмини амнияти миллӣ рӯзмарра ва саривақтӣ мебошад.

Марҳала, макон ва давраи таҳқиқ. Таҳқиқи мазкур дар давоми солҳои 2020–2024 дар кафедраи сиёсатшиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ анҷом дода шудааст. Дар таҳқиқ раванди пайдоиш ва ташаккулёбии минбаъдаи нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳадӣ давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун масъалаҳои пажӯҳиши кори диссертатсионӣ интихоб гардидаанд. Марҳала ва даврaҳои таҳқиқи мазкур аз сар задани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ сар карда, то марҳалаи супоридани хати сарҳад аз ҷониби Россия ба Тоҷикистон (аз моҳи июни соли 2003 то моҳи июни соли 2004), дигар таҳдиду хатарҳои муосир ва ҳифзи сарҳадоти давлатиро то имрӯз дар бар мегирад.

Асосҳои назариявии таҳқиқ. Дар таҳқиқоти мазкур адабиёти илмию назариявие истифода гардидааст, ки дар онҳо назарияи сиёсати ҳарбӣ, алоқамандии сиёсат бо соҳаи ҳарбӣ ва нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳадӣ давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ шудаанд. Аз ҷумла, асарҳои мутафаккирони аҳди қадим, давраи эҳё, замони нав ва донишмандони замони муосири хориҷию ватанӣ истифода шудаанд. Хусусан, назари сиёсатмадорону сиёсатшиносони советӣ ва рус ҷиҳати тавзеҳи мазмун ва моҳияти истилоҳоти «амнияти давлатӣ, бехатарии миллӣ, ниҳоду қушунҳои сарҳадӣ, ягонагии ҳудуд, ҳифзи манфиатҳои миллӣ» ва амсоли инҳо мусоидат намудаанд. Дар рисола

андешаву ақидаҳои илмии муҳаққиқони тоҷик, ки ба масъалаҳои мухталифи муҳим будани ҳифзи марзи давлатӣ, ҳудуди давлат, таъсиси ниҳоду қушунҳои сарҳадӣ ва монанди инҳо бахшида шудаанд. Натиҷаҳои амалии диссертатсияро дар ташаккулу таҳаввулоти Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, нерӯҳои қудратӣ, афсарони марзбон мавриди истифода қарордодан мумкин аст.

Асосҳои методологии таҳқиқ. Дар раванди таҳқиқи мавзуъ, пеш аз ҳама, таҳлили системавӣ, сохторию функсионалӣ, муқоисавӣ таърихӣ ва ғ. истифода бурда шудааст. Тавассути таҳлили системавӣ нақш ниҳодҳои ҳифзи сарҳадӣ давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст. Инчунин сохтори сиёсати ҳарбӣ, дараҷаҳои зоҳиршавии он, вазифаҳои сиёсии онҳо низ дар заминаи методҳои номбаргардида таҳлилу баррасӣ шудаанд. Инчунин, дар таҳқиқот зимни баррасии вазъияти ҳарбӣю геополитикии замони муосир аз методи таҳлили муқоисавӣ истифода бурда шудааст. Ба воситаи методи мазкур равандҳои интегратсионии даҳсолаҳои қаблӣ ва дезинтегратсияи шароитҳои гузаштаву имрӯза бо дарназардошти таҳдиду хатарҳои замони муосир нишон дода шудаанд.

Дар маҷмуъ, усулҳои илмии истифодашуда имкон доданд, ки ҷанбаҳои методологию назариявии таҳқиқи нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳадӣ давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаматарафа омӯхта шаванд ва дурнамои вазъи қушунҳои сарҳадӣ дар таъмини амнияти давлатӣ коркард шаванд.

Пойгоҳи иттилоотии таҳқиқ. Дар диссертатсия як қатор сарчашмаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба сифати манбаъ ва пойгоҳи таҳқиқ истифода шудаанд, ки онҳо ҷанбаи сиёсию ҳуқуқӣ ва таҳлилӣ дошта, дар Паёмҳои Президенти ҷумҳурӣ, дар вохӯрию суханрониҳояшон зимни мулоқот бо кормандони сохторҳои қудратӣ ва ҳифзи ҳуқуқ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон-Душанбе, 2001; қонунҳои қабулгардида доир ба «Доктринаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Душанбе, 3 октябри соли 2005, № 103 /

Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 03.10.2005, №103 – 17 с; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ш. Душанбе, аз 20 – марти соли 2008. №362. / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20.03.2008.-[26с.;] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Душанбе, аз 14-уми декабри соли 1996. №316. 2007. / Ахбори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 14.12.1993 сол, №316. – 65 с.; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Душанбе, аз 1-уми августи соли 1997. №481. / Ахбори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1.08.1997. №481. – 24 с.; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи разведкаи ҳарбии қуввахои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷкистон», Душанбе, 28-уми июни соли 2002, № 688. / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28.07.2002, №688. – 45 с.; Низомнома «Дар бораи Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Душанбе, аз 28 декабри соли 2006, № 601. / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 28.12.2006 сол, № 601. – 24 с.; Созишнома миёни Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби харид ва хизмати ҳарбӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қушунҳои сарҳадии Федератсияи Россия дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҳористон» аз 30-юми марти соли 1994. – 33 с.; китоби Асрориён Ҷ., Асрориён А. Марзбон. Душанбе: «Мулквар», 2024.

Навгонии илмии таҳқиқ. Масъалаи нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳадӣ давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун масъалаи илмӣ-таҳқиқотӣ дар сиёсатшиносии тоҷик пурра мавриди омӯзиш қарор наёфтааст. Аз ин рӯ, дар диссертатсияи мазкур масъалаҳои ҷудогонаи навгонии илмии таҳқиқро ба таври зерин муайян кардан мумкин аст:

– масъалаҳои назариявию методологии таҳқиқи ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ ҳамчун муҳимтарин унсури сиёсати ҳарбии давлат мавриди пажуҳиш қарор дода шудааст;

– вазифаҳо ва меъёрҳои сиёсию ҳуқуқии доктринаҳои муҳофизати марзҳои давлатӣ дар шакли яклухт таҳлилу таҳқиқ гардида, ҷиҳати дарёфти роҳу усулҳои муосири дифоъ аз хатарҳои дохилию беруна тавсияҳои судманд манзур гардидааст;

– манбаъҳои ташаккул ва рушду нашъунамои ниҳодҳои ҳифзи марзу ҳудудҳои давлатӣ муайян ва мушаххас карда шуданд;

– бахусус ҷараёни азнавташаккулёбии ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ ва тадриҷан рӯ ба тараққӣ овардани онҳо дар даврони истиқлоли миллию давлатии Тоҷикистон ҳамчун масъалаи илмӣ бори аввал баррасӣ гардидааст;

– нақши Қушунҳои сарҳадӣ дар заминаи соҳибихтиёрӣ ва ҳифзи марзу буми кишвар таҳлил ва муайян карда шуд;

– моҳияти дурнамои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар шароити ба амал омадани мубориза ва барҳӯрдҳои нави геополитикӣ муайян ва исбот карда шуд.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Масъалаи муҳимме, ки дар таҳқиқ баррасӣ шудааст, ҳалли мушкилоти марбут ба ҳифзи сарҳади давлатӣ ҳамчун як ҷузъи ногусастании низоми бехатарии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад, ки аҳдофи он дар марҳалаи аввали соҳибистиқлолӣ ва худмухтории давлат кор карда баромадани паҳлӯҳои ҳуқуқии он, назорати дар амал татбиқ гардидани талаботи қонуну низомномаҳои қабулшуда мебошад. Ин асноди меъёрии ҳуқуқӣ барои амалӣ намудани тадбирҳои фаврӣ, амалиётҳои ҳарбӣ, гузаронидани чорабиниҳои низомию тактикӣ, дифои манфиатҳои давлат ва ҷомеаи миллӣ, муҳофизати ҳудуди ҷумҳурӣ аз таҳдиди хатарҳои берунӣ ва ғ. нигаронида шудаанд. Дар баробари ин, ниҳодҳои ҳифзи сарҳадоти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми таркибии сиёсати ҳарбии давлатро ташкил медиҳад ва ташаккули минбаъдаи он низ тавассути механизмҳои татбиқи сиёсати ҳарбӣ амалӣ карда мешавад.

2. Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун категорияи давлатӣ-ҳуқуқӣ, ки ҳудуди тақсимоти соҳибихтиёрии давлатӣ ва қаламрави Тоҷикистонро муайян мекунад, инчунин тамомияти давлатиро пешакӣ муайян мекунад, дар ҳаёти давлат ва ҷомеа нақши муҳим мебозад. Дар айни замон, зарурати такмили танзими ҳуқуқии идоракунии давлатӣ дар соҳаи амнияти давлатӣ ва пеш аз ҳама, идоракунии бехатарии марзу буми давлат бо роҳи коркарди стратегияи сиёсати давлатӣ ҷиҳати фаъолияти бенуқсони ниҳодҳои марзбонӣ низ муҳим мебошад.

3. Сохторҳои қудратӣ ин кумитаҳо, вазоратҳо, сохтор ва ҷузъу томҳое мебошанд, ки онҳоро давлат ташкил ва дастгирӣ менамояд. Аҳдофи асосии онҳо пуштибонӣ ва дифои сохти конститутсионии мамлакат ва тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рафъи хатарҳои дохилию берунӣ ва амалӣ намудани сиёсати давлатӣ ва танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба амнияти миллӣ маҳсуб меёбад. Одатан, чунин ниҳодҳо сохтори мураккаб дошта, дар таркиби онҳо дастгоҳҳои марказӣ, идорӣ ва муассисаву ташкилотҳои таъиноти гуногундошта, иттиҳодияҳо ва дигар воҳидҳои расмӣ мавҷуданд.

4. Фаъолияти муташаккилонаи ҷузъу томҳои низомӣ ва ҳайати роҳбарикунандаву идорӣ ҷавҳари муҳимми мудофиавии давлатро ташкил медиҳанд, ки онҳо мақоми созмони низомии давлатиро моликанд. Ин ниҳодҳо вазифадор мебошанд барои бартараф кардани хавфу хатарҳои ҳарбии беруна, таҳдиди ҳаракатҳои иртиҷоию террористӣ, ки фазои амну осоиштаи Тоҷикистонро халалдор месозанд, барои таъмини якпорчагӣ ва дахлнопазирии қаламрави мамлакат, мутобиқи аҳдномаҳои ба тасвибрасидаи байналхалқӣ вазифадоранд, ки уҳдадориҳои ба зиммадоштаашонро пиёда намоянд. Бо дарназардошти қонунгузории Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи марзи давлатӣ, дар замони муосир мубориза бар зидди ҳаракатҳои тундгаро ва ифротӣ, ҷиноятҳои муташаккилонае, ки бо убури сарҳад алоқамандӣ доранд, роҳ надодан ба интиқолу қочоқи маводи мухаддир ва дигар таҳдидҳои амниятӣ оҳанги боз ҳам муҳимтаре касб мекунад.

5. Доираи фаъолияти қушунҳои сарҳадӣ, вазифаҳо ва ҳайати онҳо ба хусусияти таҳдид ба давлат дар соҳаи сарҳадӣ, заминаи моддию техникии он мувофиқат мекунанд. Вобаста ба хусусияти вазифаҳое, ки дар сарҳад ҳал мешаванд, давлат сохторҳои сарҳадии ҳарбӣ, полис ё шаҳрвандӣ бунёд месозад.

6. Дар марҳалаи кунунӣ амнияти сарҳад яке аз ҷузъҳои муҳим ва мубрами амнияти миллӣ ба шумор меравад. Ин ба рушди босуръати вазъи сиёсиву низомӣ, пайдоиши минтақаҳои даргир ва дигар омилҳо вобастагӣ дорад. Дар айни замон вазъ дар сарҳадҳои берунаи мамлакат мураккаб буда, назорати доимӣ ва вокуниши фаврӣ ба тағирёбии авзоъро тақозо мекунад. Ин фаъолият дар замони истиқлолияти давлатӣ бар зиммаи қушунҳои сарҳадӣ вогузор шудааст ва амнияти ҷумҳурӣ аз иҷрои дурусту саривақтии қарорҳои қабулшуда вобаста мебошад.

Аҳаммияти назариявии натиҷаҳои таҳқиқ. Мазмуни бобу зербобҳои диссертатсия дар заминаи назарияҳои илмии мавҷуда, хусусан корҳои илмӣ-таҳқиқотие, ки дар онҳо нақши қушунҳои марзбонӣ дар ҳифзи осоиштагии мамлакатҳо воқеъбинона инъикос ёфтааст, таҳия гардидааст. Дар ин замина муаллиф сохтори фаъолияти ҳарбӣ-сиёсӣ ва унсурҳои таркибии сиёсати ҳарбиро муайян намуда, зарурати рушду такомули тадриҷии онҳоро пешниҳод намудем. Аз ин рӯ, натиҷаҳои асосии таҳқиқ ҷиҳати омӯзиши минбаъдаи сиёсати ҳарбӣ аҳаммияти назариявӣ касб менамояд.

Аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқ. Натиҷаҳои таҳқиқи мазкурро мутахассисони соҳа дар такмили стратегияҳо, қонуну низомномаҳои низомию сиёсӣ ва беҳтар намудани мақомоти идоракунии ҳарбӣ метавонанд, истифода баранд. Мазмун ва мундариҷаи диссертатсия дар муассисаҳои таълимии ҳарбӣ барои баланд бардоштани тарбияи ватандӯстӣ ва шуҷоатмандӣ, инчунин барои тавзеҳи хусусиятҳои муҳимтарини сиёсати ҳарбӣ ва шарҳи мафҳуму истилоҳоти соҳа низ тавсия дода мешавад. Маводи диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар таҳияи китобҳои дарсӣ

ва барномаҳои таълимӣ аз фанҳои «Сиёсатшиносӣ», «Геополитика», «Амнияти миллӣ» истифода бурда шаванд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, қабл аз ҳама, дар бобати мухолифат надоштани мазмун ва мундариҷаи рисола бо назарияҳои сиёсии мавҷуда ва мувофиқати методҳои илмии истифодашуда бо соҳаи илми сиёсӣ ифода меёбад. Дар диссертатсия миқдори зарурии адабиёти илмӣ, сарчашмаҳои иттилоотӣ ва хулосаҳои илмию таҳқиқотии расман интишорёфта истифода бурда шудаанд. Инчунин эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар маводи таҳлилу таҳқиқгардидаи нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳадӣ давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок гардида, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии довталаб дар заминаи таҳлилу баррасии адабиёти илмӣ ва таҳқиқи равандҳои сиёсӣ таҳия шудаанд.

Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ – мутобиқ мебошад. Дар банди 2-юми шиносномаи ин ихтисос, «Системаи сиёсӣ ва сохтори он», самтҳои таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла системаи давлатӣ, сиёсати давлатӣ ва идоракунӣ пешбинӣ шудаанд. Инҳо категорияҳое мебошанд, ки дар онҳо нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳад ҳамчун ҷузъи дастгоҳи давлатии маъмурӣ ва амниятӣ таҳлил мегардад.

Дар банди 3-юм – «Режими сиёсӣ» – низ мавзуи пажӯҳиш муайян шудааст, ки ба фаъолияти ниҳодҳои амнияти миллӣ дар доираи як низоми муайяни сиёсӣ ва таҳаввулоти нақши онҳо алоқаманд мебошад.

Ҳамчунин, банди 11-ум – «Назарияи идоракунӣ» – барои таҳқиқ пешбинӣ гардидааст. Дар доираи ин банд, идоракунии сиёсӣ, шаклҳо ва механизмҳои он, аз ҷумла идоракунии сиёсӣ дар самти таъмини амнияти миллӣ, мавриди омӯзиш қарор мегирад. Ниҳодҳои идоракунии сиёсӣ, аз

ҷумла ниҳодҳои ҳифзи сарҳад, дар ин замина ҳамчун сохторҳое фаъолият мекунанд, ки вазифаҳои идоракунӣ ва ҳамоҳангсозиро иҷро менамоянд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ. Таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи илмии диссертатсия маҳсули фаъолияти чандинсолаи мо мебошанд. Саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти мазкур дар ҷамъоварии маводи марбут ба мавзуи «Нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳадӣ давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» назаррас мебошад.

Мутолиаи диссертатсия ва таҳлилу муқоисаи назари муҳаққиқон, пешниҳодот ҷиҳати интихоби роҳҳо, методу усулҳои беҳтарини ташкили фаъолияти ниҳоду қушунҳои сарҳадӣ нишон медиҳад, ки саҳми муаллиф дар таҳлилу таҳқиқи мавзуъ баланд ба назар мерасад. Натиҷаҳои асосии таҳқиқи диссертатсия дар шакли мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ ифода ёфтааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Рисола дар кафедраи сиёсатшиносии муассисаи таълимии ДДОТ ба номи С. Айнӣ ба анҷом расида, муҳтавои он дар ҷаласаи ҳамин кафедра таҳлил ва муҳокима гардидааст. Диссертатсияи мазкур бо қарори № 11, аз 20-майи соли 2025 ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии таҳқиқи диссертатсионӣ дар доираи шаш мақолаи илм дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишорёфта, 4 мақола дар мақолаҳои дигар нашрияҳои расмии илмӣ ба табъ расида ва маърузаҳои илмӣ дар ҳамоишу конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, шаш зербоб хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Диссертатсия 180 саҳифаи компютерии шакли А4-ро ташкил дода, рӯйхати адабиёт фарогири 196 номгӯйи осори илмӣ, таълимию методӣ ва фарҳангномаҳоро дар бар мегирад.

БОБИ I. АСОСОҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ НИҲОДҲОИ ҲИФЗИ САРҲАДИ ДАВЛАТӢ

1.1. Ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ унсури муҳимтарини сиёсати ҳарбии давлат

Мавриди тазаккур аст, ки ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ унсури муҳимтарини сиёсати ҳарбии давлат ба ҳисоб мераванд ва буду боши онҳо дар ҳар як кишвари соҳибистиқлол барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва тамомияти арзии кишвар зарурати воқеӣ доранд. Дар замони соҳибистиқлолии кишварамон низомиён ба ғайр аз қушунҳои сарҳадӣ, ҳамчунин аз истилоҳи «қувваҳои мусаллаҳ ва артиш (армия)» низ кор мегиранд. Бояд зикр намуд, ки қушунҳои сарҳадӣ як қисми муайяни қувваҳои мусаллаҳро дар бар мегиранд. Аз ин рӯ, баланд бардоштани нақш ва мавқеи ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар таъмини амнияти миллӣ асосан, бо самаранокии сиёсати низомии давлат марбут буда, аз роҳбарияти сиёсӣ қабули асноди муҳими ҳуқуқӣ, қарорҳои саривақтию тақдирсозро, ки тавассути корбурди қувваҳои мусаллаҳ ва хусусан, қушунҳои сарҳадӣ амалӣ карда мешаванд, ба таври доимӣ талаб мекунад.

Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистонро қушунҳои хушкигард, қушунҳои зудамал, қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ, мудофиаи зиддиҳавоӣ, Гвардияи Президентӣ ва қувваҳои амнияти дохилию марзбонӣ ташкил медиҳанд.

Муҳаққиқони илми сиёсатшиносӣ ва аксарияти таҳлилгарони соҳа сиёсати ҳарбиро ба сифати як омили муҳимме, ки амнияту суботро дар қалamрави мамлакат таъмин менамояд, ба таври гуногун таъриф додаанд.

Масалан, мафҳуми мазкур дар луғати истилоҳоти низомӣ ин гуна шарҳ дода шудааст: «Сиёсати ҳарбӣ низоми муайяни муносибатҳои ҳарбӣ ва фаъолияти дигар мақомоти низомӣ буда, ба идораи бевоситаи Қувваҳои Мусаллаҳ ва мудофиаи кишвар равона гардидааст» [22, с.344].

Фаъолияти ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар кишвари мо ба ҳифзи сохти конститутсионии давлат ва тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба амнияти миллӣ нигаронида шудаанд. Ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар худ сохтори мураккаби дохилие доранд, ки аз дастгоҳи марказӣ ва муассисаҳои гуногун, иттиҳодияҳо, ҷузъу томҳо ва воҳидҳои таркибӣ иборатанд.

Дар ин хусус нуктаи назари таҳқиқгар А.Н. Маҳмадов чунин аст: «Муҳофизати марзи давлатӣ ҳамчун як ҷузъи муҳимми таркибии системаи бехатарии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз роҳандозии сиёсати давлат оид ба марзу ҳудудҳои ҷумҳурӣ бо роҳи ҳамоҳанг сохтани фаъолияти муташаккилонаи ниҳодҳои масъули дахлдор иборат мебошад. Кору масъулияти мақомоти худидоракунии давлатӣ дар доираи ваколату вазифаҳои хидматии онҳо: бо роҳи қабули қарору нишондодҳои сиёсӣ, фаъолияти ташкилию ҳуқуқӣ, андешидани чораҳои хусусияти дипломатӣ, иқтисодӣ, мудофиавӣ, марзию ҳудудӣ, ба роҳ мондани чорабиниҳои махсуси иктишофӣ ва зиддиктишофӣ, тадбирҳои фаврӣ-ҷустуҷӯӣ, гумрукӣ, муҳофизати муҳити атроф, санитарию эпидемиологӣ, экологӣ ва амсоли инҳо ба амал бароварда мешавад. Дар чунин шакли фаъолиятҳо ҳайати корхонаю муассисаҳо, ташкилоту иттиҳодияҳои амниятӣ ва шаҳрвандони мамлакат дар асоси тартиботи муқарраргашта ширкат менамоянд» [64, с.45].

Азбаски ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ бевоста ба сарҳад вобастаю пайваста мебошанд ва, хамчун унсури муҳим тарини сиёсати ҳарбии давлат ба шумор мераванд мо худи мафҳуми «***ниҳодҳои ҳифзи сарҳадӣ”***-ро ҳамчун таърифи илмӣ мавриди таҳқиқ қарор медиҳем. Моҳияти ибораи «***ниҳодҳои ҳифзи сарҳадӣ»*** бо маъноҳои вожаи ***«ниҳод»*** – қоидаву тартиб; қарору қарордод ва ҷою маҳал алоқаи зич дорад, зеро фаъолияти ин ниҳодҳоро бе риояи тартибу низом, бе қабули қарори саҳеҳ ва бе мавҷудияти макони муайяну объекти муҳофизатӣ тасаввур кардан номумкин аст.

Мафҳуми «*марз» бошад,* дар забони тоҷикӣ бо истилоҳоти «ҳадду ҳудуд», «сарҳади байни давлатҳо» қаробати маъноӣ дошта, дар қадимтарин

сарчашмаи таърихии ниёгонамон – Авасто, дучор меояд. Ин вожа аслан ба маъноҳои «сарҳад ё ҳудуди як кишвар; хона, маскан» роиҷ буда, дар заминаи он истилоҳоти ***марзу бум*** (қаламрав), ***марзбон*** (сарҳадбон), ***ҳад ё ҳудуд*** (хате, ки ду кишварро аз ҳамдигар ҷудо месозад), ба вуҷуд омадааст.

Ҳамин маъниҳо дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ” (1969) боз ҳам мушаххастар чунин ифода ёфтааст:

«марз – 1) замин, замини кишту кори маҳдудкардашуда, замини мураббаъ (чоргӯша);

2) кишвар, сарзамин, мамлакат; ватан;

3) сарҳад (ФЗТ, 642), вале бо қабули пасванди –***бон*** калимаи ***марз*** мафҳуми шахс ва шуғли онро ифода карда, дар шакли ***марзбон*** ба маънои «сарҳаддор, марздор, маъмури сарҳади мамлакат; ҳокими вилояти сарҳадӣ дар замони Сосониён» ва бо гирифтани пасванди ***-ӣ*** дар шакли ***марзбонӣ*** мафҳуми касбият ва шуғлро ба маънои «сарҳаддорӣ, марздорӣ, вазифаи марзбон» (ФЗТ, 642) далолат намудааст.

Истисно аз ин истилоҳи дигаре, ки ба сифати мафҳуми мунтазам истеъмолшаванда дар матни рисола ба кор меравад, ***ниҳод*** мебошад, ки ин вожаи тоҷикиасл дар забонамон чун калимаи сермаъно роиҷ будааст:

1) табъ, табиат, мизоҷ, сиришт, хӯй; сифат, фитрат, зот;

2) одат, қоида, тартиб, расму оин;

3) қарор, қарордод;

4) маҳал, макон, ҷой, ҷойи истиқомат» (ФЗТ, 859).

Истилоҳи дигаре, ки дар таҳқиқоти мо мақоми калидӣ дорад, ибораи «***қушунҳои сарҳадӣ»*** мебошад, ки дар он ҷузъи асосӣ калимаи «***қушун»*** аст. ***Қушун*** – истилоҳи иқтибосии туркӣ-муғулӣ буда, бо вожаҳои тоҷикиасли «лашкар, сипоҳ» ҳаммаъност ва «маҷмуи фавҷҳои одамони мусаллаҳи ҷанговар» (ФЗТ, 596) маънидод мешавад. Вожаи қадимаи эрониасли ***сипоҳ*** (аспоҳ // испоҳ // исбаҳ // сипаҳ // сипоҳ) бо калимаи ***лашкар*** ҳаммаъно аст.

Дар терминологияи ҳарбӣ ва асноди расмии низомӣ силсилаи муродифии ***қушун – сипоҳ – лашкар*** бо истилоҳоти ***армия, артиш,***

қувваҳои мусаллаҳ иваз карда шудааст. Аз калимаи ***сипоҳ*** як қатор вожаҳои сохторашон гуногуни ***сипоҳӣ*** (аскар, ҷанговар), ***сипоҳигарӣ*** (аскарӣ, шуғли сипоҳӣ), ***сипаҳбад//сипаҳбуд*** (сарлашкар, сарфармондеҳ), ***сипаҳдор*** (фармондеҳ, соҳиби лашкар, сардори сипоҳ, подшоҳ), ***сипаҳдорӣ*** (фармондеҳӣ), ***сипаҳсолор*** (сарфармондеҳи лашкар), ***сипоҳсарвар*** (сарлашкар) ва монанди инҳо, ки чун истилоҳи ҳарбӣ пазируфта шуда буданд, сохта шудааст [15, с.7].

Бояд гуфт, ки ниёгонамон дар тули таърих дар масоҳати васеъ, бо марзи паҳновар тамаддунҳои бузургро созмон додаанд, ки давлатҳои Ҳахоманишӣ, Портҳо (Ашкониён), Кушониён, Сосониён, Ҳайталиоён ва Сомониён аз он зумра мебошанд. Тибқи асноди таърихӣ дар овони ҳукумронии Сомониён тамоми аломатҳои сиёсӣ ва фарҳанги миллӣ дар ватани таърихии як халқ созмон ёфта буд. Воқеияти таърихӣ буд, ки марзи кишвар муқаррар ва низоми мукаммали сиёсӣ устувор гардида, мардуми ин ҳудуд бо хислатҳои равониву анъанавӣ, ҳамбастагӣ ва пайванди хунӣ, зери парчами сулолаи Сомониён муттаҳид шуда буданд.

Василаи дигаре, ки мардумро дар иттиҳод нигоҳ медошт, забони сармаду корхӯрда буд. Аз маънидоди сода бигзарем, аз назари сиёсӣ (давлат, марз, сохтори идорӣ, неруи мусаллаҳ, марзбонон ва ғ.), иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар арсаи таърих як мардум ва давлати воҳиди побарҷо ба вуҷуд омад, ки аз ҳамин се ҷиҳат имкони дифоъ карданро дар самти амалӣ намудани сиёсати устувори дохилӣ, берунӣ ва низомӣ роҳандозӣ карда метавонад.

Баъд аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ва ба даст овардани истиқлоли сиёсӣ Тоҷикистон бо мушкилоти ниҳоят зиёд рӯ ба рӯ гардид. Ин давлати ҷавон ҷиҳати дифои марзи мамлакат таҷрибаи кофӣ ва воситаву имкониятҳои зарурӣ надошт. Релйефи мамлакат, ки саросар кӯҳсор аст, ҷиҳати ҳифзи қаламрав ва марзи давлатӣ монеаву душвориҳои зиёдеро ба бор меовард. Ғайр аз ин, чумҳурии тозаистиқлоли мо дар тақсими мероси ҳарбии ИҶШС, бинобар кашида шудан ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ бенасиб гардид. Дар сурате, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон сарҳади пурвусъату

тулонии худро бо Ҷумҳурии исломии Афғонистон (ҳоло Аморати исломии Афғонистон, 1334 км), Ҷумҳурии мардуми Чин (511 км), Ҷумҳурии Узбекистон (1363 км) ва Чумҳурии Кирғизистон (1990 км) мебоист муҳофизат мекард [176].

Шароити вазнини иқтисодӣ ва иҷтимоиро оғози ҷанги шаҳрвандӣ боз ҳам сангинтар намуд. Тоифаҳои манфиатҷӯ бо дастгирии неруҳои хориҷӣ ҷангро ба сари мардуми тоҷик таҳмил карданд. Пас аз шикаст хӯрдани дастаҳои зидди сохти конститутсионӣ дар сарҳад мавҷи фирориён афзуд. Бетартибию бенизомӣ, қочоқи аслиҳа, гардиши маводи мухаддир ва амалиёти ҷангии гурӯҳҳои ситезакор дар сарҳад авзои сиёсӣ ва иқтисодии мамлакатро боз ҳам бадтар гардонида, ҷумҳурии тозаистиқлолро ба вартаи ҳалокат мекашиданд. Дар чунин вазъият неруҳои сарҳадбони Федератсияи Россия ба танҳоӣ аз уҳдаи ҳифзи сарҳади давлатӣ ва ором кардани авзои бавуқуъомада намебаромаданд.

Дар ибтидои солҳои 90-уми қарни вопас дар назди ҷумҳури ҳалли масъалаҳои зиёде меистод, ки яке аз муҳимтарини онҳо таҳкими марзи давлатӣ ба шумор мерафт. Нахустин асноди меъёрии ҳуқуқие, ки ба ҳалли мушкилоти марбут ба марзи давлатӣ ба тасвиб расидааст, қарори Шурои Олии Тоҷикистон (18.12.1992) ба шумор меравад, ки дар асоси он дар таркиботи КДАМ бо ҳайати ҳазору дусад нафар як бригадаи таъиноти махсуси сарҳадбонӣ таъсис дода шуд.

Бо мақсади таъмини нигаҳбонию нигаҳдории сарҳад ва нуқтаҳои марзбонӣ дар як фосилаи кӯтоҳи вақт дар ноҳияҳои наздисарҳадии Шаҳртус, Қумсангиру Панҷ, Шурободу Дашти Ҷум дар таркиби як бригада сарҳадбон чор гурӯҳи зудамал таъсис дода шуд. Ба душвориҳои иқтисодӣ, танқисӣ доштан аз силоҳу техникаи ҷангӣ ва нақлиёти низомӣ нигоҳ накарда, бригадаи мазкур дар бобати муътадил доштани авзои сарҳади давлатӣ бо Афғонистон, ба Тоҷикистон баргардонидани фирориёни иҷборӣ, нобуд сохтани дастаҳои мусаллаҳи қочоқчӣ ва пешгирӣ аз амалҳои марзшикании

боғаразона кӯшишҳои зиёде бо нишон додани далерию шуҷоатмандӣ ба харҷ додааст.

Вале ин ҳамаро ҳалли масоили марбут ба сарҳад ҳисобидан мумкин набуд, зеро чораҳои фаврӣ ва собитқадамона андешидан лозим буд. Раванди муҳокимаҳо ва қабули қарорҳои марбут ба мушкилоти сарҳад ва қуввахои мусаллаҳи ҳифзи сарҳад аз сиёсати дурбинона ва исроркоронаи Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон шаҳодат медоданд. Ҷаноби Олӣ ба хубӣ дарёфта буд, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол на танҳо дар вартаи парешонӣ, балки дар вартаи ҳалокат аст. Бо мақсади раҳоӣ аз ин ҳолат масъалаи сарҳад ва таъсиси неруҳои сарҳадиро муҳим ва афзалиятнок эълон намуд. Дар ин росто, дувумин ҳуҷҷати расмие, ки фаъолияти сарҳадбононро то ҷойе ба танзим медаровард, фармони Президиуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъсис додани Раёсати ҳифзи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати КДАМ (аз 28.12.1992) ба тасвиб расида, мавриди татбиқ қарор гирифт.

Дар заминаи он бо мақсади тавсеаи фаъолияти марзбонон фармони дигари Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Қушунҳои сарҳадии Вазорати амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон (30-юми майи соли 1994) ба имзо расид. Тибқи санади мазкур ҳар сол 28 -уми май марзбонони тоҷик иди касбии худро таҷлил менамоянд. Ҷиҳати ба расмият даровардан ва дар амал татбиқ намудани ин ҳуҷҷат саҳми Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бениҳоят бузург аст.

Бо афзоиши иқтидори иқтисодӣ ва беҳтар шудани авзои сиёсии кишвар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузориро барои таҳкими заминаҳои моддиву техникӣ, муҷаҳҳаз намудани инфрасохтори сарҳадӣ, омодасозии мутахассисони ҳирфаӣ ва фароҳам овардани шароити сарҳадбонон дар мавзеъҳои марзӣ зиёд намуд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон ҳамчун мамлакати мустақил ва аъзои баробарҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ нашъунамо ёфта, сиёсати дохилӣ ва муносибати худро бо кишварҳои хориҷӣ, бо назардошти пуштибонӣ аз

манфиатҳои давлат ва халқи ҷумҳурӣ вусъат бахшид. Яке аз муҳимтарин хусусиятҳои таркибии сохтори давлат нигаҳбонии сарҳади он ба ҳисоб меравад, ки иҷрои ин вазифаро воҳидҳои сарҳадию маъмурӣ бар дӯш доранд.

Чун қоида, сарҳади давлатҳои унитарӣ ба воҳидҳои сарҳадӣ-маъмурӣ тақсим мешавад. Ҳадафи аввалиндараҷаи давлати тоҷикон ва сохторҳои низомии он, ҳифзи марзу бум, таъмини демократия, фаъолияти давлати ҳуқуқбунёду дунявӣ ва ягона мебошад, ки амалисози онҳоро бе ширкати фаъолонаи сохторҳои қудратӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ тасаввур кардан имконнопазир аст.

Дар сохтори Қувваҳои мусаллаҳи ҷумҳурӣ қушунҳои сарҳадии назди КДАМ ба мақоми махсус соҳиб мебошад, зеро ки дар заминаи ҳифзи марзи давлатӣ таъмини бошарафонаи мустақилияту соҳибихтиёрии кишвар дар назар дошта шудааст. Ин аст, ки Сарвари мамлакатамон дар ин бобат бамаврид таъкид кардаанд: «Хизмат ба Ватан, албатта, шараф ва мактаби мардонагӣ аст, аммо ин мактаб осон ва ором нест. Ҷавонон аз оғӯши волидайн ва муҳити дилчаспу хонадони худ ҷудо шуда, дар ин мактаби воқеии мардонагӣ тоб меоранд ва дар тамоми сахтиҳои зиндагӣ устувор буда, барои зиндагии оилавӣ омода мешаванд. Мардуми дар ноҳияҳои наздисарҳадӣ маскунбуда моҳияти хизмати сарҳадиро хуб медонанд, муносибат ва зиндагии онҳо ба фаъолияти ҷангии сарҳадчиён умумият ва алоқаи зиёд дорад» [77, с.33].

Дар татбиқи сиёсати сарҳадии худ Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои сиёсати байналмилалӣ, аз ҷумла эҳтиром ба соҳибихтиёрӣ, якпорчагӣ ва ягонагии сарзамини мамлакат, инчунин марзу буми давлат ва қаламраву сарҳади давлатҳои ҳамсояро риоя мекунад. Дар заминаи созишномаи барасмиятдаромадаи сарварони ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шуравӣ бояд хатти ҳудуд ва интишори сарҳади давлатиашонро дақиқ менамуданд. Хати марзи Тоҷикистон дар асоси қонун «Дар бораи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар асноди мақоми байналмилалӣ дошта, ба вижа, аснод

оид ба тақсимоти маъмурӣ-ҳудудии сарҳади Тоҷикистон бо хати марзи ҷумҳуриҳои дигари собиқ Иттиҳоди Шуравӣ муайян ва тасдиқ карда шудааст.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар давраи аввали ноил гардидан ба истиқлолияти давлатӣ ҳукумати мамлакат бо мақсади ҳимояи марзу буми худ дар сохтори Кумитаи давлатии амнияти миллӣ тағйирот ворид намуд ва Раёсати ҳифзи сарҳадиро чун зерсохтори он таъсис дода, дар ҳайати он як бригадаи махсус ва якчанд гурӯҳҳои зудамалро ҳамчун ниҳоди ҳифзи сарҳадоти давлатӣ созмон дод. Шуруъ карда аз соли 1994 ниҳоди мазкур баҳри ҳимояи амнияту осоиштагии давлату ҳукумат ва мардуми Тоҷикистон, дифоъ аз марзу буми давлатӣ борҳо ҷасорату мардонагӣ нишон додааст. Қайд кардан муҳим аст, ки маҳз ба туфайли ҷоннисориҳо ва далерию матонати сарбозон ва афсарони сохторҳои амниятию ҳарбӣ тадриҷан ҷузъу томҳои ин ниҳодҳо иқтидор ва қувваи асосии марзбонии кишварро ташкил доданд. Таъсиси ниҳодҳои ҳифзи марзу бум на танҳо гарави бехатарии сарҳадҳои мамлакат, балки кафили таъмини сулҳу осоиш, устувории сохти сиёсӣ ва истиқлоли миллию давлатӣ дар Тоҷикистон гардиданд. Дар ин росто, гуфтан месазад, ки бо сабабҳои маълум баъд аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ба Тоҷикистон аз силоҳу техникаи ҳарбӣ ва базаи моддию техникӣ мероси ночизе расид. Мавриди қайд аст, ки дар як давраи хеле мураккаби таърихии кишвар ҳама дорандагиҳои иқтисодӣ қариб ба сифр расид. Новобаста ба ҳамаи ин, бо талошҳои шабонарӯзии Президенти мамлакат муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон Артиши миллӣ таъсис дода шуд.

Дар нимаи аввали солҳои 90-уми қарни вопас (XX) вазъи ҳассосу ноустувор дар тамоми ҷумҳуриҳои собиқ ИҶШС ҳукмфармо буд, хусусан авзои дохилии Тоҷикистон, бино ба идома доштани ҷанги шаҳрвандӣ дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон ҳамоно нотинҷу муташанниҷ боқӣ монда буд. Ягона такягоҳи давлати тозаистиқлол ва таъминкунандаи сулҳу субот дар чунин шароити мураккаб, бешубҳа, Қуввахои мусаллаҳи навтаъсиси Тоҷикистон, ба хусус неруҳои марзбонӣ, ки дар авангарди муқовимат бо

дастаҳои ҷиноятпеша қарор доштанд, ба шумор мерафтанд. Қобили тазаккур аст, ки онҳо аз уҳдаи иҷрои вазифаи пуршарафу масъулиятноки худ ба хубӣ баромада, ба боварии роҳбарияти сиёсӣ ва халқ сазовор гаштанд. Зикр кардан бамаврид аст, ки ташкил кардану мусаллаҳ сохтан ва дар ҳолати омодагии доимӣ нигоҳ доштани қушунҳои сарҳадӣ дар муддати кӯтоҳи замони тозаистиқлолӣ кори саҳл набуд, вале давра ба давра бо сайуъ кӯшиши бевоситаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқтидори ниҳодоти марзбонӣ, малакаву маҳорати ҳайати шахсии он пайваста такомул меёфт ва ниҳоят, дар як марҳалаи хеле кӯтоҳ ин ниҳодҳо дар бобати дифои марзу қаламрави мамлакат мақом ва нуфузи баланд пайдо намуданд. Ноил гардидан ба чунин пешравӣ кори саҳлу осон набуд.

Марзбонони тоҷик хеле хуб медонанд, ки бисёре аз падидаҳои номатлуби ҷаҳони муосир – қочоқи маводи мухаддир, содир намудани амалҳои экстремистию террористӣ, ноором сохтани фазои сиёсии кишвар маҳз тавассути марзҳо ба вуқуъ меоянд. Аз ин рӯ, онҳоро кафилони асосии таъмини зиндагии осоиштаи мардуми кишвар ва минтақа номидан мумкин аст [140, с.95-105].

Дар ин миён, шаъну шараф ва обрӯю нуфузи ҷузъу томҳои Қӯшунҳои сарҳадии мамлакатамон боло рафт, ба хусус ба рушди тамоми сохторҳои низомӣ ва қудратӣ, фаъолияти муштараки онҳо бо марзбонон таваҷҷуҳи бештаре равона гардид. Бо мақсади адои вазифаҳои хидматӣ барои марзбонон ва будубоши онҳо тадриҷан шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда шуда, ба ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва таҳкими заминаи моддию техникии сарҳад таваҷҷуҳи бештар равона гардид. Ҷасорат ва корнамоиҳои ҳайати шахсию кадрии қушунҳои сарҳадӣ аз ҷониби давлат мунтазам қадр карда мешавад.

Истисно аз ин фаъолияти Қушунҳои сарҳадӣ, тақвият ва таҳкими заминаи кофии моддию техникӣ ва бо воситаҳои низомии муосир таҷҳизонидани онҳо, дастгирии ҳамаҷониба ёфтан, инчунин аз мавҷудияти кадрҳои баландихтисоси ҳарбии ватандӯсту фидокор ва таълиму тарбиядида

ҳам вобастагӣ дорад [129, с.107-112]. Бо ин мақсад ҷиҳати таълиму тарбияи хизматчиёни ҳарбии сарҳадӣ ва омода намудани афсарони боистеъдоду лаёқатманд дар назди Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон 11-уми июни соли 2001 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №256 дар заминаи курсҳои кӯтоҳмуддат Кумитаи ҳифзи сарҳади давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Омӯзишгоҳи олии сарҳадӣ дар ноҳияи Ҳисор ташкил карда шуд ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми марти соли 2007, таҳти №123/5 Омӯзишгоҳи олии сарҳадӣ номгузорӣ шуд.

31-уми марти соли 2016 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №128-5 аз Омӯзишгоҳи олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ба Донишкадаи олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфт. Дар ин таълимгоҳ ҷавонони зиёде таҳсил намуда, ба малакаву маҳорат ва қобилияту салоҳиятҳои касбӣ соҳиб гардида, пас аз хатми он дар минтақаҳои гуногуни марзбонии кишвар бо шарафона иҷрои вазифаҳо доранд. Бояд афзуд, ки ба масъалаи тайёр намудани хизматчиёни сарҳадӣ, такмилу рушди касбияти онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии мамолики хориҷӣ низ эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Бештар аз ҳазор нафар дар айни замон, дар таълимгоҳҳои кишварҳои хориҷӣ ба омӯзиш фаро гирифта шудаанд.

Дар дохили мамлакатамон бо мақсади сайқал додани маҳорати касбӣ дар назди Донишкадаи олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон курсҳои такмили тахассуси низомиён таъсис дода шуд. Дар назди ин курсҳо ба омӯхтани забонҳои хориҷӣ диққати махсус дода мешуд. Дар шароити кунунии ноустувори авзои сиёсии ҷаҳон хадамоти марзбононӣ ягона сохторе мебошад, ки амнияти давлат ва осудагии мардумро ба таври шабонарӯзӣ таъмин ва пуштибонӣ намуда, дар ин самт фаъолияти сохтору ниҳодҳои марзбонӣ, ҷузъу томҳои сарҳадиро бо дигар ниҳоду хадамоти низомӣ дар сатҳи баланди касбию ҳамкориҳои муштарак муттаҳид ва роҳандозӣ намудааст.

Таъкид кардан бамаврид аст, ки чаҳоряки садаи XXI бо зиддиятҳои сиёсию низомӣ ва иқтисодии байни кишварҳои қудратманд вазъро дар сарҳадоти бисёр мамолики камқудрату рӯ ба тараққӣ боз ҳам мураккабу печидатар гардонид. Дар ҳолати омодагии доимӣ қарор доштани қуввaҳои марзбонӣ хароҷоти зиёди молиявию иқтисодиро талаб менамояд ва муайян аст, ки сиёсати давлат дар ин ҷода яктарафа набуда, балки бисёрҷабҳа мебошад. Аз ин лиҳоз, барои давлати ҷавон таҳкими заминаҳои иқтисодии мамлакат, хусусан, тараққӣ додани саноат ва кишоварзӣ, рушди сатҳи иҷтимоии аҳолӣ низ зарур ва муҳим буд.

Масъулияти баланди ниҳодҳои марзбонӣ ва ҳайати шахсии онро дар бобати рафъи таҳдиду хатарҳои дастаҳои ҷиноятии дохилию берунӣ ба эътибор гирифта, ҳукумати ҷумҳурӣ бо техникаи муосири ҳарбӣ ва силоҳу лавозимоти ҷангӣ таъмин намудани марзбононро вазифаи афзалиятнок арзёбӣ намуда, барои такмилу тавсеаи донишу малакаҳои низомии сарбозону афсарон, гузаронидани тамринҳои ҳарбӣ, такмили малакаҳои кор бо силоҳу воситаҳои ҷангии муосир диққати ҷиддӣ медод. Махсусан, пешбурди корҳои идеявию сиёсӣ, ватандӯстию тарбиявӣ дар байни марзбонон ва дигар ҷузъу томҳои низомӣ тадбири хеле муҳим арзёбӣ мегардид. Оҳиста-оҳиста ҷиҳати пиёда сохтани нақшаи чорабиниҳои роҳбарияти сиёсию ҳарбии мамлакат роҳандозии корҳои информатсионӣ ва аналитикӣ, баҳодиҳӣ ба авзои сиёсии минтақа ва андешидани тадобири стратегии ташкили чорабиниҳои оперативӣ, такомули методҳои ҷустуҷӯию фаврӣ дар марзҳои давлатӣ ва навоҳии наздисарҳадии ҷумҳурӣ, ошкор намудан ва рафъи манобеи таҳдид сифатан беҳтар гардид.

Хусусан, баланд бардоштани сатҳи ҷаҳонбинии сиёсиву идеологии афсарону аскарони неруҳои марзбонӣ, тарбияи ҳисси садоқат ба сохти конститутсионӣ, волоияти қонун ва якпорчагии миллӣ яке аз вазифаҳои асосию муҳимми сарҳадбонон маҳсуб меёбад [129, с.182-186].

Ниҳодҳои амниятиву низомии мамлакат ҷиҳати иҷрои ин мақсадҳо на танҳо имкониятҳои фароҳамомадаро босамар истифода карда тавонистанд,

балки ба қобилияту маҳорати назариявию амалии собиқадорони хадамоти марзбонӣ такя намуда, дар иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ ба муваффақиятҳо ноил мегардиданд. Хизматчиёни ҳарбӣ дар сурати дуруст фаҳмидан ва ҳис намудани моҳияти мафҳумҳои Ватан ва ватандӯсти, соҳибистиқлолӣ, худшиносӣ, ҳувияти миллӣ ва ифтихори миллӣ вазифаҳои хизматии худро содиқона ва бомуваффақият ба сомон расонад. Баробари ба вуқуъ пайвастани хавфу таҳдидҳои рӯзафзуни замони муосир дифои марзу буми Ватани маҳбуб аҳаммияти аввалиндараҷа касб мекунад.

Мураккабии авзоъ аз марзбонон зиракию ҳушёрии сиёсӣ, идроки нангу номуси миллӣ доштан, фаҳмиши моҳияти анъанаи таърихӣ доштани ҳифзи марзу бум, муҳофизати сарвату боигариҳои мамлакат, мероси гаронбаҳои моддию маънавии ниёгонамонро тақозо менамояд. Бепарвоӣ ва бемасъулиятӣ дар дифои марзи кишвар боиси истилои аҷнабиён, барҳам хӯрдани давлат, талаву тороҷ гардидани боигариҳои мардум, сарватҳои табиӣ, ба ғуломӣ табдил ёфтани аҳолӣ ва аз даст додани забону фарҳанги миллӣ шуда метавонад. Дар ин бобат ҳодисаҳои зиёди таърихӣ далел шуда метавонанд.

Вобаста ба зарурати таъсисёбӣ, мавқеъ ва мақоми сохторҳои қудратӣ садҳо олимону донишмандони риштаҳои мухталифи илм нуқтаи назари худро баён сохтаанд. Чунин зарурат, қабл аз ҳама, ба тезутунд шудани вазъи ҷаҳони имрӯза вобастагӣ дорад. Хусусан, зиёд шудани минтақаҳои даргир, афзудани хатари гурӯҳҳои иртиҷоию террористӣ, динию мазҳабӣ ва миллию қавмӣ, ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди фарҳангҳо, коркард ва интиқолу фурӯши навъҳои гуногуни моддаҳои мадҳушкунанда, сар даровардани урфу одатҳои бегона, хурофотчигӣ, интишори мақсадноки касалиҳои сироятӣ ва барангезандагони он (истифодаи вирусҳо, микробҳо чун силоҳи биологӣ) ва дигаргуншавии боду ҳаво дар зери таъсири омилҳои антропогенӣ ба раванди таъмини бехатарӣ ва дифои манфиатҳои миллии мамлакатҳои гуногун садди зиёде ба вуҷуд оварда, боиси сар задани фалокату нохушиҳо, табаддулоту

инқилобҳои таҳмилӣ, ташкили шӯру исёнҳои зиддидавлатӣ, мушкилоти зиёди иҷтимоӣ ва мисли иншоҳ шуда истодаанд.

Тазоҳуроти номатлубе, ки зиндагии мардуми тараққихоҳро ноором месозад, мушкилоти бо ҳар роҳ ба сари мардум бор кардани эътиқоду ҷаҳонбинии гуногун, ки ба ҷомеаи тоҷикон номақбуланд ва аз тарафи кишварҳои абарқудрат ба мамолики рӯ ба тараққӣ дар фазои сиёсӣ ва арсаи иқтисодӣ фишор овардан ба ҳисоб меравад, ки он ҷараёни ҳифзи манфиатҳои миллиро барои давлатҳои соҳибистиқлол торафт печидаву мураккабтар намудааст [153, с.385-388].

Пуштибонӣ аз манофеи миллӣ аз ҷумлаи аҳдофи муҳим давлат дар шароити замони муосир маҳсуб ёфта, дар назди элитаи сиёсӣ вазифаҳои зиёди дигареро, ки аз дифои манофеи миллӣ бармеоянд, аз қабили ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, таъмини сулҳу субот дар ҷомеаи кишвар, фаъолияти бенуқсони фишангу сохторҳои давлатиро ба миён мегузорад. Ба таъбири дигар, манфиатҳои миллӣ маҷмуи арзишҳо ва ҳадафҳои умумие ба шумор мераванд, ки онҳо дар натиҷаи ба ҳам мутобиқ афтодани талаботҳои шаҳрвандон ба вуҷуд меоянд.

Ҳамин тавр, дар ҷавҳари манфиат – талаботҳои шаҳрвандон маҳфуз мебошад. Дигархелтар карда гӯем, чунин талаботҳо як навъи эҳтиёҷоти биологию иҷтимоӣ ва равонии инсон ба шумор мераванд, ки онҳо барои икишофёбии ӯ муҳим мебошанд. Бинобар ин, пажуҳиш ва тадқиқи мафҳуми «манофеи миллӣ» ва таҳқиқи масоили марбут ба он дар замони муосир муҳимияти ҳамияти илмиву амалии бештаре пайдо кардааст [61, с.92].

Низому сохтор ва функсияҳои таъмини амнияти давлатӣ ҳамон вақт вазифаҳои худро дар доираи қонунҳои амалкунанда бомуваффақият таъмин карда метавонад, ки агар ба дастовардҳои илмӣ, маърифатӣ ва техникию технологӣ такя намояд, қонуниятҳои рушди ҷомеаи инсониро қатъиян ба эътибор гирад ва нисбат ба ашёву ҳаводис бошуурона муносибат намояд.

Таъмини бехатарии давлат ва осоиштагии мардум онгоҳ натиҷаҳои босамар ба бор меорад, ки агар шаҳрвандони мамлакат дар ҷараёни кору

фаъолияти меҳнатиашон сиёсати ҳукуматро дастгирӣ намоянд, ба ҷаҳонбинии мукаммалу васеъ молик бошанд, дар инкишоф ва тараққӣ додани иқтисодиёту иҷтимоиёт, тиб ва маорифи кишвар саҳм гузоранд, ҳуқуқу озодиҳои шахсият ва ҷомеа ба осонӣ имконпазир мегардад. Ба даст овардани таҳсилоти касбии барои ҷомеа муҳим амали аз рӯйи ҳавою ҳавас ба вуқуъ омада нест. Ин масъала ба ҷанбаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ молик буда, аз касбомӯз масъулияти қонунӣ, касбӣ ва хусусан, ахлоқиву маънавиро тақозо менамояд. Давлат ба шаҳрвандони соҳибмаълумоти ватандӯст, масъулиятшиноси дорои ҷаҳонбинии густурда, ки малакаву маҳорат ва қобилиятҳои зеҳнию маърифатӣ ва руҳию ҷисмонии худро баҳри ободӣ ва тараққиёти Ватан сафарбар менамоянд, бештар эҳтиёҷ дорад. Маҳз чунин шахсиятҳо бо фазилатҳои нек ва ахлоқан устуворгаштаи худ барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ чизеро дареғ намедоранд.

Таъмини амнияти миллӣ равандест, ки онро бо ягон навъи сабқату қувваозмоиҳои зеҳнӣ, ки дар доираи зерсохторҳои як ташкилот ё муассиса, ё ин ки дар ҷараёни муқовимат алайҳи шахсон ва ё гурӯҳҳои ҷиноятпешаву низоъгаро ва иртиҷоӣ ба вуқуъ меоянду бо фаъолияти идораҳои қудратӣ иртибот доранд, ташбеҳ додан дуруст нест. Роҳу усулҳо, тарзу методҳо ва шаклҳои мубориза бо онҳо маълум мебошанд, вале корбасти истилоҳи «мусобиқа»-ро бо амалияи фаъолияти сохторҳои амниятӣ татбиқ намудан ба мақсад мувофиқ нест.

Дар фаъолияти зерсохтору звеноҳои таъмини амнияти миллӣ ва бозигарони пасипардагии чунин «сабқату бозиҳо ва қуввасанҷиҳо» доир карда мешаванд, ки дар ҳама гуна ҳолатҳо аз кормандон ширкати фаъолона, масъулияту кордониро дар ҷодаи муқобилият ва истодагарӣ карда тавонистан бо амалҳои зиддиконститутсионӣ, иртиҷоию террористӣ ва пешгирӣ аз фаъолияти дастаҳои ҷиноятпешаро тақозо менамояд, дар назар дошта мешавад. Донишҳои илмӣ дар ин ҷода сифат ва самаранокии иҷрои корҳоро ба таври таъмин, мушаххас ва муайян мекунанд. Илова бар ин, қайд кардан ҷоиз аст, ки ҷавҳари аслии иқтидори таъмини амнияти давлатии

миллӣ ба савияи фаҳмишу идрок, донишу қобилият ва ҳисси масъулиятшиносии ниҳоят бузурги мардуми мамлакатамон низ вобаста мебошад [152, с.9-23].

Сиёсатшиноси тоҷик А.Н. Маҳмадов дар зимни таҳлилоти худ ба чунин хулоса омадааст, ки ҷангҳо ва зиддиятҳоро бо мақсади ҳифзи манфиатҳои гуногун, хусусан иқтисодии худ кишварҳои абарқудрат дар ин ё он минтақа ташкил мекунанд ва ин омил аз ҷумлаи мушкилоте маҳсуб меёбад, ки дар шароити муосир ҳалли онҳо ба тақвияти сиёсати низомии давлатҳои миллӣ оварда мерасонад. Ҳар замон ба вуқуъ омадани ҷангу муноқишаҳои сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ҷиҳати соҳиб шудан ба захираҳои азими табиӣ ва инсонӣ нигаронида шудаанд, вале болоравии ташаннуҷи сиёсӣ барои кишварҳои ба тозагӣ истиқлолият ба даст оварда, ки иқтидори кофии ҳарбӣ ва иқтисодӣ надоранд, хавфҳои зиёд ба бор меоварад [61, с.104].

Муҳаққиқи дигар Р.Ш. Нуриддинов зикр менамояд, ки тағйироту дигаргуниҳои низомие, ки дар асри XX ва ибтидои қарни XXI ба вуқуъ пайвастаанд, рушду тараққии сохторҳои ҳарбӣ ва қудратиро ба бахши ҳаётан муҳим ва соҳаи бениҳоят зарурии давлатҳо мубаддал сохт. Вазъи сиёсии ноҳамвори ҷаҳони муосир таваҷҷуҳи тамоми давлатҳои дунёро ба он равона намуд, ки барои бақои қаламраву аҳолии кишвари худ ва барои ҳимояи марзу буми мамлакат ба таври ногузир сиёсати ҳарбиро густариш дода, талаботи мақомоти қудратии худро бо воситаҳои муосири низомӣ таъмин намоянд [28, с.79]. Воқеан. бесабаб нест, ки муаллиф ҳимояи марзу буми мамлакатро ба сохторҳои ҳарбӣ ва қудратӣ пайваст намуда, рушди сиёсати ҳарбиро дастгирӣ менамояд.

Ба ақидаи А. Додихудоева, мусаллаҳшавии бошитоби давлатҳои пешрафтаи дунёро боиси ба вуҷуд омадани бархӯрду зиддият, низоъ ва моҷароҳо дар муносибатҳои байналмилалӣ ва марзҳо буда, ба фазои амниятии мамолики дигар... таъсири манфӣ мерасонад [66, с.190].

Дар илми муосир афкору ақидаҳои мухталиф вобаста ба назария ва методикаи таъсис ва рушди мақомоти қудратӣ мавҷуд мебошад, ки аҳдофи он баланд бардоштани сифати тайёр кардани мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи ҳарбӣ мебошад. Зеро кори бенуқсони ниҳодҳои ҳарбии давлатӣ, ба вижа ҷузъу томҳои марзбониро кадрҳои боистеъдод ва соҳибтахассус таъмин карда метавонанд. Ба таълими муосир ва босифат фаро гирифтани ҳайати шахсии ниҳодҳои сарҳадӣ, сайқал додани маҳорати касбии ҳамаи звеноҳои қувваҳои мусаллаҳ ҳамчун кафили асосии муваффақ шудан ба комёбиҳо дониста мешавад.

Фаъолияти сохторҳои низомӣ асосан, барои мудофиа аз хатару таҳдидҳои дохилию берунӣ нигаронида шудааст, ки онҳо барои самтҳои мухталифи идоракунӣ таъин гардидаанд. Таҳқиқи мавқеи сохторҳои қудратӣ ҳамчун як такягоҳи асосӣ ва муҳим давлат дар ҳама давру замонҳо дар маркази диққати муҳаққиқон қарор дошта, гувоҳи категорияи сиёсиву таърихи будани муҳофизати қаламрави мамлакат дар сиёсати давлатдорӣ ба ҳисоб меравад.

Ин мавзуъ ҳамчун проблемаи илмӣ дар мароҳили мухталифи таърихӣ аз нигоҳи донишмандони улуми фалсафа, таърих ва сиёсатшиносӣ дар иртибот ба муҳити давру замонашон арзёбӣ ва таҳқиқ шудааст. Бештарини муаллифон дар осори худ ҳадафи мудофиавӣ ва амниятӣ доштани таъсиси мақомоти қудратиро таъкид кардаанд. Дар гузаштаҳои дуру наздик таҳкими иқтидори ҳарбию мудофиавии мамлакат ҳамчун омили асосии бехатарии кишвар дониста мешуд.

Бояд зикр кард, ки сохт ва таркиби мақомоти қудратӣ дар адабиёти соҳаи ҳарбию сиёсатшиносӣ ба таври муфассал тавзеҳ ёфтааст. Мувофиқи мулоҳизаҳои сиёсатшиносон ва мутахассисони назарияи ҳарбӣ, проблемаи тараққӣ додани имконоти сохторҳои қудратӣ, ки як шохаи зарурӣ ва муҳимми давлат ба ҳисоб меравад ва фаъолияти онҳо бевосита, ба дифои марз ва ҳудуди он, таъмини амнияти дохилӣ ва дифои манфиатҳои миллии кишвар нигаронида шудааст.

Дар чунин мавридҳо мақсади сиёсати низомӣ ва таъсиси сохторҳои қудратӣ, қабл аз ҳама, дастрасии комил доштан барои ҳифзи сохти мавҷудаи ҷомеа, таъмини манофеи миллӣ ва устувор гардидани пояҳои давлат ва иқтидори сиёсию ҳарбии он дар назар дошта мешавад.

Ба андешаи Р.Г. Янковский, сиёсати низомӣ қисми таркибӣ ва ҷудонопазири сиёсати давлатӣ ва мақомоти махсуси мудофиавие ба шумор меравад, ки фаъолияти он дар асоси қонунҳо ва муқаррароти ҳарбӣ роҳандозӣ шуда, ҳадафи асосиаш таҳкими қувваҳои мусаллаҳ, рушди пояи моддию техникии он ва дифои арзишҳои миллию давлатӣ мебошад [152, с.15-25].

Қобили зикр аст, ки заминаҳои ҳуқуқии таъсис ва ташаккули мақомоти қудратиро конститутсияи давлатҳо ва қонуну низомномаҳо оид ба мудофиаи ҳарбӣ ташкил намуда, дар алоқамандӣ ба асноди меъёрии ҳуқуқи башарӣ, хусусан Оинномаи СММ таҳия карда мешаванд. Рушду таҳкими мақомоти қудратӣ ва баланд бардоштани иқтидори мудофиавии он ба хотири дифои марзу бум ва ҳимояи ҳудуди мамлакат таҳия карда мешаванд. Аз ин сабаб, дар шароити муосир назария ва амалияи сиёсати ҳарбии давлатҳо бояд ба талаботи меъёрҳои демократии қабулгардида ҷавобгӯ бошанд. Аз ҷумла, тайёрии ҳарбӣ-стратегӣ, омода будани кишвар ба ҳамлаи душман, тартиби истифодаи неруҳои ҳарбӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ масъалаҳои асосии сиёсати ҳарбӣ ба ҳисоб мераванд.

Аҳаммияти назариявии ташаккул ва таҳаввули мақомоти қудратиро таҳкими усулҳои муҳорибавӣ, таҳлили вазъият, муайян намудани дурнамои ҳарбӣ ва баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбияи ҳарбӣ ташкил менамоянд. Масъалаи ташкили ҷузъу томҳои қушунҳои сарҳадӣ ва дигар навъи қуввахои мусаллаҳ, дар ҳолати тайёрии доимӣ нигоҳ доштани онҳо, бо таҷҳизот, техникаи ҷангӣ, лавозимот ва сарулибоси низомӣ, тарбияи хуби даъватшавандагон ба хизмати ҳарбӣ, ҳамкории байналмилалии ҳарбӣ ва дигар бахшҳои ба самтҳои дохилию берунии сиёсати ҳарбии давлат, ҷиҳати амалии фаъолияти давлатро дар бар мегиранд [92, с.58-71].

Аммо ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ моҳияти мақомоти қудратиро мудофиаи манфиатҳои дохилию хориҷии давлат ташкил медиҳад, ки дар он ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ унсури муҳимтарини сиёсати ҳарбии давлат ба шумор мераванд.

И.К. Ворченко ба он назар аст, ки сохторҳои қудратӣ яке аз бахшҳои махсуси мақомоти давлат маҳсуб ёфта, барои таъмини суботу оромии дохилӣ ва хориҷии он равона гардидааст ва бо ин мақсад таъсис дода шудаанд [23, с.19].

Воқеан, ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ воситаи зарурӣ ва қисми ҷудонопазири сиёсати давлатӣ ва таҳкимбахши мудофиаи дохилию берунии давлат ҳисобида мешавад. Дар заминаи чунин ақида, кори ин ниҳодҳо вазифаи калидӣ дошта, ба ҳалли масъалаҳо ба назари комплексӣ нигариста, ҳамаи паҳлу ва самтҳои таъмини бехатарии ҷомеа – ба эътибор гирифтани манфиатҳои дохилӣ ва берунии мамлакатро ба таври яклухт фаро мегиранд. Аз ин хотир, мавҷуд будани шароитҳои мусоид барои татбиқи сиёсати ҳарбӣ ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои берунаи ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ бо кишварҳои минтақа мусоидат мекунад. Ҳамин тавр, як паҳлуи фаъолияти идоракунии давлат дар самти нашъунамои сиёсати ҳарбӣ ва ҳамоҳанг сохтани муносибатҳои ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ хеле мухим арзёбӣ мегарданд.

Муҳаққиқони рус сиёсати берунии ҳарбиро вобаста ба хусусиятҳояш гуногунрангу бисёрҷабҳа ва мураккаб номида, таъкид месозанд, ки он танзими муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, дастгирӣ намудани сиёсати ҳарбӣ, ба имзо расонидани созишномаҳо доир ба равнақ додани соҳоти ҳарбӣ-техникӣ, такомули структураи қувваҳои мусаллаҳ, тайёр кардани мутахассисони ҳарбӣ ва фармондеҳӣ ва тарзи ташкили чорабиниҳои оперативию ҳарбӣ ва ғайраро талаб менамояд [23, с.19].

Чунин мулоҳизаву баёни афкор асоси илмӣ ва амалӣ дорад, зеро ки дар чунин давру замон авзои сиёсию ҳарбии ҷаҳони муосир пешгӯинашаванда ва зуд-зуд тағйирёбанда буда, амалисозии фаъолияти самараноки бахши берунӣ

ва умуман, сиёсати хориҷии ҳарбии давлат нақши назаррас дошта, он дар пояи ҳамоҳанг сохтани робитаҳои сиёсию низомии байни мамлакатҳо роҳандозӣ мешавад. Раванди ҳодисаҳои ҷаҳонӣ гувоҳи онанд, ки олам зери таъсири омилҳои гуногун қарор дошта, эҳтимолияти сар задани низоъҳои миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ боқӣ мондааст. Омили ягона дар ин самт рушди ҳамкориҳои ҳарбии давлатҳо буда, он дар заминаи ташкилёбии созмону иттиҳодияҳои гуногуни ҳарбӣ-сиёсӣ ба роҳ монда мешавад [36, с.95-105].

Аз таҳлили маълумотҳо бармеояд, ки ҳадафи ташкил намудани созмонҳои ҳарбӣ-амниятӣ дар шароити кунунӣ ин ба низом даровардани масоили марбут ба марзи байни давлатҳо, бехатарии минтақаи кишварҳои манфиатҳои умумидошта, назорат аз болои мусаллаҳшавӣ ва истеҳсоли силоҳи тактикиву стратегӣ ва мустаҳкам намудани робитаҳо дар доираи иттиҳоди ҳарбию сиёсӣ маҳсуб меёбад. Қобили зикр аст, ки дар шароити муосир иқдоми таъсиси созмонҳои низомӣ ва ба туфайли онҳо ҳифзи бехатарӣ, пешгирии таҳдиду хатарҳо ба анъанаи сиёсии абарқудратҳо табдил ёфтааст. Миёни коршиносон дар ин бора андешаҳо ба таври гуногун ҷой доранд. Ба ақидаи як гурӯҳи донишмандон агар таъсиси созмонҳои низомӣ аз як тараф боиси бехатарӣ ва таъмини амнияти кишварҳои узви он гардида бошад, аз ҷониби дигар, боиси вусъат ёфтани хатару таҳдидҳо ба давлатҳои дигар шудааст [80, с.553-561].

Моҳияти мақомоти қудратиро дар мафҳуми васеъ аз идораи ҳарбии фаъолияти давлат, ки ба танзими муносибатҳои дохилию хориҷии соҳаи ҳарбӣ равона гардидааст, вобаста медонанд. Мақомоти қудратӣ бо мақсади таъмини амнияти дохилӣ ва хориҷии давлатҳо амалӣ карда мешавад. Бинобар ин, давлат ҳамчун ташкилоти сиёсӣ муайянкунанда ва татбиққунандаи самтҳои дохилию хориҷии сиёсати ҳарбӣ буда, мавқеи хешро дар ин ҷода нигоҳ медорад. Чунин ба назар мерасад, ки сиёсати ҳарбӣ ҷузъи ҷудонопазири сиёсати дохилии давлат ва таъминкунандаи амнияти берунии он ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд, ҳам ҳадафи дохилӣ ва ҳам

хориҷии сиёсати ҳарбии тамоми кишварҳо ба мустаҳкамнамоии қувваҳои мусаллаҳ ва ҷузъу томи низомии он равона карда шудааст [19, с.830-835].

Баъзе муаллифон сиёсати ҳарбиро аз низоми соҳавии фаъолияти ҳарбӣ иборат медонанд, ки на танҳо ба ҳимояи давлат, балки ба таъмину ҳифзи соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ равона карда шудааст [46, с.27-55]. Маврид ба ёдоварист, ки рушди ҳаёти солими иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа аз мудофиаи марзу бум, амнияту субот ва дахлнопазирии давлат сарчашма мегиранд.

Суботи комили ҳар кишвар дар асоси сиёсати ҳарбии мутамарказ ба роҳ монда шуда, дорои асосҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва стратегӣ мебошад. Ҳар қадаре ки ниҳодҳои ҳифзи марзу буми давлатӣ тавонову пуриқтидор бошанд, ҳамон қадар муҳофизати ҳудуду қаламрави мамлакат, манфиатҳои халқу давлат сабуку осон сурат мегирад. Қудрати сиёсати ҳарбии давлат аз омодагии маънавию равонии ҳарбиён ва маҳорати техникии низомиён низ вобастагӣ дорад.

Яке аз роҳҳои самарабахши беҳтар намудани сиёсати ҳарбиро дар ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ ин баланд бардоштани тарбияи ватандӯстии низомиён дар бар мегирад. Амалишавии ин ҳадаф вазифаи дигари сиёсати ҳарбии ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ буда, ба баланднамоии шуури мудофиавӣ ва дар руҳияи ҳимояи Ватан тарбия намудани насли ҷавон равона гардидааст. Намояндагони мактабҳои гуногуни илмӣ бар он ақидаанд, ки сатҳи ватандӯстии низомиён ва ҷомеа, дар маҷмуъ, аз сатҳи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат вобастагӣ дорад. Зеро таҳияву татбиқи самти ғоявии сиёсати ҳарбӣ дар он сурат хислати оммавӣ гирифта, дар руҳияи мудофиаи Ватан тарбия намудани шаҳрвандонро ба ҳадафи стратегии хеш табдил медиҳад, ки онҳо ақибгоҳи моддии пойдории худро эҳсос намоянд [32, с.19].

Қайдҳои, боло далели онанд, ки дар рушду тавсеаи сиёсати ҳарбӣ дар ниҳодҳои ҳифзи марзи давлатӣ масъалаи такомули маърифати ҳуқуқию ахлоқӣ, ки дар меҳвари он меҳанпарастӣ ҷойгоҳи хос дорад ва аз он ибораю

таъбирҳои «муҳофизати Ватан», «ватандӯстӣ ҳамчун қарзи шаҳрвандӣ», «шуури худмудофиавӣ» метавонанд сарчашма гиранд.

Воқеан, мақсади асосии давлат дар ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ ин ба ҳисси ватандӯстии шаҳрвандон ва шуури худмудофиавии онҳо таъсири мусбат расонидан аст. Ин яке аз усулҳои стратегии сиёсати ҳарбӣ ҳисобида мешавад. Дар чунин мавридҳо давлат чун таҳиягари асосии сиёсати ҳарбӣ тамоми он муносибатҳои ҳарбиеро, ки ба самти фаъолияти худ марбут медонад, ба низом медарорад.

И.К. Варченко сиёсати ҳарбиро қисми махсуси сиёсати давлатӣ медонад, ки ба ҳаллу бартарафнамоии мушкилоти ҳарбӣ равона карда шудааст. Ба назари ӯ, яке аз воситаҳои азбайнбарии мушкилоти соҳаи ҳарбиро асосҳои ғоявии он ташкил менамояд. Бинобар ин, фаъолияти доимии соҳаи ҳарбии давлатро кӯшиши бевосита мустаҳкам намудани асосҳои ғоявии он ташкил медиҳад, ки ба шуури меҳанпарастии ҷузъу томи қуввaҳои мусаллаҳ таъсир расонида, ба пешгирии низоъҳо ва бартарафсозии таҳдиду хатарҳо мусоидат менамояд [32, с.19].

Воқеан, фаъолияти ҳарбии давлат ба шуури мудофиавӣ ва тарбияи ватандӯстии ҳарбиён дар ҳимояи Ватан алоқамандии зич дорад. Дар бисёр мавридҳо рушду нумуи меъёрҳои ғоявӣ аз иродаи субъектҳои сиёсати ҳарбӣ вобастагӣ дорад. Мавқеи махсусро дар ин ҷода роҳбарияти олии ҳарбӣ ва субъектҳои асосии низомӣ бар уҳда дошта, вазифадоранд, ки дар роҳи хизмат ба Ватан аз худ намунаи ватанпарастӣ ва ҷонфидоӣ нишон диҳанд. Хусусан, фарзандони онҳо бояд ҳатман дар ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ ба хизмат даъват карда шаванд, ки ба дигарон ҳамчун намуна нишон дода шаванд.

Ба ин зуҳуроти сиёсӣ В.А. Ксенофонтов таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, сиёсати ҳарбиро ҷузъи ҷудонопазири идоракунии давлат донистааст, ки ҷавҳари онро танзими кору амалиёти якҷояи ниҳодҳои қудратӣ, қуввaҳои мусаллаҳ ва дигар сохторҳои низомӣ ташкил дода, мақсади он таъмини ҳаёти осоиштаи мардуми кишвар ба ҳисоб меравад. Тибқи андешаи ӯ,

вазифаи аслии сиёсати ҳарбиро таъмини амнияти миллӣ, садоқатмандӣ ба қалamрав ва ҳифзи суботи шаҳрвандон аз таҳдидҳои гуногуни берунӣ ташкил менамояд [52, с.32-34].

Мавриди зикр аст, ки донишманд дар ин самт мавқеи субъектҳои сиёсати ҳарбӣ ва мақомоти баландтарини он – роҳбарияти олии ҳарбиро дар ҷойи аввал мегузорад, ки бевосита ба қабули қарорҳои ҳарбӣ ва иҷрои он равона мебошанд.

Ҳамзамон, ҳадафи доимии сиёсати ҳарбиро дар ин самт тайёрӣ ба мудофиаи кишвар ташкил медиҳад. Дар ин асос, сиёсати ҳарбиро коршиносон В.С. Волошко, В.И. Лутовинов, Ю.Н. Мотин ҳамчун бахши мудофиавии фаъолияти давлатӣ, ки бевосита ба таъсиси мақомоти ҳарбӣ, омоданамоии қувваҳои мусаллаҳ ва масъалаҳои ба ин муносиби низомӣ вобаста медонанд. Чунин мавқеи донишмандон моро ба он водор месозад, ки сиёсати ҳарбиро аз фаъолияти доимии мақомоти низомӣ хусусан, ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ ва қувваҳои мусаллаҳи он иборат донем, ки танҳо бо мақсади осоиштагии кишвар ва фазои ороми ҷомеа фаъолият менамоянд. Ба ақидаи мо, ин шакли баҳодиҳӣ ба сиёсати ҳарбӣ аз ҷиҳати мантиқӣ дуруст мебошад ва ба фаҳмиши муосири он, ки барои тайёрии ҷангии қувваҳои мусаллаҳ ва ҳифзи бехатарии миллию давлатӣ равона шудааст, мувофиқат мекунад [18, с.398].

Дар замони муосир суботу оромии кишварҳо бевосита аз идораи ҳарбӣ, ҷузъу томҳои низомӣ, аз ҷумла ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ ва таълими кадрии қувваҳои мусаллаҳ дар алоқа бо таҳдидҳои беруна алоқамандии зич дорад. Бинобар ин, ҷиҳати асосии масъаларо идораи мақомоти низомии давлатӣ ташкил медиҳад. Низоми ҳарбӣ дар заминаи ҳадафу самтҳо ва фаъолияти сиёсии давлат рушд намуда, асоси онро санаду меъёрҳо ва қарорҳои ҳукумат оид ба рушди қувваҳои мусаллаҳ муқаррар менамояд.

Ин ҷиҳатро ба эътибор гирифта, С.А. Мелков сиёсати низомии давлатро ҷузъи таркибӣ ва қисми ҷудонашавандаи сиёсати ҳукумат номида,

онро василаи муҳим омодагии ҷузъу томҳо барои дифои манофеи миллӣ ва таъмини осоиштагии дохилии кишвар ҳисобидааст [60, с.16-20].

Дар воқеъ, рушди сиёсати ҳарбӣ аз ҷумла, нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ, аслан ба сиёсати дохилии он вобастагӣ дорад. Ҳадафи асосии сиёсати ҳарбии давлати миллиро неруманд намудани қуввахои мусаллаҳ дар дохили кишвар ташкил медиҳанд. Бо назардошти болоравии сатҳи зиндагии мардум, нашъунамои вазъи молиявию иқтисодии мамлакат барои беҳтар гардидани иқтидори қуввахои мусаллаҳи он шароити мусоид фароҳам меояд.

Мавриди ба зикр аст, ки дар ҷомеаи ҳуқуқбунёд ҳадаф аз таҳкими сиёсати ҳарбӣ ва қуввахои мусаллаҳи давлатҳо баҳри таҳдиду истилои мамлакатҳои дигар равона нашуда, балки фақат барои таъмини амнияти миллиашон бояд истифода гарданд. Аз ин рӯ, дар ҷодаи татбиқи сиёсати ҳарбӣ ба масъалаи ҷанбаҳои илмию омӯзишӣ ва тахассусии он бештар эътибор дода, аз пиёда намудани тадбирҳои ҳарбигароӣ ва дигар иқдомҳои манфӣ худдорӣ кардан ба манфиати кор хоҳад буд.

Дар олами муосир сиёсати ҳарбии кишварҳо ба мустаҳкамнамоии асосҳои илмӣ-назариявӣ ва таълимию касбӣ чун заминаи рушду нумуи қуввахои мусаллаҳ зарурат доранд. Доштани заковати баланди сиёсӣ ва маҳорати касбии ҳарбӣ, аз як ҷониб, руҳияи муҳаббат ба Ватани хеш ва аз ҷониби дигар дахолат накардан ба корҳои дохилии дигар кишварҳоро тарбия менамояд.

Ба ин мазмун, чи қадаре ки заминаи илмӣ-назариявӣ ва омӯзишию тахассусии кормандону низомиён дар қуввахои мусаллаҳ ва ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ баланд бошад, нишондиҳандаи воқеӣ ва дастовардҳои онҳо дар иҷрои фаъолияти касбии ҷангӣ ҳамон қадар меафзояд. Дар ин раванд сиёсати ҳарбии давлат ба мутахассисони ҳарбӣ ва назарияпардозони низомӣ ниёз дошта, боиси пешравии маърифату заковат ва маҳорати ҳарбиён дар кишвар мегардад. Воситаҳои мусбати рушди ин соҳаро бо нишондиҳандаҳои зерин тавсиф намуда метавонем.

Масалан, ба андешаи Г. Жомини, дар рушди соҳаи ҳарбии давлат нақши имкониятҳои иқтисодӣ назаррас аст. Фаъолияти ҳарбӣ аз қудрати иқтисодии давлатҳо вобастагӣ дошта, яке аз нишондиҳандаи асосии сиёсати ҳарбӣ ба ҳисоб меравад. Самти иқтисодии сиёсати ҳарбии давлатро субъектҳои олии он муқаррар ва тасдиқ менамоянд. Аз ин рӯ, яке аз воситаҳои рушди сиёсати ҳарбиро имкониятҳои молиявию иқтисодии давлатҳо ташкил дода, воситаи самараноки ин соҳа маҳсуб меёбад. Имкониятҳои сиёсати ҳарбӣ, инчунин аз маҷмуи маҳсулоти дохилии кишварҳо вобаста буда, ба он миқдори аҳолӣ, сатҳи дастовардҳои илмӣ-техникӣ ва нишондиҳандаҳои миқдорию сифатии қувваҳои мусаллаҳ дохил мешаванд. Сарчашмаҳои иқтисодӣ омили муайянкунандаи сиёсати ҳарбӣ буда, ҳамчун неруи моддӣ ва қудрати асосии давлатҳо ба ҳисоб меравад [41, с.224].

Бояд гуфт, ки ба андешаи мо, иқтидори иқтисодии давлат маҷмуи нишондиҳандаҳои асосии сиёсати ҳарбӣ буда, омӯзишу таҳлили он дар таҳкими қувваҳои мусаллаҳ ва ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ амри зарурӣ ба ҳисоб меравад. Дар кишваре, ки иқтисодиёти он ҳамаҷониба пеш рафтааст, шароитҳои моддӣ ва молиявии сохторҳои қудратӣ муътадил буда, руҳияи низомиён дар муҳофизати манофеи давлатию миллӣ баланд ва ҳавасмандии онҳо дар дифои марзу буми кишвар меафзояд. Дар олами муосир ҳар як давлат сатҳу сифати миқдори қувваҳои мусаллаҳ, ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ ва қудрату тавоноии ҳарбии хешро дар асоси имкониятҳои иқтисодӣ муайян менамояд. Афзоиши имкониятҳои молиявӣ ва иқтисодии давлат нишондиҳандаи мусбат дар фаъолияти низомиёни он ба ҳисоб меравад.

И.Б. Кардашова менависад, ки чи дар гузашта ва чи дар замони муосир вазъи қувваҳои мусаллаҳ ва малакаю маҳорати ҷангии он пойбанди имкониятҳои молиявии давлат буданд ва мебошад. Дар замони муосир ба рушду инкишофи сиёсати ҳарбии давлатҳо имкониятҳои саноати ҳарбӣ ва истеҳсолкунандаи техникаи ҳарбӣ будани кишварҳо мақоми махсус дорад.

Таҳлилҳои илмӣ бартарии нишондиҳандаҳои иқтисодии соҳаи ҳарбиро ба давлатҳое мансуб медонанд, ки дорои бузурги молиявӣ ва саноати ҳарбӣ-техникӣ мебошанд. Боло рафтани неруи иқтисодӣ-ҳарбии давлат ҳамчун омили беҳтаргардии хизмати низомиён ва мудофиаи кишвар аз таҳдиду хатарҳо ба ҳисоб меравад [29, с.26-31].

Тавре коршиносони соҳа иброз медоранд, зери мафҳуми пояҳои иқтисодии сиёсати ҳарбӣ усули ташкили раванди истеҳсолот, таъминот бо анвои гуногуни амвол, истеҳсоли маҳсулоти ниёзи мардум, иқтидори саноатӣ ва моддию техникӣ дар назар аст, ки аз он тараққии сиёсати ҳарбии давлат вобастагӣ дорад. Давлат ҷиҳати амалисозии аҳдофи ҳарбӣ-стратегии худ аз манобеи иқтисодӣ ва молиявии дар ихтиёрдошта истифода бурда, барои таъмини манфиатҳои миллӣ шароитҳои мусоид ба миён меорад [163, с.103-105].

Мавриди баррасӣ аст, ки ҳадаф аз таҳким бахшидани имкониятҳои иқтисодии соҳаи ҳарбии хусусан, дар ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ пешгирии вайронкунии сарҳад, таъмини ҳифзи боэътимоди соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзии кишвар фаҳмида мешавад. Давлат танҳо дар заминаи таъминоти пурраи моддӣ метавонад ҳадафҳои худро амалӣ намояд. Бинобар ин, рушди иқтидори иқтисодии идоракунии ҳарбии давлат аз амали банақшагирии оқилонаи масъулон дар қабули буҷаи давлат ҳам вобастагӣ дорад.

Таҳқиқоти А.Б. Секачева дар ин самт нишон медиҳад, ки банақшагирии стратегии асосҳои иқтисодии сиёсати ҳарбии давлатро на танҳо таъмини мудофиаи кишвар, балки чораҳои пеш аз вуқуъ баамалоии таҳдиду ҳуҷумҳои ногаҳонӣ ташкил менамоянд. Раванди банақшагирии имкониятҳои иқтисодӣ дар сиёсати муосири ҳарбӣ бештар ба кишварҳои абарқудрат хос мебошад [99, с.48-59].

Ба андешаи мо айни замон, ҳам давлатҳои хурд ва ҳам мамлакатҳои пуриқтидори дунё дар амалӣ намудани сиёсати худ дар муқоиса бо рушди соҳаҳои илму маориф, иҷтимоӣ ва тандурустӣ, инфраструктура ва ғ. ба

тараққии соҳаи ҳарбӣ, навсозии техникаву воситаҳои ҷангӣ, баланд бардоштани сатҳи касбии мутахассисони низомӣ ва афсарон бештар маблағгузорӣ намуда таваҷҷуҳи хосса зоҳир месозанд. Имрӯзҳо чунин сиёсат ба кору фаъолияти рӯзмарраву доимии кишварҳои мустақил табдил ёфта истодааст.

Хулоса, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таҷрибаи кишварҳои камиқтидор мудом дар зери тазйиқу фишори сиёсию низомии кишварҳои муқтадиру тавоно қарор доранд ва пайваста барои дифоъ аз манфиатҳои миллию давлатии худ кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Зеро таҳлили вазъи сиёсию ҳарбӣ дар ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ нишон медиҳад, ки абарқудратҳои олам зӯроварии мусаллаҳонаро ҳамчун воситаи муҳимми таъсиррасонӣ ба кишварҳои хурду заиф истифода намуда, ба ташкили созмону иттиҳодияҳои ҳарбӣ рӯ меоранд.

Аслан, таъсиси созмони ҳарбӣ раванди муносибатҳои байналхалқиро мураккаб ва таваҷҷуҳи кишварҳои иқтидорашон сустро бештар ба худ ҷалб менамояд. Вазъи ногувори сиёсӣ-ҳарбии муосир хатарҳои ногаҳонӣ дошта, дар ҳар маврид метавонад ба амнияти кишварҳои тозаистиқлол ва ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатиашон таҳдид намояд. Мураккаб гардидани муносибатҳои иттиҳодҳои ҳарбӣ боз ҳам неруманд гардидани қуввaҳои мусаллаҳи давлатҳои пешрафта кишварҳои миллиро муваззаф месозад, ки ба сиёсати ҳарбии хеш ҳамчун ба омили асосӣ назар намуда, сатҳу сифати асосҳои молиявии ин соҳаро боло бардоранд.

Ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ ва сохторҳои қудратӣ ин кумитаҳо, вазоратҳо ва хадамоте мебошанд, ки аз ҷониби давлат махсус таъсис ва дастгирӣ карда мешаванд. Фаъолияти чунин ниҳодҳо ва сохторҳо дар кишвари мо ба ҳифзи сохти конститутсионии давлат ва тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рафъи таҷовузи эҳтимолии беруна ва нигоҳ доштани тартиботи ҳуқуқӣ дар дохили кишвар, татбиқи сиёсати давлатӣ ва танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба амнияти миллӣ нигаронида шудаанд. Чун қоида, ин ниҳодҳо сохтори мураккаби дохилӣ доранд, ки аз

дастгоҳи марказӣ ва муассисаҳои гуногун, иттиҳодияҳо, ҷузъу томҳо ва воҳидҳои таркибӣ иборатанд.

1.2. Таҳлили вазифавӣ ва меъёрии ҳуқуқии доктринаҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ

Таҳлилҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки давлат ва идоракунии он бе амалӣ сохтани сиёсати низомӣ, бе заминаи омӯзишию пойгоҳи амалӣ, бе тараққиёти комплекси ҳарбию саноатӣ ва корҳои дигари марбут ба фаъолияти ҳарбии ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ номумкин аст. Бояд фаъолияти давлат дар самти амалияи сиёсию низомӣ ифодакунандаи нишондодҳои сифатию миқдори идоракунии ҳарбӣ бошад. Аз ин лиҳоз, чунин фаъолият ҳамчун раванди мақсаднок барои таъмини бехатарии миллию давлатӣ нигаронида шуда, истифодаи қуввaҳои мусаллаҳро пайваста тақозо месозад. Дар робита ба ин мавзуъ фаъолиятҳои ҳарбӣ-сиёсиро бар ду навъи асосӣ тасниф кардаанд:

1) бунёди неруҳои ҳарбӣ ва таҳкими пояи моддию техникии онҳо; 2) истифодаи ҷузъу томҳои низомӣ барои мудофиаи сарҳад, қаламрави давлат ва ё ташкили ҳуҷум.

Ин гуна гурӯҳбандӣ пурра ва нопурра будани масъалаи чӣ гуна будани сохтори корҳои сиёсию ҳарбиро муайян мекунад, зеро ки рукнҳои муҳими ин шакли фаъолият, амсоли мақсадгузорӣ, воситаҳо ва дурнамо, агар бенуқсон бошанд, онро бе душворӣ амалӣ кардан имконпазир мегардад. Истисно аз ин, структураи ин фаъолиятро тавассути стратегия, амалиёт ва тактика ҳам дақиқ кардан мумкин аст. Агар масъалаҳои матраҳшударо ба эътибор гирем, се давраи асосии ташкили фаъолияти ҳарбӣ-сиёсиро пешниҳод кардан мумкин аст:

Давраи 1 – аниқ кардани ҳадафу вазифаҳо: анализ ва синтези вазъият, дурнамои дигаргуншавии вазъият, роҳҳои татбиқи вазифаҳо доир ба мақсади гузошташуда, ҳамчунин фаъолияти сохтор дар ояндаи наздик.

Давраи 2 – сохтани нақшаи чорабиниҳои имконият ва амалисозии ҳалли масъалаҳои гузошташуда: таҳлили мавҷудияти шароитҳо ва воситаҳои зарурӣ, ба назар гирифтани хавфу таҳдидҳои эҳтимолӣ, дастрас намудан ва таҳлил намудани иттилоот, хулосаву қарорҳои сиёсию ҳарбӣ ва муҳокимаи натиҷаҳои бадастомада, таҳқиқи тарҳи амалиёт бо мақсади расидан ба мақсадҳои гузошташуда.

Давраи 3 – ноил шудан ба натоиҷи чашмдошт: амалӣ намудани нақшаи фаврӣ, назорати ҳамешагии иҷрои нақша, вобаста ба дигаргуниҳои бавуқуъомада тағйир додани нақшаи амал ва ё вазифаҳои ҷудогонаи он, арзёбии натиҷаҳои бадастомада вобаста ба дараҷаи самаранокии онҳо [14, с.22].

Доир ба моҳият ва таҳлили ин даврaҳо андаке бештар таваққуф намудан зарурат дорад. Дар давраи якум, яъне зимни дақиқ намудани мақсадҳо муносибати байниҳамдигарии «мақсад» ва «стратегия»-ро дақиқ ва равшантар баён кардан муҳим мебошад. Истилоҳи «стратегия» аз забони юнонӣ иқтибос гардида, маънои луғавию истилоҳии он «санъати ташкили муҳориба» аст.

Вале ин мафҳум дар замони муосир барои ифодаи мафоҳим ва маъонии зерин ба кор бурда мешавад:

1) ба маънои истилоҳӣ: масъалаҳои назариявӣ ва хусусияти амалӣ доштаи ташкили чорабиниҳои ҳарбӣ;

2) ба маънои васеи луғавӣ: низоми қабули хулосаву қарорҳо: муайян намудани самтҳои фаъолияти миқёсан бузург, ки татбиқи зина ба зинаи онҳо метавонад ба натиҷаҳои дилхоҳ оварда расонад ва барои амалисозии ҳадафҳои матраҳшуда мусоидат карда тавонад. Дар системаи сиёсати ҳарбӣ ба маъноҳои якум ва дуюм фаҳмидан ва ба кор бурдани истилоҳи стратегия хеле муҳим мебошад.

Хусусан, масъалаи муайян кардани муносибати ҳадафҳо бо стратегияи ҳарбӣ ва стратегияи ҳарбӣ-сиёсӣ ба муҳимияти зиёди илмию амалӣ молик мебошад. Олими америкоӣ Э.Д. Кингстон-Макклари дар рисолаи худ

навъҳои мухталифи стратегияи ҳарбӣ ва муносибати онҳоро бо сиёсати ҳарбӣ таҳлил намуда, чунин менигорад, ки «дар замони осоишта ҷилавгирӣ аз ҷангҳо ва бе истифодаи ҷанг дар дараҷаи кофӣ муҳофизат кардани манофеи миллию давлатӣ мақсади асосии стратегияро ташкил мекунад. Дар рафти муҳорибаҳо бошад, мушаххас сохтани мақсади ҷанг, таҳия намудани нақша ва тарзу услубҳои хотима додани амалиётҳои низомӣ мақсади стратегия ба ҳисоб меравад» [61, с.65].

Аз музокироти боло чунин бармеояд, ки мақсади сиёсию низомии давлат гуногунсатҳу гуногунсамт ва бисёрҷабҳа буда, дар намуди иерархиявии мақсадҳо таҷассум меёбад. Дар системаи сиёсати ҳарбӣ ба ҳайси ҳадафи асосӣ стратегияи ҳарбии давлат дар ҷодаи пешбурди корҳои ҳарбӣ муайян карда шудааст. Стратегияи ҳарбии давлат дар асноди ҳарбӣ-сиёсӣ, ба монанди доктринаи ҳарбӣ, консепсияи амнияти миллӣ ва ғ. инъикос ёфта, дар татбиқи нақшаҳои низомию сиёсии давлат нақши муҳим мебозад.

Ин қабил санадҳои сиёсию ҳарбӣ, ки онҳо бояд хусусиятҳои стратегӣ дошта бошанд, дар тамоми мамлакатҳои дунё вуҷуд доранд. Масалан, дар Штатҳои Муттаҳида «Қонун дар бораи амнияти миллӣ» (1974) қабул гардид, ки дар заминаи он президенти мамлакат ҳама сол ба Конгресс роҷеъ ба «Стратегияи амнияти миллии ШМА» ҳисоботи муфассал пешниҳод менамояд.

Ҳар як давлати соҳибихтиёр дар ҷодаи амалӣ сохтани сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ асноди муҳимро, чун ***доктрина, консепсия*** ва ***стратегияи амнияти миллӣ ва амнияти ҳарбӣ*** қабул намуда, иҷрои онҳоро таъмин менамояд. Чунончи, дар Тоҷикистон қаблан санаде монанди «Консепсияи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2003) ба тасвиб расид, баъдан «Доктринаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2005) тасдиқи худро ёфт ва тадриҷан стратегияҳои давлатӣ, ба хусус «Стратегияи мубориза бо терроризм ва экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул ва мавриди иҷро қарор гирифтанд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки стратегияи сиёсии давлатро, ҳадафҳое ташкил медиҳанд, ки дар онҳо самтҳои гуногуни сиёсати ҳарбӣ, ба мисли сохтмони иншооту истеҳкомҳои ҷангӣ, рушди илму техника ва саноати ҳарбӣ, методикаи воситаву техникаи ҷангӣ ва технологияҳои навии ташкили амалиётҳои ҷангӣ; ҷобаҷогузории кадрҳо ва имкониятҳои сафарбарии давлат дар бобати обутоб додани ҳайати шахсии имкониятҳои қувваҳои мусаллаҳ ва омода кардани қувваҳои эҳтиётии захиравии ҳарбии таълимгирифта, ки дар муҳити афзоиши босуръати пуршиддат шудани авзои байналмилалӣ, таҳияи стратегияи ҳарбӣ дар ҷараёни муҳорибаҳо ва амсоли инҳо тадбирҳои муҳим маҳсуб меёбанд [61, с.400].

Чӣ тавре ки аз натиҷаи мушоҳидаҳо собит мегардад, стратегияи ҳарбӣ тавассути мақсадгузориҳо мушаххас гардонида мешавад, ки дар онҳо ҳам қувваҳои низомӣ ва ҳам шароиту имкониятҳои давлат барои расидан ба мақсадҳои ниҳоии ҳарбӣ равона карда шудааст. Бинобар ин, ба таври саҳеҳ муайян намудани ҳадафҳои стратегии ташкил ва роҳандозии амалиётҳои ҳарбӣ ва вазифаҳои ҷудогонаи он ҷиҳати мушаххас гардидани ҷойгоҳи ширкаткунандагони чунин амалиётҳо дар ҷараёни амалӣ сохтани нақша ва гузаронидани чорабиниҳои амалӣ саҳми бориз дорад.

Давраи 1-ум дар самти муайян намудани мақсаду вазифаҳои стратегӣ масъалаи калидӣ маҳсуб мешавад, вале дар давраи 2-юм – банақшагирии имкониятҳо ва қабули хулосаву қарорҳои ҳарбӣ-сиёсӣ мақоми хосса касб менамояд. Дар робита ба нақшаи стратегии қабулгардида ҳайати роҳбарикунанда ва иҷрокунандагон субъектҳои фаъолияти низомию сиёсӣ дониста мешаванд. Дар ин росто, ҳамчунин воситаву роҳҳо, методу тарзҳо ва захираҳои мавҷуда дақиқ карда мешаванд. Масъалаи таҳқиқ ва коркарди таҳдидҳои эҳтимолии ҷойдошта ва бо назардошти онҳо қабул намудани қарорҳои алтернативӣ аз зумраи муҳимтарин вазифаҳои оперативӣ маҳсуб меёбанд, ки амалҳои мазкур дар натиҷаи ба вуқуъ омадани омилҳои гуногун анҷом мепазиранд. Мувофиқати унсурҳои таркибии мундариҷаи фаъолият нисбат ба ҳамдигар яке аз меъёрҳои асосӣ бояд ҳисобида шавад. Чунончи,

мувофиқати мақсад ва вазифаҳо дар бобати ба назар гирифтани шароиту имкониятҳои субъект муҳим мебошанд. Барои пурра бар ҳадаф расидан бояд воситаву усулҳо ва захираҳои ҷойдоштаро ҳам бо мақсади субъект ҳамоҳанг намоянд [57, с.560].

Пас аз анҷоми ин амалҳо нақшаи дурнамои вазъият чун низоми амалиётҳои баъдина матраҳ мегардад, ки он асосан, барои татбиқи бобарори мақсади стратегӣ равона карда шудааст.

Ноил гардидан ба натиҷаҳои дилхоҳ аз иҷрои дурусти вазифаҳо вобаста буда, ҷиҳати татбиқ гардидани нақшаи стратегӣ шароит муҳайё месозад. Ҳамчунин, барои муваффақ шудан ба натоиҷи чашмдошт омилҳои объективӣ ва субъективӣ низ муҳим мебошанд, зеро таъсири мусоид ва номусоиди муҳити беруна, интихоби иҷрокунандагони амалиётҳо, роҳу методҳо ва воситаҳои фаъолият, тарҳрезӣ ва қабули нақшаҳои фаъолият, таъсири ҳолатҳои ғайричашмдошт ва ногаҳоние, ки дар рафти сохтани нақша ба эътибор гирифта нашудаанд, муҳим мебошанд [155, с.75-86].

Таҳлилҳо собит месозанд, ки дар рафти мақсадгузории стратегӣ, бавижа дар ҷараёни фаъолияти бевоситаи ҳарбӣ-сиёсӣ мушкилоти мухталифе ҷой доранд, ки ба фарҷоми чунин амалиётҳо таъсири воқеии худро мерасонанд. Масалан, вазъи мураккаби сиёсию низомии минтақа ва ҷаҳон, шиддатнокии омилҳои геополитикӣ; рушди иқтисодиёти мамлакат, комёбиҳои илму техника, фазои иҷтимоӣ, маънавӣ-ахлоқии ҷомеаи кишвар ва қувваҳои мусаллаҳ аз иҷрои вазифаҳои муқарраршуда: омодагии ҳарбӣ, тафаккури ҳарбӣ-сиёсӣ, иродаи сиёсии фармондеҳии олӣ, идоракунии амалиётҳои ҳарбӣ дар шароити ҷанг ва замони осоишта намунаи чунин омилҳо буда метавонанд. Вобаста ба таъсири омилҳои мусбат ва манфӣ агар қабул ва иҷрои қарорҳо хубтару беҳтар ба роҳ монда шаванд, зарур меҳисобем, ки таҳлилу баррасӣ ва муқоисаву муқобалаи вазъияти ҳарбӣ-сиёсӣ: бурду бохтҳо низ ба таври саҳеҳ муқаррар карда шаванд.

Омилҳои дохилию берунӣ доимо ба субъекти сиёсати ҳарбӣ таъсир мерасонанд. Аввалан, субъекти сиёсати ҳарбӣ, масалан ниҳодҳои ҳифзи

сарҳади давлатӣ пайваста дар зери таъсири авзои сиёсии беруна ва фаъолияти ҳарбии субъектҳои дигар қарор дорад. Баъдан, ба фаъолияти онҳо омилҳои дохилӣ низ дар шароитҳои мухталиф таъсири худро мегузоранд. Авзои ҳарбию сиёсӣ дар арсаҳои ҷаҳонӣ ва тағйирпазирии онҳо омилҳои берунӣ (хориҷӣ)-ро ташкил медиҳанд: таносуби қуввахои ҳарбӣ, нуқтаҳои ҷойгиршавии онҳо, мавҷуд будани минтақаву марказҳои низоъангез ва пуршиддат, ки ба амнияти ин ё он кишвари дигар хатару таҳдидҳо ба бор меоранд. Омилҳои мазкур ба хусусияти объективӣ молик мебошанд, чунки мавҷудияти онҳо аз иродаи субъекти амнияти ҳарбӣ ва сиёсати ҳарбӣ вобастагӣ надорад.

Субъекти сиёсати ҳарбӣ, аз ҷумла ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ ба воситаи ниҳодҳои махсус, ба хусус иктишофи ҳарбӣ (разведка) доимо маълумоти муҳим заруриро дастрас намуда, бо вазъияти ҳарбӣ-сиёсии беруна робитаи бевосита барқарор менамояд.

Ин субъект омилҳои берунаро пайваста таҳлилу таҳқиқ намуда, самтҳои фаъолияти ҳарбӣ-сиёсии худро муайян месозад ва қарорҳои арзишманди стратегӣ қабул мекунад [15, с.15]. Зарурати қабули қарорҳои ҳарбӣ-сиёсӣ дар шароити гуногун бо он асоснок карда мешавад, ки қарорҳои қабулгардида аз рӯйи мазмуну мундариҷа ва самтҳои худ аз ҳамдигар ба таври ҷиддӣ фарқ дошта бошанд. Масалан, агар дар солҳои 80-уми асри XX бинобар ташаккули ҷаҳони бисёрқутба (Иттиҳоди Шуравӣ – ШМА ва ё «Аҳдномаи Варшава» – блоки НАТО) таҳдиди ҷангҳои миқёсан калон ва зарурати ҳамкорӣ барои ҳалли масъалаҳои ҷаҳонӣ дар сиёсати хориҷии давлатҳои тараққикардаи олам масъалаҳои ҳамгироӣ ва шарикии стратегӣ проблемаи калидӣ ё меҳварӣ маҳсуб ёбад, пас дар ибтидои асри XXI бо афзудани хавфҳои терроризми байналмилалӣ, хатари эҳтимолии ба вуқуъ омадани ҷанги байни давлатҳо ва ё гурӯҳи давлатҳо бо истфодаи силоҳи ядроии миқёсан хурд, ба хусус бо иштироки давлатҳои наве, ки яроқи ҳастаӣ ва воситаҳои техникии интиқолдиҳандаи онро доранд, дар мушкилоти

таъмини бехатарии миллию давлатӣ ва ҳарбӣ дар мавқеи аввал ҳамчун зарурат ҷой гирифтааст.

Тавре ки маълум аст, яке аз аломатҳои махсуси давлат мавҷуд будани хати марзи он мебошад. Ҳудуди давлат фазоест, ки қудрату имкониятҳои он дар қаламрави муайян паҳн мешавад. Мукаммал будани ҳудуди давлат маънои дахлнопазирии сарҳадҳо ва ҳудуди мамлакатро ифода мекунад. Кафолати муҳимми якпорчагию ягонагии арзии Тоҷикистон тамаркузи роҳҳои ҳалли ҳама масъалаҳои муайян кардани вазъ ва ҳифзи сарҳади давлатӣ мебошад.

Аз ин лиҳоз, ба уҳдадориҳои вазифавии ниҳодҳои ҳифзи марзу буми давлатӣ шомил кардани масоили бо ҷанг ва сулҳ, мудофиа ва бехатарӣ, муқаррар намудани тартибу низоми тиҷорати силоҳҳои гуногун, воситаву лавозимот барои ҷанговарон, техникаи ҷангӣ ва дигар амволи ҳарбӣ, инчунин сиёсати хориҷӣ, муносибатҳои тарафайни дуҷониба ва бисёрҷониба, бастани аҳдномаҳои байналхалқӣ ва ҳамкориҳои иқтисодии берунӣ ва амсоли инҳоро илова кардан ҷоиз мебошад.

Дифои марз як ҷузъи таркибии системаи таъмини бехатарии миллӣ ва давлатӣ буда, ташкили он аз татбиқи сиёсати давлат дар ин самт вобастагӣ дорад. Ҳифзи сарҳад кори дастаҷамъонаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва хадамоти махсуси сиёсию ҳарбӣ мебошад, ки онҳо дар иҷрои уҳдадориҳои ба зимма доштаашон барои роҳандозии чораҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, андешидани тадбирҳои дипломатӣ, ҳалли проблемаҳои иқтисодии минтақаҳои марзӣ, бунёди истеҳкомҳои мудофиавӣ, дидбонгоҳҳои сарҳадӣ, пешбурди фаъолияти иктишофӣ ва контрразведкавӣ, корҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, назорати гумрукӣ, муҳофизати муҳити атроф, риояи муқаррароти санитарию эпидемиологӣ ва амсоли инҳо чораҷӯӣ мекунанд [19, с.217].

Амалӣ намудани чунин тадбирҳо бе дастгирии ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, ширкати бевоситаи шаҳрвандон кори душвор аст. Иҷрои корҳои марбут ба дифои марз дар асоси муқаррароти асноди меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, ки онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

қонунгузории он муайян кардааст, ба роҳ монда мешаванд. Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ доир ба масъалаи ҳифзи марзи давлатӣ бо назардошти риояи принсипҳои эътирофгардида, иҷрои талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва созишномаҳои ба имзо расонида ҳамкориҳо дорад.

Зимни ибораи «муҳофизати марзи давлатӣ», аввалан, пуштибонии манфиатҳои ҳаётан муҳимми давлат, ҷомеа ва шаҳрвандони мамлакат, қаламрав ва марзи минтақаҳои наздисарҳадӣ – навоҳӣ ва шаҳрҳои маъмурӣ, иншоотҳои гуногуни иқтисодӣ, ҳарбию стратегӣ, соҳилҳои дарё, кӯлу обанборҳо ва амсоли инҳо фаҳмида мешавад. Бояд таъкид намуд, ки ҳамеша масъулияти таъмини бехатарӣ ба уҳдаи мақомоти идоракунии қувваҳои мусаллаҳ гузошта шудааст. Дар ин замина рафти таъмини бехатарии сарҳади давлатиро бо мақсади пешгирӣ намудан аз ҳодисаҳои ғайриқонунӣ тағйир додани ҷихати марзи давлат, риояи тартибу қоидаҳои муқарраршуда дар минтақаҳои наздисарҳадӣ ва гузаргоҳҳои расмиро ашхоси масъули ҳуқуқию воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба сомон мерасонанд.

Дар марҳалаи муосири таърихӣ дар шароити соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи мақомоти қудратӣ дар ҳифзи манофеи миллию давлатӣ хеле назаррас гардид. Бояд тазаккур дод, ки бо барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ва соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми идории он тағйироти куллӣ ба амал омад. Тоҷикистон, тавреки қаблан зикр гардид, аз давлати абарқудрати шуравӣ дар соҳаи низомӣ мероси зарурии ҳарбӣ ба даст наовард ва сохторҳои қудратии кишвар иқтидори таъмини тартибот ва сулҳу амниятро дар солҳои аввали тозаистиқлолӣ надоштанд. Ба ибораи дигар, ҷумҳурӣ дар мақоми сиёсӣ соҳибмухтор буда, дар бобати пешбурди фаъолияти пайвастаи мақомот ва зерсохторҳои қудратӣ, қувваҳои мусаллаҳ имконияти бевосита идоракунии авзои сиёсӣ, ҳарбӣ ва таъмини амнияти кишварро дар минтақа молик набуд. Бинобар ин, дар баробари ба даст овардани мустақилияти сиёсии давлатӣ гурӯҳҳо ва доираҳои гуногуни манфиатдор ба қудратталабӣ оғоз карданд ва ин омил боиси ба амал омадани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гардид.

Ҷанги шаҳрвандӣ дар ҳолате рух дод, ки тамоми мақомоти қудратӣ дар ҳолати парокандагӣ қарор доштанд. Умуман, ба Тоҷикистон хавфи маҳв гардидан ҳамчун давлат таҳдид менамуд. Идораҳои қудратӣ дар вазъи духӯраи ичрои вазифаҳои хизматӣ қарор доштанд. Як қисми кормандони мақомоти давлатӣ «То омадани табар кунда меосояд»-гуфта бетарафиро пеша карда буданд, баъзеи дигарашон узви ҳаракатҳои гуногун буданро авло донистанд.

Дар чунин вазъияту шароит ба роҳ мондани фаъолияти бенуқсону мунтазами марзбонӣ кори миёншикан ба шумор мерафт. Вале таъсиси ниҳодҳои сарҳадӣ дар шакли аввалия хеле муҳим ва зарур буд. Ин заруратро Сарвари мамлакат дар ҳама чорабиниҳои сиёсӣ, ки бо фаъолияти сохторҳои қудратӣ иртибот доштанд, мудом таъкид намуда, мавҷудияти хадамоти марзбониро ҳамчун сохтори муҳофизаткунандаи марзи давлатӣ, омили таъминкунандаи амнияти мардум ва сарзамини мамлакати тозаистиқлол меҳисобиданд. [75].

Бахши амният дар маҷмуъ сохтор ва вижагиҳои худро дар давраи тағйироти давраи татбиқи Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, ки соли 1997 ба имзо расида буду ба ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар хотима гузошт, нигоҳ доштааст. Дар ҳамин ҳол, аз солҳои 90-уми қарни гузашта дар бахши амнияти Тоҷикистон ба таҳкими Вазорати корҳои дохилӣ ва Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, ки ба онҳо воҳидҳои омодаи ҷангӣ ва омодагии ҳирфаӣ шомил буданд, таваҷҷуҳи хосса зоҳир мешавад. Эҳтимол, ин аз он сабаб буд, ки дар он замон бештари таҳдидҳо ба сулҳу субот дар кишвар хусусияти дохилӣ доштанд.

Ба ҳайати Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин мақомотҳо шомил мешаванд:

- Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ниҳоди асосӣ ва бевоситаи таъмини амният дар мамлакат мебошад, ва фаъолияти Қуввaҳои мусаллаҳ ва Гвардияи миллии кишварро ба танзим медарорад.

- Ба вазифаҳои хидматии сохторҳои Вазорати мудофиаи Тоҷикистон ҳамчунин назорат ва хариди лавозимот ва техникаи зарурӣ барои қисмҳои ҳарбии дар ихтиёри Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта дохил мешаванд.

Дар сохтори идоракунии ВМ Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 зерсохтор (шуъбаҳо) вуҷуд доранд, ки дар миёни онҳо шуъбаҳои таълиму таҳсилот, муҳандисӣ, техникӣ, қувваҳои ҳавоӣ, амалиётҳои фаврию ҷустуҷӯӣ ва ғайра мавқеи назаррас доранд. Ба сохтори Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон – қушунҳои хушкигард, қувваҳои ҳарбию ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ дохил мешаванд. Сохтори пуркувват ва омодатарин дар Қувваҳои мусаллаҳи ҷумҳурӣ ин қушунҳои сайёр, аз ҷумла воҳидҳои десантӣ ва неруҳои таъиноти махсус ба ҳисоб мераванд.

Ҳайат ва теъдоди неруҳои сайёр бо тавоноии неруҳои хушкигард баробар буда, ҳудуди 20 000 нафар низомиёнро ташкил медиҳад. Ҳама навъҳо ва ҷузъу томҳо, неруҳои таъиноти махсус ва гуногундошта мақсади ягона доштанд – таъмини бехатарӣ дар дохили кишвар ва ҳифзи амнияти сарҳадию бурунии мамлакат. Ба таркиби неруҳои қудратии кишвар инчунин Гвардияи миллӣ шомил мебошад, ки он воҳиди ҳарбии таъиноти махсуси мустақил буда, бевосита ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ итоат мекунад. Мутобиқи қонунгузорӣ ба вазифаҳои он таъмини амнияти маҷлисҳои протоколӣ, иҷрои чораҳои амниятӣ, низомӣ, оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, техникӣ ва дигар тадбирҳои ҳифзи объектҳои давлатӣ дохил мешаванд. Ҳамзамон, ба қисми таркибии сохторҳои қудратии кишвар Вазорати корҳои дохилӣ низ дохил мешавад, ки дорои воҳидҳои алоҳидаи мусаллаҳ бо аслиҳаи вазнин ва неруҳои махсус мебошад [66, с.113-121].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» кору фаъолияти кормандони умури дохиларо аз сатҳи кормандони қаторӣ то ҳайати роҳбарикунанда ба танзим медароранд. Дар асоси ин ҳуҷҷат масъулони ин сохтор вазифадоранд, ки зиндагии осоиштаи шаҳрвандони мамлакат ва табааи кишварҳои хориҷиро дар қаламрави ҷумҳурӣ таъмин намоянд. Онҳо

ҷиҳати ҳифзи низоми муқарраршудаи ҷамъиятӣ, амволи давлатӣ, хусусӣ ва амнияти ҷамъиятӣ саъю кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон аз раёсату бахшҳо, шуъбаю шуъбачаҳои гуногун, аз қабили раёсатҳои кофтукови ҷиноятӣ, мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, мубориза бо ҷиноятҳои муташаккил, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ; шуъбаҳои тафтишот, криминалистӣ, хадамоти шиносномадиҳӣ ва бақайдгирӣ, бозрасии бехатарии ҳаракати автомобилӣ ва монанди инҳо иборат мебошад.

Прокуратураи генералӣ яке аз ҷузъҳои таркибии сохторҳои қудратии мамлакатро ташкил медиҳад, ки вазифаи он таъмини риояи бечунучарои қонунҳо ва пайгирӣ аз фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, идораҳо, корхонаву ташкилотҳои гуногун, муассисаҳо, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон иборат аст.

Ҳамчунин, ба ҳайати ин сохтор Суди олии Тоҷикистон ва зерсохторҳои он дохил мешаванд, ки ба вазифаҳои хидматии кормандони додситонӣ таҳияи тадбирҳо ҷиҳати пешгирии ҷиноятқорӣ, муқовимат бо фасод, терроризм, экстремизм ва ҳамоҳанг сохтани кори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ин ҷода шомил мебошад. Ба сохтори Прокуратураи генералӣ ҳамчунин Прокуратураи ҳарбӣ дохил мешавад, ки риояи қонунгузории кишварро дар Қувваҳои Мусаллаҳ тавассути прокуророни ҳарбӣ назорат ва амалӣ менамояд.

Кумитаи давлатии амнияти миллӣ тибқи қонунгузорӣ ба мақомоти иҷроия мутааллиқ буда, дар ҳайати он мақомоти иктишофӣ ва контрразведка ҷойгоҳи хосса доранд. Дар доираи салоҳияташ ин сохтор ҳалли вазифаҳои таъмини амнияти миллӣ ва давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлолро амалӣ менамояд. Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон вориси Кумитаи амнияти давлатии ҶШС Тоҷикистон (дар ҳайати КГБ-и ИҶШС) мебошад ва муттасилӣ на танҳо дар соҳаи тарбияи кадрҳо ва усулҳои кори оперативӣ зоҳир мегардад, инчунин дар ҷаҳонбинӣ ва хусусияти дарки таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ хоси он аст.

Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон ваколатдор аст, ки корҳои тафтишотӣ, оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва иктишофиро анҷом диҳад. Тибқи қонун, роҳбарии фаъолияти ин ниҳодро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути раиси Кумитаи давлатии амнияти миллӣ амалӣ менамояд. Ин кумита кори худро дар самти пешгирӣ аз амалҳои ифротию тундгаро, ошкор намудани ашхос ва ё гурӯҳҳои тахрибкор ва ҷиноятҳои хусусияти гуногундошта, ки ба манфатҳои давлат таҳдид мекунанд, дар асоси муқаррароти қонун «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» роҳандозӣ кардааст [4, с.26].

Қушунҳои сарҳадӣ ба сохтори Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар шакли Сарраёсати Қушунҳои сарҳадӣ шомил мебошад, ки ба он яке аз муовинони раиси кумитаи мазкур роҳбарӣ мекунад. КДАМ-и Тоҷикистон ба қушунҳои сарҳадӣ, ба фаъолияти намояндагони сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарӣ мекунад, инчунин ба манфиати ҳифзи Сарҳади давлатии Тоҷикистон фаъолияти иктишофӣ, контрразведкавӣ ва оперативӣ-ҷустуҷӯиро амалӣ менамояд.

Омӯзиши масъалаи зарурати таъсиси ниҳоди марзбонӣ чун ҷузъи таркибии сохторҳои қудратӣ дурустии сиёсати робарияти мамлакатро собит сохт. Дар воқеъ, ниҳодҳои қудратӣ нақши муҳим доштанашонро дар фазои мухталифи сиёсии минтақа нишон дода тавонистанд.

Имрӯз Сарраёсати Қушунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори дигар мақомоти қудратӣ аз ниҳодҳои нерӯманд ба шумор рафта, дар базаи он воситаҳои техникии ҳозиразамон мавҷуд мебошад. Фармондеҳии сатҳи гуногуни ин мақомотро афсарон ва мутахассисони соҳибмаълумот ва ботаҷриба ба уҳда доранд. Дар фаъолияти зиёда аз се даҳсолаи худ марзбонони тоҷик ба натиҷаҳои назаррас комёб шуданд. Онҳо дар ҳифзи амнияти миллию давлатӣ, дастовардҳи истиқлолият ҳиссагузор мебошанд. Марзбонони кишвар дар ҳама лаҳзаҳои душвор собит намуданд, ки дар ҳифзи қаламрав ва сарҳади ҷумҳурӣ ба

Ватан содиқона хизмат намуда, сарзамини онро аз ғасбу тасарруфи бадхоҳон ҳифз хоҳанд намуд.

Қушунҳои сарҳадӣ бо дараҷаи баланди ҳушёрӣ, далерӣ ва зиракии сиёсӣ то имрӯз бар душманони амну осудагии мамлакатамон муқовимат намудаанд. Масалан, дар муддати фаъолияти онҳо 2361 далел ва ҳолати вайронкунии сарҳади давлатӣ ба қайд гирифта шуд, ки дар натиҷа аз тарафи кормандони ин ниҳод 11212 нафар вайронкунандагони сарҳади давлатӣ ва 16654 нафар вайронкунандагони низоми сарҳади давлатӣ дастгир карда шудаанд. Дар хати сарҳад 415 амалиёти фаврӣ гузаронида шуд ва дар рафти амалиётҳо ва ҳифзи сарҳади давлатӣ байни сарҳадбонон ва гурӯҳҳои ҷиноятпеша 305 задухӯрди мусаллаҳона ба миён омадааст. Аз шумори қочоқчиёни афғон 576 нафар кушта, 126 нафар захмдор ва 405 нафар дастгир карда шудаанд. Дар ин давра аз гардиши ғайриқонунӣ 20137 кг маводи мухаддир мусодира карда шуд. Нисбати далелҳои вайронкунии сарҳади давлатӣ, ёфта гирифтани маводи мухаддир, яроқу аслиҳа ва дигар лавозимоти ҷангӣ чорабиниҳои таҳқиқотӣ-таровишӣ гузаронида шуда, 530 адад парвандаи ҷиноӣ оғоз карда шуда буд [8, с.49-50].

Пӯшида нест, ки дар ин давраи мураккаб гурӯҳҳои ифротию тундгаро, қочоқчиёни маводи мухаддир ва савдои ғайриқонунии аслиҳа ва лавозимоти ҷангӣ ба мушкилоти сатҳи ҷаҳонӣ мубаддал гардидааст. Мавҷудияти чунин хавфу хатар масъулияти сарҳадчиёни тоҷикро дар иҷрои вазифаҳои хизматӣ дучанд мегардонад. Фармону супоришҳои Пешвои миллатро раҳнамои кори худ қарор дода, дар як муддати на чандон тӯлонӣ ба муваффақиятҳои назарраси хизматӣ комёб мешаванд.

Сарраёсати Қушунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯз то рӯз ташаккул ёфта, афсарону сарбозон дар тамоми хати сарҳади давлатии Тоҷикистон хидмати Модар-Ватанро сарбаландона ва бо натиҷаҳои назарраси хизматӣ адо мекунанд. Яъне, бо вуҷуди он, ки аз таъсису ташаккули Қушунҳои сарҳадӣ муддати тулонӣ нагузашта бошад ҳам, мо таҷрибаи бузурги бунёдӣ барои ташкили артишро

дорем. Ва ин замон дар заминаи таҷрибаи ниёгонамон бо кӯшишу талошҳои пайдарпайи Сарвари мамлакат, воқеан, сохтори муташаккилу муназзам ба вуҷуд омад.

Авзои сиёсии ҷаҳон, таъсири манфии ғояҳои бегона, баъзе ноҷӯриҳои иҷтимоӣ ва табиӣ аз марзбонон тақозо менамояд, ки бехатарии миллию давлатӣ ва ҳаёти осоиштаи мардумро таъмин созанд. Меҳнати содиқонаи сарҳадбонони тоҷик гарави осоиштагии халқ ва ба яке аз кишварҳои беҳтарин табдил ёфтани Тоҷикистон мебошад. Дар назди ҳайати шахсии ин ниҳод вазифаи муқаддас – ҳимояи сарҳади давлати соҳибистиқлоламон қарор дорад, ки иҷрои он аз марзбонон ҳисси масъулияти баланд, доштани нангу номуси миллӣ ва ватандӯст буданро тақозо менамояд.

Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон аз нахустин солҳои душвори ташкилёбӣ шуруъ карда, дар давоми бештар аз 30 соли соҳибистиқлолӣ дар рафти фаъолияти худ босуръат тараққӣ карда, ислоҳоти комили соҳавиро аз рӯйи самтҳои зерин аз сар гузаронид:

1. Ислоҳоти Вазорати корҳои дохилӣ. Ниҳоди мазкур дар маркази дигаргунсозиҳо қарор дошта, мақсади асосии ислоҳотро аз такомул бахшидани қобилияту салоҳиятҳои касбии ҳайати шахсии милитсия иборат донистааст. Бино ба пешниҳоди шарикони байналмилалии рушд ислоҳотро аз демократикунонии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оғоз кардан беҳтар аст. Татбиқи тавсияҳои мазкур ба дигаргуниҳои сифатӣ дар самти баланд бардоштани иқтидори мудофиавии ин ниҳод мусоидат намуд.

2. Ислоҳот дар сохтор ва зерсохторҳои Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон. Ҳукумати Тоҷикистон ба масъалаҳои таҷдиди сохтор ва зерсохторҳои ВМ ҶТ, корбурди технологияи рақамӣ, воситаҳои электронии муосири иртиботию иттилоотӣ, такмили маҳорату малакаҳои ҷангӣ ва тахассусии ҳайати шахсии ниҳодоти қудратӣ эътибори ҷиддӣ дода омадааст. Бинобар тезутунд гардидани авзои сиёсӣ дар Ҷумҳурии исломии Афғонистон ва қувват гирифтани неруҳои низоъангезу ҷудоихоҳ ба масъалаи баланд бардоштани иқтидори Артиши миллии Тоҷикистон, бавижа

неруҳои таъиноти махсус, разведкаи ҳавоӣ ва ҳавопаймоҳои қиркунандаву ҳамлакунанда таваҷҷуҳи бештаре равона гардид.

Аз ҷумла, Тоҷикистон дар чаҳорчӯба Созмони паймони амнияти дастаҷамъӣ миқдори қобили мулоҳизаи аслиҳа ва муҳиммоти ҷангиро дарёфт кард – масалан, танҳо дар аввали соли 2020 як силсила силоҳу таҷҳизоти низомӣ ба маблағи 9 миллион доллар ба Душанбе интиқол ёфт. Илова бар ин, Федератсияи Русия то соли 2025 барои таҷдиди артиши Тоҷикистон ҳудуди 200 миллион доллар сармоягузорӣ карданро ба нақша гирифтааст.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар натиҷаи тезутунд шудани вазъият дар баъзе минтақаҳои Европа ва Шарқи Наздик дар Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон дар самти таҷҳизонидани артиш ва таъминот бо техникаи ҷангӣ тағйироти ҷиддӣ ва навовариҳои системавии назаррас ба вуқуъ наомад. Муҳлати адои хизмати хизматчиёни ҳарбӣ кам карда нашудааст, низоми даъват ба хизмати харбӣ чун пештара бетағйир буда, дар бобати беҳтар намудани шароити хизмат пешравӣ ҷой дошта бошад ҳам, вале дар самти таъминоти моддию техникӣ иҷрои корҳои зиёде ва андешидани тадбирҳои мушаххас низ муҳим мебошад.

3. Ислоҳоти Прокуратураи генералӣ. Стратегияи рушди Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ворид намудани навсозию навгониҳо дар сохтору зерсохторҳои он то ҳанӯз мушаххас нест. Ҳамин тариқ, ба феҳристи ваколатҳои мавҷудаи прокуратура мубориза бо терроризм ва экстремизм, ҳамоҳангии амалиёти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар пешгирии таҳдидҳо, ҳуқуқи ширкати бевосита дар баррасии парвандаҳои мақомоти судӣ қарордошта, эътироз ба қарорҳои қабулнамудаи идораҳои судӣ зам карда шуд.

4. Ислоҳот дар Қушунҳои сарҳадӣ. Дигаргуниҳои солҳои охир ҳам аз ҷониби шарикон ва ҳам аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ аз тариқи ҷудо намудани маблағҳои назарраси ҳарбӣ ва маблағгузории иловагӣ сурат

гирифт. Чунончи, ИМА ҳамзамон барои таҳкими хадамоти марзбонӣ 14 миллион доллар ҷудо кардааст.

Кумаки назаррас ба Тоҷикистон дар таҷдиди бахши амният аз ҷониби Иттиҳодияи Аврупо – пеш аз ҳама, дар чаҳорчӯбаи Барномаи Кумаки Идораи Сарҳад дар Осиёи Марказӣ (BOMSA – Барномаи идоракунии сарҳад дар Осиёи Марказӣ) ироа мешавад. Ба ин тартиб, дар ҷараёни иҷрои ин барнома дар Тоҷикистон як маркази омӯзишии хадамоти марзбонӣ, гузаргоҳҳои марзӣ, маркази омӯзишии хидмати кинологӣ бунёд шуда, курсҳои вилоятиву ҷумҳуриявӣ барои омода кардани афсарони интизомӣ баргузор мешавад. Дар баробари ин, ислоҳоти системавӣ пешбинӣ нашуда буд, гарчанде бештарин саволу шикоятҳоро созмонҳои ҳуқуқи башари Тоҷикистон ва байналмилалӣ манзур карда бошанд ҳам, суръати амалишавии ислоҳот суст аст.

5. Ислоҳот дар Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон. КДАМ аз ниҳодҳои пуркори фаъоли сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ дар Тоҷикистон маҳсуб меёбад, вале боиси таассуф аст, ки банақшагирӣ ва татбиқи ҷараёни кори он аз мадди назар берун мондааст. Дар ҳар сурат, КДАМ низ бинобар фаъолияти пӯшида доштан ва бастатарин ниҳод маҳсуб шудан, ислоҳоту навоварӣ ва тағйирот дар сохтору зерсохторҳои он ба муҳокимаи умум гузошта намешаванд. Коршиносон аз зарурати навсозии воҳидҳои Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон ва ҷорӣ намудани усулу воситаҳо ва равишҳои нав дар фаъолияти он ҳарф мезананд.

Ба ҳамин тариқ, имрӯзҳо раванди ислоҳоти сохторҳои қудратӣ асосан, ба тағйироти ғайрисистемавӣ табдил ёфтааст. Фаъолияти мақомоти амниятӣ ва ҳифзи ҳуқуқ дар даҳсолаҳои охир қариб тағйир наёфтааст. Тағйироту дигаргуниҳо ба навсозии системаи амният, баланд бардоштани сатҳи касбии кормандони он, васеъ шудани ваколатҳо ва вазифаҳо таъсир расонидаасту бас.

Хулоса, таҳлили вазифавӣ ва меъёрию ҳуқуқии доктринаҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ нишон медиҳад, ки фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ барои

ташкил шудани як қатор давлатҳои мустақил боис гардид, ки онҳо таълимотҳои нави худро дар сохторҳои қудратӣ, аз ҷумла дар ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ тағдиди назар намуда, онҳоро ба манфиатҳои миллии хеш мутобиқ намоянд.

Аммо раванди давлатсозӣ ва ташкили ниҳодҳои мухталифи ҳарбӣ интихоби роҳи нави рушд дар баъзе собиқи ҷумҳурии Шуравӣ бо душворию монеаҳо мувоҷеҳ гардид. Чунончи, дар ҷумҳурии мо дастаҳои мусаллаҳи зиёде бо нишондоду роҳнамоии ҳизбу ҳаракатҳои сиёсии ғайриқонунӣ чиҳати ғасби ҳокимияти давлатӣ муқобилияти мусаллаҳонаро аз соҳибистиқлолии кишвар болотар шумурданд. Гурӯҳи дигари сиёсатбозон аз бенизомию беҳокимиятӣ истифода бурда, аҳдофи муғризонаи сиёсии худро амалӣ кардан мехостанд. Одамоне, ки марказгурезонро ҷонибдорӣ менамуданд, аз қасду ниятҳои сиёсии аслии онҳо воқиф набуданд ва гумон доштанд, ки гӯё онҳо, ҳақиқатан ҳам, баҳри таъсиси давлати тозаистиқлолу демократӣ саъю талош доранд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, Сарвари давлати точикон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ғояи баланди руҳияи миллӣ дар назди ҷомеаи Тоҷикистон вазифаҳои муҳиму мураккаберо мегузоранд, ки вобаста ба нигоҳдории давлати соҳибистиқлол ва марзу буми он мебошад.

Дар ин давра ниҳодоти гуногуни низомӣ, сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти иҷрояи ҳокимияти давлатии шаҳру навоҳии назди сарҳадиро барои ҳамкории якҷоя бо Қушунҳои сарҳадӣ муҳим дониста, чиҳати таҳияи санадҳои дахлдори меъёрию ҳуқуқӣ ва дигар асноди соҳа дастуру супоришҳои судманд дод. Дар баробари ин, омӯзишу таҳқиқи доктринаҳои гуногуни ҳифзи сарҳади давлатии кишварҳои тараққикарда ва таҷрибаи кории онҳоро барои истифодаи усулҳои муосир заминаи устуворе гузошта тавонистанд.

Таҳлили вазифавӣ ва меъёрию ҳуқуқии доктринаҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ нишон медиҳад, ки сохтори институтсионалии амният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маҷмуъ, модели замони шуравиро такрор мекунад, ки ба воқеияти маҳаллӣ ва шароити соҳибистиқлолии кишварамон

мутобиқ карда шудааст. Ин, пеш аз ҳама, ба сохтори мақомоти амниятӣ ва ҳифзи ҳуқуқ тааллуқ дорад, ки ба он Вазорати мудофиа, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Прокуратураи генералӣ ва Агентии назорати молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дохил мегарданд. Мисли модели шуравӣ дар Тоҷикистон Қушунҳои сарҳадӣ ба ҳайати Кумитаи давлатии амнияти миллӣ шомил буда, тавассути ҳамин ниҳод идора карда мешаванд.

Ҳамин тавр, дар зербоби мазкур, фаъолияти Қушунҳои сарҳадӣ ва дигар сохтору мақомоти мансуб ба он дар доираи талаботи асноди меъёрию ҳуқуқӣ ва доктринаҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дида баромада шудааст. Хусусан, роҷеъ ба зарур ва муҳим будани қабули қонунҳо, низомномаҳо, стратегия, консепсия ва доктринаҳо, ки дар онҳо оид ба фаъолияти ҷузъу томҳои марзбонӣ дар даврони соҳибистиқлолии миллию давлатӣ, зарурати гузаронидани ислоҳотти ҳарбӣ манзур гардид ва мавриди мулоҳизаронӣ қарор гирифт .

БОБИ II. ВАЗЪ ВА МУШКИЛОТИ ҲИФЗИ САРҲАДИ ДАВЛАТӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

2.1. Заминаҳои асосии пайдоиш ва ташаккули ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ

Заминаҳои пайдоиш ва ташаккули ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ аз замони собиқ Иттиҳоди Шуравӣ сарчашма мегиранд, ки тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистонро неруҳои Шуравӣ таҳти назорат доштанд. Замони соҳибистиқлолӣ дар ин ҷода марҳилаи наве ба шумор мерафт, ки мо бояд сарҳади давлатии хешро худамон ҳифз мекардем. Сари ин масъала баҳсҳо хеле тулонӣ ва мушкил мегузаштанд. Аммо иродаи оҳанини Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба он оварда расонид, ки супоридани хати сарҳад аз ҷониби Россия як сол, аз моҳи июни соли 2003 то моҳи июни соли 2004 давом кард.

Аммо таърихчаи нави аслии он аз рӯйдодҳои тирамоҳи соли 1991 ва ташкили митингбозиҳои пайваста дар назди ду майдони марказии шаҳри Душанбе, яке бо унвони майдони «Шаҳидон»-у дигаре майдони «Озодӣ» қуллаи баланди зиддияти ҷонибҳо шуморидан мумкин аст. Ин гуна ҷамъомаду гирдиҳамоӣ дар моҳҳои апрел ва майи соли 1992 низ ба вуқуъ пайвастанд. Чунин тазоҳурот аз рӯйи моҳияти худ маънои ба қисматҳо тақсимшавии як миллат ва зарбаи фалокатбор задан ба якпорчагию муттаҳидии ҷумҳурии ҷавонро дошт.

Дар ин ду майдон зоҳиран нақшаи сарнавишти ояндаи Тоҷикистон гӯё матраҳ мешуд. Дар асл ҷонибҳо тадриҷан майдонҳои худро ба камингоҳу сангари мудофиавӣ рӯ ба муқобили ҳамдигар табдил доданд, ки оқибат аз ин хомкориҳо ва қабули қарорҳои бошитоб хун рехта шуду ҷумҳури бе ҳукумат монд, аъзо ташвишовару ноором гардид. Дар минтақаҳои зери тасарруфашон

гурӯҳҳои зидди сохтори конститутсионӣ дастаҳои мусаллаҳ таъсис доданд ва дар манотиқи дигари ҷумҳурӣ алайҳи онон гурӯҳҳои аз ҳукумати конститутсионӣ пуштибонӣ дошта ташкил карда шуданд. Ва дар ниҳояти кор, ин зиддият мардумро ба ҷанги шаҳрвандӣ кашид. Дар задухӯрдҳо гурӯҳҳои силоҳбадасти зиддиконститутсионӣ ба шикаст мувоҷеҳ гардиданд ва аксарияташон дар паси мардуми бегуноҳ паноҳ оварда ба кишвари ҳамсояи Афғонистон рӯ ба гурез оварданд. Дастаҳои парокандаи боқимонда чанд муддат ба ноҳияҳои баландкӯҳ фирор намуда, муборизаро идома доданд.

Ниятҳои ҳақиқии табаддулотчиён пас аз дастгирӣ ёфтан дар Афғонистон пурра ошкор гардид. Мақсад бо истифода аз пуштибонии ҳукумати ин мамлакат ва дастгирии гурӯҳҳои сиёсатмадорони ҳамақидаи кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Шарқи Наздик задухӯрдҳои тулониро идома додан буд. Аввалин иқдомҳои ноҷавонмардона бо роҳи марзшиканӣ, ташкили амалҳои террористӣ ва ҷангҳои кӯтоҳмуддат дар навоҳии наздисарҳадӣ, Тоҷикистонро ба минтақаи интиқоли маводи мухаддир мубаддал намудан вазъро ноором месохтанд.

Ҳодисаҳои зуд-зуд ба марзи Тоҷикистон ҳамла намуда, техника ва иншоотҳои марзбониро шикастан, вайрону валангор кардан борҳо ба қайд гирифта шудааст. Ҳифзи баъзе қитъаҳои алоҳидаи сарҳад торафт мушкилтар мегардид. Теъдоди ҳолат ва зуҳуроти сарҳадшиканӣ дар марзи Тоҷикистону Афғонистон босуръат меафзуд. Дар он солҳои ноором муҳофизати сарҳадро дивизияи 201-уми Қувваҳои мусаллаҳи Россия ба уҳда дошт. Вазъият нишон дод, ки ба ҳуҷуму иғвоҳои пайвастаи мухолифин сарҳадбонони Руссия ба танҳоӣ худашон дуру дароз истодагарӣ карда наметавонанд. Чунин ҳолат дар назди Ҳукумати наву ҷавони Тоҷикистон масъалаи мушкили мустаҳкам кардани марзи давлатиро ба миён гузошт.

Мақомоти ҳифзи сарҳад бо мақсади гирифтани пеши роҳи худсариҳо дар бобати убури ғайриқонунии марзи давлатӣ таъсис дода шудааст. Ба ихтиёри ин мақомот ҷузъу томҳои мусаллаҳ ҷиҳати баргузор намудани

амалиётҳои ҳарбӣ ва таъмини фазои амни кишвар ва зиндагии осоиштаи мардум вогузор карда шуд. Иқдом оид ба таъсиси чунин ниҳод амали таъхирнопазир ба шумор мерафт. Бинобар ин, аввалин ҳуҷҷати расмӣ (қабули қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.12.1992, № 981)-е, ки он бо мушкилоти сарҳад марбут аст, ногузир гардид. Тибқи қарори мазкур аз ҳисоби ихтиёриёни Фронти халқӣ дар назди КДАМ бригадаи махсуси сарҳадбонон (дар ҳайати 1200 нафар) таъсис дода шуд, ки бунёди он хеле барвақт ҳанӯз дар иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шуда буд.

Дар заминаи бригадаи мазкур баъдан Қушунҳои сарҳадӣ созмон дода шуд, ки он яке аз аввалин меваҳои даврони соҳибистиқлолии кишвар маҳсуб меёбад. Ин ниҳод дар замони Шуравӣ дар сохтори Вазорати мудофиа фаъолият мекард ва баъд аз таназзули абардавлате чун Иттиҳоди Шуравӣ дар Тоҷикистони тозаистиқлол дар тобеияти КДАМ дар ҷойи холӣ таъсис дода шуд.

Дар чунин марҳалаи мураккабу душвор таъсис додани ин воҳиди низомӣ чӣ зарурат дошт? Бояд зикр намуд, аз як тараф, оташи ҷанги шаҳрвандӣ ҳанӯз дар аланга буду дар бисёр навоҳии қисмати ҷанубии ҷумҳурӣ ҳама касу ҳама чизро ба коми худ мекашидд, аз ҷониби дигар, сарҳади ҷануби мамлакат, ки ҳифзи он дар зиммаи Қушунҳои сарҳадии Федератсияи Россия қарор дошт, қисман беназорат монда буд, чунки доир ба вазифаҳои ин қисми низомии Россия дар шароити мустақилияти сиёсиро ноил шудани ҷонибҳо ҳоло созишнома ба имзо нарасида буд. Ин қуввахо барои ҳифзи марзи тоҷику афғон худро манфиатдору ҳавасманд намешумурданд, ҳайати шахсии дидбонгоҳҳо бо сабаби пурраву мукаммал набудан аз уҳдаи ҳифзи сарҳади давлатӣ баромада натавонистанд. Чунин вазъият боиси ворид шудани гурӯҳҳои мусаллаҳи кироя ба қаламрави ноҳияҳои наздисарҳадӣ гардида буд. Вазъияти баамаломада таъсиси Қушунҳои сарҳадии миллиро тезонид [33, с.314].

Бригадаи марзбонӣ ба якчанд гурӯҳи зудаамал тақсим карда шуд, ки ҳадафи он ҳифзи марзи давлатӣ дар минтақаҳои наздисарҳадии навоҳии Шаҳритус, Қумсангиру Панҷ, Фархор, Шурободу Даштиҷум дар хати дуюми мудофиа ба шумор мерафт. Бо силоҳ ва техникаи ҷангӣ бригадаро дар солҳои аввали таъсисёбӣ асосан сарҳадбонони рус таъмин намуданд.

Штаби бригада дар шаҳри бостонии Кӯлоби вилояти Хатлон қарор дошт. Қумандонон ва сарбозони бригада дар муътадил гардонидани авзои марзу буми тоҷику афғон, тавассути гузаргоҳҳои махсус Узбекистону Афғонистон, ба Ватан баргардонидани гурезаҳои иҷборӣ, нобуд кардани дастаҳои қочоқчӣ, сарҳадшиканҳо далериву матонат нишон дода, саҳми худро дар пойдор намудани аркони қушунҳои марзбонӣ гузоштанд.

Зикр кардан ҷоиз аст, афсарону сарбозони ин қушунҳо оҳиста-оҳиста ба малакаву қобилият ва салоҳиятҳои касбии ҳарбӣ соҳиб мешуданд. Масалан, командири ҳозираи он генерал-лейтенант Р. Раҳмоналиев аз солҳои аввали таъсисёбӣ яке аз афсарони фаъоли он маҳсуб меёбад. Паради ҳарбӣ бо ширкати Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистони соҳибистиқлол аввалин бор дар пойтахти Ватанамон шаҳри Душанбе 23-юми феврали соли 1993 гузаронида шуд. Зикр кардан муҳим аст, ки дар ин парад дастаҳои зудамали бригадаи таъиноти махсуси марзбонӣ ҳам иштироки фаъолона доштанд. Вазъи нооромии сарҳади давлатӣ ҳар чи зудтар роҳандозӣ намудани тадобири фавриро ҷиҳати мустаҳкам намудани марз тақозо менамуд. Бинобар ин, бо фармони Президиуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 28.12. 1992) Раёсати ҳифзи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати сохтори КДАМ ба тасвиб расид.

Зарурати мунтазам мустаҳкам кардани иқтидори ҷузъу томҳои онро ба эътибор гирифта, барои мукаммал намудани ҳайати шахсӣ (то 2000 воҳиди хизматӣ, аз он ҷумла 228 нафар афсар, 80 нафар прапоршик ва 1692 нафар сарбоз) тадбирҳои зарурӣ андешида шуд. Ба таври илова, аз ҳисоби ҷузъҳои дигар сохторҳои низомӣ боз 3893 хизматчиёни ҳарбӣ ба ҳайати шахсии қушунҳои сарҳадӣ интиқол дода шуданд. Роҳбарии Раёсати қушунҳои

сарҳадии тоҷикро дар давраи нав таъсисёбии он полковник А.И.Рогов (баъдтар генерал-майор) ба зимма дошт. Қабули қарору санад ва фармоишҳои батасвибрасида барои ташаккулу такомул ёфтани қушунҳои сарҳадӣ аз нахустин қадамҳои устувор маҳсуб меёфтанд [18, с.26].

Ҷузъу томҳои сарҳадӣ бо ҳайати начандон калон дар давраи хеле мураккаб ва душвори мамлакат – дар замони ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, ки бо таъбири «ҷанги бародаркуш» маъмул мебошад, марзу буми Ватанро дифоъ намуд ва аз уҳдаи вазифаҳои гузошташуда бо сарбаландӣ баромад. Сохтори қушунҳои сарҳадӣ ба тадриҷанд такомул дода шуда, сифати кори сарҳадбонон вусъати тоза касб кард ва заминаи моддию техникии он тақвият пайдо намуд.

Сарраёсати мазкур дар ҳайати худ инчунин 2 отряди сарҳадӣ, як полки оперативӣ дар ноҳияи Қумсангир, як отряди сарҳадӣ дар ноҳияи наздисарҳадии Шаҳритус, комендатураҳои сарҳадӣ дар навоҳии Қалъаи Хумб ва Рӯшонро муттаҳид намудааст. Дар қисми шимолии ҷумҳурӣ низ нуқтаи сарҳадии гузаргоҳи «Хуҷанд» таъсис дода шуд ва бо мақсади омода намудани мутахассисони хурди дараҷаи низомӣ дар ин минтақа як Маркази омӯзишӣ ба фаъолият шуруъ намуд.

Сарвари кишвар баҳри пойдории сулҳу ваҳдат, осоиштагии мардум ва нигоҳ доштани якпорчагии сарзамини мамлакат талош варзида, бо роҳбарону қумондонҳои ҷониби мухолиф мулоқот ва гуфтушунидҳои судманд ва диду боздидҳои бисёре баргузор намуда, барои пойдор гардидан сулҳи устувор шароитҳои зарурӣ муҳайё намуданд. Ҷангу низоъҳои дохилӣ тадриҷан ҳалли худро ёфта, рӯ ба коҳишёбӣ овард. Дар чунин вазъу ҳолатҳо барои ҳукумати ҷавони ҷумҳурӣ мустаҳкам намудани ҳифзи марзи давлатӣ муҳимияти бештаре касб менамуд. Такмил додани иқтидору тавоноии қушунҳои сарҳадӣ вазифаи дигари роҳбарияти сиёсӣ ба шумор мерафт. Бинобар ин, аз лиҳози ҳуқуқӣ ба танзим даровардани фаъолияти сарҳадчиён низ масъалаи муҳим арзёбӣ мешуд. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъсис додани Кумитаи ҳифзи сарҳади давлатии назди

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.1997 ба тасвиб расид ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарҳад» қабул карда шуд, ки ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои бартараф намудани нобасомониҳои зиёде мусоидат кардаанд.

Вобаста ба мақоми ҷуғрофӣ ва ҷойгиршавиаш дар Осиёи Марказӣ, тавре ки таъдид гардид, мутахассисон сарҳадоти Тоҷикистонро ба ду қисмат ҷудо кардаанд: Қисмати якумро ба ду зербахш ҷудо мекунанд: а) дар самти ҷанубии хати марзи Тоҷикистон бо Ҷумҳурии исломии Афғонистон (1334 км; ҳоло Аморати исломии Афғонистон) ҳамҳудуд аст; б) дар самти шарқии хати сарҳадӣ бо Ҷумҳурии мардумии Чин (511 км) ҳамҷавор мебошад.

Қисмати дуюми ҳаммарзӣ низ ба ду фасл тақсим мешавад: а) дар самти шимолу ғарбӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Узбекистон бо марзи умумии 1363км; б) дар самти шимолу шарқӣ бо Ҷумҳурии Қирғизистон мутаносибан 990 км ҳудуди сарҳадии якҷоя дорад. Баъд аз анҷом ёфтани низоъҳои дохилии ин кишвар ба ҷумҳурии мо лозим омад, ки барои таҳкими марзи давлатӣ бо кишварҳои ҳамҷавор қувваю воситаҳои зиёдтар равона созад. Дар ҳудудҳои сарҳадӣ дар ҳолати то соли 2000 танҳо 7 отряди сарҳадбонӣ ташкил карда шуда буду халос.

Воқеаҳои солҳои 90-уми асри гузашта муҳим будани баланд бардоштани савияи низомию ҷангии мутахассисон ва мунтазам аз курсҳои масъалаи такмили ихтисос гузаронидани онҳо, инкишофи малакаву маҳорат ва қобилиятҳои касбии хизматчиёни ҳарбии сарҳадиро собит намуд. Вале таҳлили вазъ нишон медиҳад, ки дар ин ҷода пешравиҳои назаррас ба мушоҳида намерасанд. Барои намуна, хотирнишон бояд намуд, ки як гурӯҳ афсарони хурди қисмҳои ҳарбии сарҳадӣ дар курсҳои таълимии дарозмуддат (6-моҳа)-и бозомӯзӣ дар Маркази таълимии гурӯҳи сарҳадбонони Русия дар Тоҷикистон (с. 1995) ва як гурӯҳи дигар дар курси кӯтоҳмуддати такмили ихтисос дар шаҳри Алмаато таҳсил намуда, соҳиби шаҳодатнома гардиданд. Баъзе хизматчиёни ҳарбии сатҳи роҳбарикунанда (афсарону прапоршикҳо) низомиёне буданд, ки аксаран аз ҳисоби собиқадорони фронти халқӣ барои

таҳкими қушунҳои сарҳадӣ ҷалб шуда буданд ва онҳо таҳсилоти ҳарбии махсус надоштанд, инчунин иддае ба воситаи комиссариатҳои ҳарбӣ барои хизмат даъват шуда буданд. Дар сафи қушунҳои сарҳадӣ хизмат кардани чунин низомиён бо сабабҳои объективӣ ба вуқуъ пайвастааст, аз ин рӯ, муваққатӣ будани чунин сафарбаркунӣ, хавфу таҳдиди қувваҳои мухолифини зиддидавлатии дохилию беруниро ба эътибор гирифта, ба кори ҳарбӣ дар асоси шартнома ҷалб гардидани онҳо салоҳ дониста шуд. Аз ҳамин хотир, барои таҳсил дар курсҳои дарозмуҳлати дохилӣ ва ба хориҷи кишвар сафарбар намудани чунин хизматчиёнро зарур надонистанд. Воқеан, солҳои 1995-1997 вазъи сиёсӣ дар минтақаи собиқ вилояти Қурғонтеппа ва дар ноҳияҳои водии Ҳисор (хусусан, Турсунзода) як гурӯҳ исёнгарони манфиатҷӯ ва мансабталаб дар хориҷи мамлакат пуштибонӣ ёфта, зуд-зуд авзои ҷумҳуриро тезутунд мекарданд.

Дар охирҳои солҳои 90-уми асри гузашта аллакай барои таҳкими хати сарҳадии дохилӣ андешидани тадбирҳои муҳим шуруъ шуд. Барои минбаъд пешгирӣ намудан аз тазоҳуроти марзшикании соли 1998 дар ш. Хуҷанд комендатураи сарҳадӣ ва дар ноҳияҳои Нову Бӯстон дидбонгоҳҳои назорати сарҳадӣ ба кор шуруъ карданд. Ҳодисаҳои бо сарҳади ин минтақа марбут собит намуданд, ки низоми комендатурӣ аз уҳдаи идораи якчанд минтақа баромада натавонист.

Даст кашидан аз чунин тарзи муҳофизати марзу бум салоҳ дониста шуд ва ба ҷои он низоми бригадавӣ амалӣ гардид. Ин ҷиҳатҳоро ба эътибор гирифта, роҳбарияти Раёсати Қушунҳои сарҳадӣ дар вилояти Хатлон таъсис додани 4 отряди сарҳадиро дар сохтори худ муҳим шуморид. Акнун дар ноҳияҳои Фархору Панҷ ва Ҷилликӯлу Турсунзода дар нуқтаҳои сарҳадӣ комендатураҳо дар шакли нав фаъолияти худро ба роҳ монданд. Дар марказ, яъне дар КДАМ бошад, таркибҳои нав ва зерсохторҳое, амсоли ***Раёсати ҳуқуқ ва муносибатҳои байналхалқӣ, Хадамоти иттилоотӣ, Раёсати иктишофӣ, Маркази ахбор ва коркарди иттилоот*** ва инчунин чанд воҳиди дигар таъсис дода шуданд [36, с.47].

Дар заминаи ин дигаргуниҳои сохторӣ роҳандозӣ намудани сиёсати нави кадрӣ муҳим буд. Бо ин мақсад, ба Ҳукумати ҷумҳурӣ лоиҳаи ҳайати роҳбарикунандаи воҳидҳои сарҳадӣ пешниҳод гардид, ки он бо қарори № 346-9 аз 05.08.1997 тасдиқ шуд ва ҳамчунин, теъдоди сарҳадбонон дар отрядҳои минтақавӣ зиёд карда шуд.

Ба таври расмӣ баъд аз ба тасвиб расидани қарори мазкур подполковник Р. Эмомов фармондеҳи отряди 1-ум (дар 2 комендатура); подполковник С. Шамолов (дар 3 комендатура) фармондеҳи отряди 2-юм; полковник Қ. Чолов (дар 2 комендатура) фармондеҳи отряди 3-юми сарҳадӣ; подполковник Б. Рачабов фармондеҳи отряди 4-ум (комендатураи алоҳидаи сарҳадии Дарвоз ва Рӯшон); фармондеҳон Б. Комилов (полковник) ва полковник С. Саидов (собиқадор) ва полковник Р.Ҳ. Ҳомидов (собиқадор) – сардорони комендатураҳои сарҳадии Хуҷанд таъин гаштанд.

Генерал-майор А.И. Рогов вазифаи сардори ситоди ҷузъу томҳои сарҳадии ҷумҳуриро адо мекард. Дар шароити мустақилияти сиёсию миллӣ дар ш. Душанбе зарурати таъсис додани госпитали ҳарбӣ ва дар сохтори аэропорти пойтахт ташкил намудани шуъбаи назорати сарҳадӣ ба миён омад, ки ин пешниҳодот низ ҳалли мусбати худро ёфтанд. Дар фурӯдгоҳи шаҳри Хуҷанд шуъбаи назорати сарҳадии вилояти Суғд ва боз чанд нуқтаи дигари назорати сарҳадӣ дар ин ҷо ба фаъолият оғоз намуда, амалияи корашон аз нуқтаи назари асноди меъёрию ҳуқуқии соҳа ба танзим дароварда шуд.

Қайд кардан зарур аст, ки бо ташаббус ва саъю талошҳои Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишварамон сулҳу салоҳ барқарор гардид, вазъи зиндагии мардум тадриҷан беҳтар гардида, ободиву осудагӣ пойдор гардид. Акнун дар назди сарҳадчиёни тоҷик вазифаи боз ҳам пурмасъултар – ҳифзи дастовардҳои соҳибистиқлолӣ меистод.

Бояд тазаккур дод, ки мафҳуми «***сарҳади берунӣ»*** дар давраи шурави барои ҷумҳурии мо фақат сарҳади бо Афғонистон (алҳол Аморати исломии Афғонистон) дошта ва ҳамҳудудӣ бо Ҷумҳурии мардумии Чин дар назар дошта мешуд ва қаламрави ҷумҳуриҳои иттифоқӣ аз рӯйи ҳудудҳои

маъмурӣ, ки бо қарори Шурои Олии ИҶШС муқаррар шуда буданд, муайян карда мешуд. Бо барҳам хӯрдани ИҶШС ба ҷойи чунин ҳудудгузорӣ корбасти термини ***сарҳади берунӣ нисбат*** ба ҳамаи хату ҳудудҳои сарҳадӣ ба расмият даромад, зеро ки дар шароити нав, дар муҳити нав онҳо дар ҳайати ташкилоти нави сиёсию иқтисодӣ – Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ) то андозае муттаҳид гашта буданд. Корбурди истилоҳи ИДМ аз лиҳози талаботи асноди меъёрию ҳуқуқӣ чандон равшану мушаххас набуд. Гоҳҳо бинобар тезутунд гардидани муносибати тарафайни собиқ ҷумҳуриҳои Шуравӣ дар бобати таҷдиди назар намудани хати марзи байни ин ҷумҳуриҳо сару садоҳои зиёде ба вуқуъ омаданд.

Бештарини низоъҳои байнисарҳадӣ пас аз соли 1992 дар байни ҷумҳуриҳои собиқи Шуравӣ, ки марзи умумӣ доштанд, дар натиҷаи тақсимоти нодурусти минтақаҳои хушкӣ, оби дарёву обанборҳо бо мақсади обёрии заминҳои кишт ва дигар иншоотҳое маҳсуб мешуданд, ки онҳо то ибтидои солҳои 90-ум дар ихтиёри ин ё он ҷумҳурӣ қарор доштанд ва бо таназзули ИҶШС ба моликияти давлати тозаистиқлоли дигар табдил ёфтанд. Ба хотир овардани задухӯрди байни Арманистону Озарбойҷон баҳри аслан ба қаламрави кӣ тааллуқ доштани Қарабоғи кӯҳӣ; ё ин ки даъвоҳои беасоси территориявии Қирғизистон нисбат ба Тоҷикистону Узбекистон; ва ё эътирозҳои Ҷумҳурии Қазоқистон барои соҳиб шудан ба баъзе минтақаву қитъаҳои ҳамҳудуд басанда мебошад.

Хати сарҳадҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи маълумотҳои таърихӣ (Б.Ғафуров «Тоҷикон») ва асноди меъёрии ҳуқуқии давраи Шуравӣ бо қарору фармонҳои Раёсати Шурои Олии ИҶШС бо Афғонистон, Чин ҳамчун сарҳади давлатии ИҶШС ва бо ҷумҳуриҳои Узбекистону Қирғизистон бо хатҳои маъмурӣ ба низом дароварда шудааст. То соли 1994, то замони таъсиси Артиши миллӣ сарҳади ҷумҳурӣ, авзои сиёсии мамлакат дар натиҷаи фаъолияти муштараки сохторҳои қудратӣ ба низом дароварда мешуд. Дар хати марзии бо Узбекистону Қирғизистон муайяншуда ҳанӯз қуввaҳои сарҳадӣ мавҷуд набуданд.

Баъд аз хотима ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, Ҷумҳурии Узбекистон бе ташкили гуфтушунидҳои дуҷониба дар ҳудуди маъмурии вилоятҳои Сурхондарё, баъдтар Сирдарё, Тошканд, Намангону Фарғона (аз Термиз то Қуқанд) ба сохтмони иншоотҳои сарҳадӣ дар байни Тоҷикистону Узбекистон худсарона оғоз намуд. Бо ин амал ҳам қонеъ нашуда, роҳбарияти он вақтаи Узбекистон қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ҳалқаи муҳосираи иқтисодӣ печонида гирифт.

Сабаби чунин муносибат дар он буд, ки тули барҳӯрдҳои пуршиддати солҳои ҷанги шаҳрвандӣ (1992) ҷониби Узбекистон ба Ҷабҳаи халқии Тоҷикистон аз баъзе ҷиҳатҳо кумак расонида буд. Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки дар паси чунин ёрмандӣ ғаразҳои сиёсӣ ҷой доштааст ва пас аз пойдор гардидани низоми конститутсионӣ дар Тоҷикистон, ҷониби Узбекистон сиёсатеро роҳандозӣ намуд, ки дар натиҷаи он ба манфиатҳои миллию сиёсӣ ва иқтисодии давлати мо хисороти калон расонида шуд.

Хабару рӯйдодҳои дастрасгардидаро ҳамеша амиқ таҳқиқу таҳлил намуда, Ҳукумати Тоҷикистон, ки акнун ба таъсиси зина ба зинаи қушунҳои сарҳадӣ оғоз намуда буд, ноилоҷ барои ба низом даровардани вазъи мавзеъҳои сарҳадӣ, ташкили қувваҳои ҳарбии марзбонӣ дар хати марзии байни Тоҷикистон ва Узбекистон чораҷӯӣ намуд. Барои ҷумҳурии аз вартаи ҳалокат раҳоёфтаи мо, ки вазъи иқтисодию молиявии он низ ҳоли табоҳ дошт, бунёди хати сарҳадӣ бо таъсис додани инфраструктураи зарурии ҳарбӣ кори саҳл набуд. Дар як ҳудуди хеле доманадор аз ноҳияи Шаҳртӯс сар карда, то навоҳии вилояти Суғд, ки бо Узбекистон сарҳади умумӣ доранд, мутобиқи меъёрҳои муқарраршудаи сохторҳои сарҳадӣ дар ҳар як ноҳия бунёди як комендатураи сарҳадӣ ва 4 дидбонгоҳ бо инфраструктураи зарурӣ магар осон буд?

Комендатураи нахустини сарҳадӣ дар ноҳияи Турсунзода ташкил карда шуд, ки масъулияти сарварии онро қумандон С. Саидов ба зимма дошт. Дар марзи ин ноҳия чор дидбонгоҳ ва гузаргоҳи сарҳадӣ (застава) ва як пункти назорати сарҳадӣ воқеъ дар шоҳроҳи «Душанбе – Деҳнав» сохта

ба истифода дода шуд. Миёнаи солҳои 90-ум дастаҳои ошӯбгари И. Бойматов, М. Солеҳов ва дигарон дар ноҳияҳои водии Ҳисор ба бетартибиҳои мусаллаҳона пардохтанд. Аз хавфи сияҳкорони силоҳбадасти онҳо мақомоту идораҳои ҳукуматӣ дар маҳалҳо фалаҷ шуда буданд. Монеаҳоро пайи ҳам батадриҷ бартараф намуда, дар навоҳии номбаршуда комендатураи сарҳадӣ бунёд гардид ва ба фаъолият оғоз намуд.

Дувумин комендатура ҳамчун воҳиди сарҳадии банақшагирифташуда соли 1997 комендатураи «Хуҷанд» мебошад, ки полковник Х.Р. Хомуев қумандони он таъин гардид. Ин зерсохтор дар ибтидо фақат назорати роҳҳои автомобилгардро дар ноҳияи Бӯстон, ки бо вилояти Тошканд ҳамҳудуд буд, пайгирӣ ва назорат мекард.

Роҳбарияти Кумитаи ҳифзи сарҳади Тоҷикистон дар мубодилаи афкори зиёде ба масъулони сохторҳои қудратии Ҷумҳурии Узбекистон таклиф намуданд, ки таърихи бисёрасраи ҳамзистӣ, рафоқату дӯстии дуҷонибаи ин халқҳои бародарро ба эътибор гирифта, роҳҳои рафтуомади одамон ва нақлиётро дар нуқтаҳои назорати сарҳадӣ набанданд. Дар давоми садсолаҳои зиёд халқҳои тоҷику узбек дар як сарзамин зиста, бо ҳам омезиш ёфтаанд ва дар ноҳияҳои наздисарҳадии ҷонибҳо муносибати хешутаборӣ бисёр мушоҳида карда мешавад. Мутаассифона, роҳҳо баста буданду тарафи Узбекистон ҷиҳати кушодани онҳо розигӣ намедоданд. Пӯшида нест, ки аз мавқеи сиёсати давлати мустақил ва меъёрҳои хуқуқи байналхалқӣ ҳар давлат дар таҳкими сарҳади мамлакати худ ва ҳифзи манфиатҳои миллию давлатӣ соҳибихтиёр аст. Ин ҷиҳатро ба назар гирифта, Тоҷикистон ҷиҳати ташкил кардани сохторҳои сарҳадӣ, ки ҷониби Узбекистон онро бо шитобкорӣ анҷом дод, розӣ набуд ва ҳалли масъалаи мазкурро ҳадди ақал давра ба давра ба роҳ мондан мехост.

Як зумра қуввахои дохилӣ аз сиёсати сулҳҷӯёнаи Роҳбари кишвар, амалӣ намудани сиёсати оштии миллӣ ва ба Ватан баргардонидани фирориёни иҷборӣ изҳори норизоӣ намуда, дар ш. Қурғонтеппа ва ноҳияҳои Турсунзодаву Ҳисор даст ба исёни зиддидавлатӣ заданд. Ин гурӯҳҳои

зиддиҳукуматӣ ба таври ғайрирасмӣ аз баъзе доираҳои расмии Узбекистон, ки ба ҳар васила вазъиятро дар ҷумҳурии мо тезутунд кардан мехостанд, пуштибонӣ ёфтанд.

Дар натиҷа, Ҳукумати Тоҷикистон маҷбур шуд, ки ҳалли масоили марбут ба сарҳади давлатиро бо Ҷумҳурии Узбекистон ба сатҳи тадобири муҳиму аввалиндараҷаи ҳукуматӣ гузорад. Натиҷаи дастгирии роҳбарияти ин давлати ҳамсоя буд, ки ошӯбгарон баъд аз шикаст хӯрдан дар манотиқи гуногуни Узбекистон маскан гирифтанд. Дар натиҷаи дуруст ба роҳ мондани чорабиниҳои тактикӣ, оперативию ҷангӣ ва идоракунии амалиётҳо қувваҳои мусаллаҳи ҷумҳурӣ дар шикасти исёнгарон ва барбод додани нақшаҳои нопокашон саҳми калон гузошт.

Истисно аз ин, дар торумор намудани гурӯҳҳои зиддиҳукуматӣ сарҳадчиёни тоҷик ҳам нақши намоён бозидаанд. Онҳо дастаҷамъона бо низомиёни дигар мақомоти қудратии мамлакат аз худ мардонагию шуҷоат нишон доданд ва дар таъмини бехатарии кишвар нақши босазо гузоштанд. Махсусан, барои нишон додани матонату ҷасорат ва корнамоиҳои ҷангӣ полковник С.Д. Шамолов бо фармони Президенти мамлакат бо рутбаи баланди генерал-майор, бо подполковник Қ. Чолов бо рутбаи полковник, подполковник С.Р. Раҳимов бо рутбаи генерал-майор сарфароз гардонида шуданд.

Гурӯҳҳои исёнкори дар ҷумҳурии ҳамсоя маскангирифта ниятҳои нопоки доманадор доштанд, хусусан ғасби ҳокимияти давлатиро амалӣ карданӣ буданд, дар минтақаву гӯшаву канорҳои гуногуни мамлакатамон кӯшиши вазъиятро тезутунд ва фазои кишварро ноором карданро доштанд Онҳо ба қатлу ғорати одамон даст зада, мунтазам ба қитъаҳои сарҳадӣ ва қисмҳои ҳарбӣ ҳамла мекарданд нисбат ба шахсони роҳбарикунандаи мақомоти маҳаллии давлатӣ аз соли 1997 сар карда амалҳои террористӣ анҷом медоданд.

Қувват гирифтани шӯру ошӯби қуввахои зиддавлатӣ, ки дар Узбекистон ҳомиёну пуштибонҳои зиёд пайдо карда буданд, боиси ба таври

ошкоро ба қитъаи марзбонии «Гулхас» ҳуҷум кардани зердастони собиқ раиси ҳукумати ш.Турсунзода И. Бойматов гардид. Ҳамлаи онҳоро сарҳадчиён ва афсарону сарбозони сохторҳои дигари қудратии ҳукуматӣ зада баргардониданд ва ба ҳуҷуми ҷавобӣ гузашта, дар як муддати кӯтоҳ ғоратгарони зиёдеро маҳв намуданд, аз он ҷумла, худи И. Бойматов ҳалок гардид ва боқимондаи сияҳкорон ба кишвари ҳамсоя фирорӣ шуданд.

Сабабҳои асосии ба таври фаврӣ бунёд карда натавонистани хадамоти марзбонӣ дар байни ҳудуди Тоҷикистон ва Узбекистон омили иқтисодӣ ба шумор мерафт, зеро барои бунёди иншоотҳои сарҳадӣ, дидбонгоҳҳо, нигоҳ доштани 5-6 ҳазор марзбон маблағи муайян зарур буд. Масъалаи боз ҳам муҳимтаре, ки ҳалли он барои ҳукумати мамлакат ногузир маҳсуб меёфт, ба Ватан баргардондани мардуми ба Афғонистон фирорнамуда, бо манзил, ғизову ҷубронпулӣ таъмин кардани онҳо, тибқи қарордод бо ҷойи кор таъмин намудани собиқ қувваҳои мухолифин, ба сохторҳои қудратӣ ҷалб намудани онҳо ва дигар мушкилоти ба он алоқаманд вақт ва имконияту воситаҳои зиёдеро талаб менамуд. Оё аз уҳдаи ҳифзи сарҳади бештар аз ҳазор километра ва таъмини осоиштагии мардум ду комендатура бо фарогирии ҳамагӣ 600 нафар афсарону сарбозон баромада метавонистанд?

Дар такя ба манобеи иттилоотӣ дар оғози соли 1998 маълум шуда буд, ки бо ширкати дастаҳои террористии дар Узбекистон маскангирифта дар мавзеъҳои наздисарҳадӣ бештар аз ҳазор нафар ҷангиён машқҳои ҳарбӣ баргузор мекарданд. Онҳо барои марзшиканӣ ва тезутунд гардони вазъият дар баъзе навоҳии ҷумҳуриямон омодагӣ медиданд.

Бо роҳбарии полковники хиёнатпеша М. Худойбердиев шаби 4-уми ноябри соли 1998 соати чори субҳ бештар аз 1000 нафар ҷангиён дар самти шимоли мамлакат марзи Узбекистонро убур намуда, ба истиснои ноҳияҳои Исфараю Панҷакент шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғдро бе ягон муқобилият ишғол намуданд [145, с.127].

Онҳо бе муқобилияти ҷиддӣ то шаҳри Хуҷанд расиданд. Бояд зикр намуд, ки бар зидди ин тӯдаи роҳзан, бо вуҷуди хеле кам будани ҳайаташон

милитсионерони БДА-и ш. Уротеппа истодагарӣ карданд. Дар задухӯрдҳои мусаллаҳона 11 нафар милитсионерон ҷони худро бохтаанд. Инчунин афсарону сарбозони қисми ҳарбии дар шаҳри Чкалов маскунбуда бо силоҳбадастон сахт ҷангида, талафоти ҷонӣ доданд. Худи ҳамон шаб командири отряди 1-уми марзбонӣ подполковник (баъдтар полковник) Р. Эмомов бо гурӯҳи фаврии худ (дар ҳайати 48 нафар) аз ш. Кӯлоб шабона ба Душанбе ва то субҳи барвақт ба вилояти Суғд интиқол дода шуд. Ба амалиётҳои ҷангӣ майор Ш. Аловердиев роҳбарӣ мекард. Дастаи мазкур якҷоя бо дигар қувваҳои ҳукуматӣ дар набардҳои шадид бо дастаҳои ошӯбгари М.Худойбердиев корнамоиҳои бемисли ҷангӣ нишон дод. Баъд аз торумори вайронкорон ин шуҷоатмандии сарҳадчиёни далер бо ордену нишонҳои давлатӣ қадр карда шуд.

Дар ҷодаи ба низом даровардани кори қушунҳои сарҳадӣ, принсипҳои фаъолияти он қабул гардидани қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қушунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 01.03.2005, № 82)-ро падидаи муҳим арзёбӣ кардан мумкин аст. Дар ин қонун зиёда аз даҳ принсипи асосие, ки тамоми шаклҳои муносибат бо сохторҳои дигар, фаъолияти кормандон, уҳдадориҳои вазифавии онҳо, низоми роҳбарӣ, бечуну чаро иҷро гардидани фармонҳо ва масоили дигари марбут ба кори қушунҳои сарҳадӣ дарҷ гардидааст [3].

Дар қонуни мазкур мақомоти роҳбарикунанда, сохтору зерсохторҳо ва объектҳои дар ихтиёри Қушунҳои сарҳадӣ қарордошта равшан зикр ёфтааст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бастҳои штатӣ ва сохтори Қушунҳои сарҳадиро тасдиқ менамояд, зимни баргузории амалиётҳои ҳарбӣ бо ширкати Қушунҳои сарҳадӣ ва дигар шаклҳои фаъолияти низомӣ риояи ҳуқуқу озодиҳои инсонро кафолат медиҳад. Дар ин санади муҳим, махсусан ба масъалаи маҳдудгардонии ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, вазифаю масъулияти хизматчиёни ҳарбии аз фармондеҳон то аскарони қаторӣ аз нигоҳи ҳуқуқӣ муқаррар карда шудааст.

Қонуни мазкур роҳбарону соҳибмансабони Қушунҳои сарҳадиро муваззаф менамояд, ки ба шаҳрвандон аз рӯйи дархости онҳо дар бораи сабабҳои аз ҷониби Қушунҳои сарҳадӣ маҳдуд гардидани ҳуқуқу озодиҳояшон ахборот ва тавзеҳоти мушаххас манзур намоянд. Қонун махфияти баъзе муқарраротро дар ин самт кафолат додааст.

Масъалаи муҳим, ки дар ин ҳуҷҷат мақоми хеле назаррас дорад, ин муайян намудани уҳдадориҳое мебошад, ки иҷро ва риояи онҳо барои сохторҳои Қушунҳои сарҳадӣ муҳим мебошанд.

Дар ин ҳуҷҷати расмӣ дар бораи ҳайати шахсии Қушунҳои сарҳадӣ, ки он аз хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони ғайринизомии Қушунҳои сарҳадӣ ташкил шудааст, оид ба тартиби таъмини Қушунҳои сарҳадӣ бо ҳайати шахсӣ, хусусан ба таври ихтиёрӣ ба кор даромадани хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони ғайринизомӣ, тариқи даъвати тирамоҳию баҳорӣ барои хизмати ҳарбии ҳатмӣ (муҳлаташ 2 сол) дар сафи Қувваҳои мусаллаҳ ҷалб намудани шаҳрвандони синни 18-27-сола маълумотҳои мушаххас дарҷ гардидааст.

Қонун ба шаҳрвандоне, ки хизмати ҳарбии ҳатмиро адо кардаанд, билети ҳарбӣ ва ба нафарони ихтиёрӣ хизматдошта шаҳодатномаҳои хизматии намунаи давлатӣ доданро муқаррар кардааст. Ҳамчунин бояд гуфт, ки кормандони ғайринизомие, ки дар Қушунҳои сарҳадӣ иҷрои вазифа доранд, фаъолияти меҳнатии онҳо тибқи Кодекси Меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст. Ба масъалаи омода намудани мутахассисони ҳарбӣ, такомули сатҳи тахассусии онҳо дар қонунгузорӣ таваҷҷуҳ зоҳир шуда, таҳсили кормандону хизматчиён дар курсҳои омӯзишии назди муассисаҳои таълимии ҳарбӣ, марказҳои таълимӣ ва инчунин, дар пояи созишномаҳои дуҷонибаи байналхалқӣ дар марказҳои таълимии ҳарбии кишварҳои хориҷӣ роҳандозӣ мегардад.

Ҳуқуқу имтиёз ва кафолату ҷубронҳои давлатӣ ба кормандон, хизматчиёни ҳарбӣ ва аҳли оилаи қушунҳои марзбонӣ тибқи қонун муқаррар гардидааст. Асноди меъёрии ҳуқуқии соҳа ҳама гуна кирдору амалҳои ғайриқонунии таҳқир ва таҳдид кардан, зарари ҷисмонӣ расондан ва ё

сӯиқасдро, ки нисбат ба кормандону хизматчиёни ҳарбӣ ҳангоми иҷрои вазифаю уҳдадориҳояшон содир карда мешаванд, ба ҷавобгарӣ кашида маҳкум менамояд.

Дар мавриди ҷалб гардидани кормандону хизматчиёни ғайриҳарбӣ ба амалиётҳои ҳарбӣ, ки ҳадафи онҳо дифои марзи давлатӣ мебошад, онҳо аз имтиёз ва ҳуқуқҳои барои хизматчиёни ҳарбӣ муқарраргардида бархурдор мешаванд.

Хулоса, фаъолияти ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи пурпечутоб ва хеле мураккабро сипарӣ намудаанд. Айни замон, барои фаъолияти муназзами онҳо ҳама гуна шароити моддию техникӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва заминаи мусоиди ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудаанд. Вазифаи ниҳодҳо, хусусан, қушунҳои сарҳадӣ дар шароити соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба таври мушаххас дар зербоби мазкур муайян карда шуд, ки он фарогири ҳифзи амнияти дохилӣ ва дифоъ аз таҳдидҳои беруна ба шумор меравад. Заминаҳои асосии пайдоиш ва рушди ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар кори илмӣ ҳамчун зарурати воқеӣ барои ҳифзи марзу буми кишвар ва муқовимат ба хавфу хатар ва таҳдидҳои ғайрианъанавии беруна ба шумор меравад

Ҳифзи марзу буми давлатӣ бевосита, дар маҳаллоти наздисарҳадӣ аз ҷониби қушунҳои сарҳадӣ амалӣ карда мешавад. Ҷиҳати иҷрои вазифаҳои хизматӣ ин қушунҳо ҳуқуқи аз яроқу аслиҳа ва лавозимоти ҷангию техникаи ҳарбӣ истифода бурданро доранд. Дар қонунгузорӣ, оинномаву низомномаҳои ин мақомот оид ба мавридҳои истифодаи яроқ ва техникаи ҳарбие, ки дар ихтиёри қушунҳои марзбонӣ қарор доранд, дастурҳои мушаххас мавҷуданд. Дар ин қабил аснод номгӯйи воситаҳо, силоҳҳои ҷангӣ, техникаи ҳарбӣ вобаста ба муҳит (хушкигард, дарёӣ, ҳавоӣ) ва усули истифода аз онҳо маълумот дода шудааст.

2.2. Ташаккули ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон

Бояд тазаккур дод, ки соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мардуми шарафманди тоҷик имконият фароҳам овард, ки ихтиёри давлатдориро ба дасти худ гирифта, ба сӯйи зиндагии осуда, эъмори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ роҳи васеъ кушоянд. Инчунин, ин падидаи нодир ба мардуми шарифи кишварамон руҳи нав бахшида, сатҳи худшиносӣ ва ифтихори миллии хурду бузурги кишварро ба сатҳи нав бардошта, дар амалӣ намудани нақшаҳои азими созандагӣ, ки ҳадафашон бо тақдири наслҳои имрӯзаву оянда пайванди ногусастанӣ дорад, қадамҳои устувор гузошт. Ҳамаи ин дастовардҳо боз ҳам сатҳи инкишофи илмию амалии истиқлолияти давлатиро васеъ намуда, дар амал татбиқ ёфтани самтҳои онро, яъне ҳифзи марзу буми кишварро низ тасдиқ менамояд.

Ин ҳолатро таҳлил намуда, А.Н. Муҳаммад нисбат ба Сарвари сиёсии тоҷикони ҷаҳон дар замони соҳибистиқлолӣ чунин изҳори андеша менамояд: «Арзи сипос барои мақом ва эътирофи Шумо, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчун фарзанди фарзонаи миллати тоҷик, ҳамчун шахсияти сиёсии соҳибтаҷриба дар сиёсати ҷаҳони муосир. Ин аст, ки Си Ҷинпин дар Саммити якуми сарони мамлакатҳои «Чин – Осиёи Марказӣ» бузургӣ ва воломақомии Шуморо чунин баён намудааст: ***«Шумо, Ҷаноби Президент, миёни мо — сарони давлатҳо аз ҳама сиёсатмадори пуртаҷриба ба шумор меравед, ки дар саргаҳи таъсиси Созмони ҳамкории Шанхай истода будед. Шумо хеле сиёсатмадори хирадманд, пуртаҷриба ва дурбин ҳастед ва дар рушди муносибатҳои дуҷониба нақши муҳим мебозед. Пешниҳод ва андешаҳои Шумо барои мо ниҳоят муҳим мебошанд».*** Дар воқеъ, эътирофи Президенти мамлакати мо дар сатҳи чунин сиёсатмадорони сатҳи ҷаҳонӣ – ин эҳтирому эътироф ва нангу номуси миллату давлат ва соҳибистиқлолии Тоҷикистони азиз мебошад»[132].

Воқеан, хизматҳои Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташкили Ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон хеле шоиставу саривақтӣ ба шумор мераванд. Сар задани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, таҳдид, хатар ва шояд бадтарин вазъияте буд, ки таъсири манфии худро ба самтҳои дигари ҷомеаи мо расонида буд, боз ҳам ин масъала, зарурати ҳифзи амнияту таҳкими сиёсати давлатиро ба вуҷуд овард.

Дар ин марҳила Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷуз аз мустаҳкам намудани сиёсати ҳарбӣ ва таъсиси Қуввахои мусаллаҳи миллӣ чораи дигар надошт. Аммо дар он вазъи мудҳиш ташкили идораи ҳарбӣ ва Қуввахои мусаллаҳ кори хеле сангину мушкил ба ҳисоб мерафт. Илова бар ин, вазъияти ногувори баамаломада аз низомиёни кишвар маҳорати хуби таълимию касбии ҳарбиро талаб менамуд. Аз ин рӯ, зарур мешуморем, ки раванди ташаккули Қуввахои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро шартан ба марҳилаҳои зерин тақсим намоем:

Марҳилаи 1. Ин марҳила аз давраи ташаккули сиёсати ҳарбӣ ва қабули эъломия «Дар бораи соҳибистиқлолӣ»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз мешавад. Зеро дар марҳилаи аввал ё ибтидоӣ корро аз таҳияву тасдиқи асноди меъёрию ҳуқуқӣ сар кардан мантиқан дуруст аст. Ин буд, ки паси ҳам якчанд ҳуҷҷати муҳим юридикие, ки ташкил ва фаъолияти хуби Қуввахои мусаллаҳро ба танзим медароранд, пай дар пай қабул гардиданд. Ба хусус, қабули қонунҳои зерин: «Дар бораи таъсиси Қуввахои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (1996), «Дар бораи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (1997), «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизматӣ» (2000), «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ» (2005), «Дар бораи таъсиси Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2006) ва монанди инҳо ба тасвиб расиданд.

Марҳилаи 2. Марҳилаи баъдӣ ба рушди сиёсати низомию ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо ташкил шудани Қуввахои мусаллаҳи миллӣ (23.02. 1993), ҳалли масъалаҳои таълиму тарбияи мутахассисон, афсарону

сабозон марбут мебошад, мансубият дорад. Таъкид кардан месазад, ки дар давраи мазкур дар Тоҷикистони ҷавон диққати асосӣ ба ташаккулу таҳаввули системаи маорифи ҳарбӣ, ки зимни он таъсис додани муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ ва миёнаи ҳарбию касбӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои ҳарбӣ равона гардидааст.

Дар як муддати кӯтоҳ тайёр кардани ихтисосмандони соҳоти мухталифи ҳарбию низомӣ, ҳайати идоракунанда ва пурра намудани ҳайати шахсии қушунҳо кори осон набуд. Бавижа, дар ин самт Донишкадаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таълиму тарбия, соҳиб гардидан ба малакаю маҳорат, қобилияту салоҳиятҳои тахассусии низомиёни ҷавон саҳми назаррас дорад. Дар асоси шартнома оид ба таҳсил ва тайёр намудани мутахассисони низомии Тоҷикистон дар муассисаҳои таълимии «Академияи ҳарбӣ» ва «Академияи амниятии Федератсияи Россия» аз рӯйи самту равия ва тахассусоти гуногун мутахассисони низомиро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон тайёр менамуданд.

Дар Донишкадаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон кулли кормандони Қувваҳои мусаллаҳ, афсарону сарбозони эҳтиётӣ ба раванди таълими ҳарбӣ дар шаклҳои мухталиф ба таҳсил ҷалб гардиданд. Моҳияти ин марҳилаи ташаккули сиёсати ҳарбии кишварро аз бар намудани донишу малака ва таълими касбии Қувваҳои мусаллаҳ ташкил медод.

Дар ин росто, барои пайдоиши методҳои нав ва дар асоси методологияи муосир омода намудани низомиён замина гузошта шуд. Дар ин марҳала самтҳои муҳим ташаккулу таҳаввули ниҳодҳои ҳарбӣ муайян карда шуданд. Мақсади сиёсати ҳарбӣ дар ин давра ҳар чи зудтар бартараф намудани алангаҳои низои дохилӣ дар ҷумҳурӣ маҳсуб меёфт. Ташкили Қувваҳои мусаллаҳ, ба таълими касбӣ фаро гирифтани низомиён, баланд бардоштани сатҳи дониш, малака ва қобилиятҳои тахассусии онҳо танҳо ба хотири муҳофизати манфатҳои давлату миллат ва таъмини суботи дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ мегардид. Артиши миллии Тоҷикистон

ҳуҷум ба ҳудуду қаламрави давлати дигарро ҳамчун ҳадафи фаъолият қарор надодааст.

Дар ин марҳилаи ташаккул самти асосии сиёсати ҳарбии ҷумҳуриро ташкили Қуввaҳои мусаллаҳ, ниҳоду мақомоти идоракунӣ ва баланд бардоштани сатҳи омодабошии он равона гардида буд. Ба бесарусомониҳои сиёсӣ нигоҳ накарда, ҳукумати навтаъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон тавонист, ки дар он солҳои душвори буҳронӣ самти сиёсати ҳарбӣ ва ташкили Қуввaҳои мусаллаҳи кишварро муайян ва роҳбарӣ намояд.

Роҳбарияти олӣ тамоми тадбирҳоро ҷиҳати ташкили ин ниҳоди ҳаётан муҳим, ин ниҳоди мудофиавии давлат амалӣ намуд. Зеро ки ташкил намудани қуввваҳои мусаллаҳ ҷиҳати ҳалли мушкилоти бунёдӣ – боло бурдани сатҳи некуаҳволии аҳолии кишвар, пойдории сулҳу субот ва осоиштагии Тоҷикистон чун амри зарурӣ ба миён гузошта шуд. Иқтидор ва тавоноии ин Қуввaҳои мусаллаҳ аз теъдод ва сифати зерсохтору ҷузъу томҳои он вобаста буда, эҳтиёҷ ба асосҳои техникию иқтисодӣ дошт. Парокандашавии Давлати Шуравӣ ва артиши пурқудрати он ба раванди таъсис ва рушди ҷузъу томи Қуввaҳои Мусаллаҳи давлати ҷавони тоҷик таъсири ҷиддӣ расонида буд.

Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои аввали истиқлолияти миллию давлатӣ, аз як тараф, бинобар сар задани бенизомиҳои дохилӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва аз тарафи дигар, бо сабаби нарасидани маблағҳои буҷавӣ барои тараққӣ ва ривоҷ додани сатҳи Артиши миллӣ ба душвориҳои зиёди техникӣ, молиявӣ, иқтисодӣ ва нарасидани афсарони соҳибтаҷриба рӯ ба рӯ гардида буд. Норасоии мутахассисони ҳарбии касбӣ дар ҳама ҳолатҳо ҳис карда мешуд. Сарфи назар аз ин мушкилиҳо ҳайати шахсии қуввaҳои он дар солҳои душвор роҳи пурпечутоберо тай намуданд. Натиҷаи роҳандозии сиёсати оқилонаи роҳбарияти мамлакат буд, ки Қуввaҳои мусаллаҳ то замони мо ба қадри имкон соҳиби малакаю таҷриба ва

қобилияту салоҳиятҳои назариявию амалии ҷангӣ гардида, имрӯз ба яке аз артишҳои касбии ҳарбӣ табдил ёфтааст.

Чунонки, низоъҳои марзию бумӣ дар миёни ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон аз он сабаб ба вуқуъ омада буд, ки дар давоми солҳои тулонӣ ҳукумати марказӣ дар замони шуравӣ, бинобар давлати ягона будани ҷамоҳири иттифоқӣ ба ҳалли масъалаи мазкур чандон мароқ зоҳир накард. Гарчанде оқибатҳои нохуш доштани ин проблемаи ҳалталаб барояшон чун оина равшан буд. Ба ҳамин минвол, масоили ҳалношудаи куҳна дар замони нав (соҳибистиқлолӣ) ба амнияти ду кишвар таҳдиду хатарҳои нав зам намуд, ки ин масъаларо танҳо дар якҷоягӣ бо назардошти ба эътибор гирифтани чунин вазъиятҳо дар сари мизи музокирот ҳал кардан имконпазир буд:

1. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои хати марзи хеле дарозу тулонӣ мебошад: бо Ҷумҳурии исломии Афғонистон, тавре ки гуфтем, қариб якуним ҳазор километр сарҳади умумӣ дорад ва пӯшида нест, ки дар давоми даҳсолаҳои охир дар ин кишвар вазъи сиёсӣ ҳамоно ноорому ташвишовар боқи мондааст.

2. Сарҳадоти Тоҷикистон бо баъзе ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, имрӯзҳо, хусусияти зоҳиран вазъи пуршиддат доранд, ки он бо мавҷуд будани ҳудудҳои баҳснок ва масоили истифодаи оқилонаи об ва захираҳои табиӣ дар ҳудудҳои водии Фарғона, бо мавҷудияти масъалаҳои коммуникатсионӣ дар роҳи ҳамкории асосноки транссарҳадӣ вобастагӣ доранд, гарчанде ки баъди иқдоми нави президентҳои ду кишвар бисёре аз ин мамониатҳо бартараф шудаанд.

3. Натиҷаҳои мониторинги иҷтимоии ҷомеаи тоҷик аз бисёр ҷиҳатҳо бо саволҳое муайян мегарданд, ки бевосита ва ё бавосита ба масоили сарҳадӣ муносибат доранду бо воридшавии транссарҳадии маводи мухаддир ба марзи ҷумҳурӣ ва дар оянда тақсимшавии он ба манотиқи дигар алоқаманданд, дар ин асос бо пайдо шудани симои манфии аҳолии тоҷикистоние, ки дар ИДМ ба сифати муҳоҷирони меҳнатӣ қарор доранд;

инчунин бо вазъи номафҳуми ҳарбӣ-сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар Афғонистони ҳамсоя. Дар заминаи дигар сарҳадоти давлатӣ худи сарҳади тоҷику афғон намунаи равшани пайдоишу густариши муқовимати тулонӣ дар сарҳадоти давлатӣ мебошад.

Ин воқеият як бори дигар муқаррароти одилонаи илмиро оид ба он, ки такроршавандагӣ ва тезутундии масоили сарҳадӣ ҳамеша аз гуногунсатҳии инкишофи сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии муҳити иҷтимоии ҳамҷавор вобастаанд, тасдиқ мекунад [132, с. 190].

Албатта, боиси ифтихор аст, ки моҳи марти соли 2025 бо ибтикори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон масъалаҳои марзии байни ин ду кишвар ҳалли худро ёфтанд ва протоколи махсуси дуҷониба ба имзо расид.

Бояд гуфт, ки мақсади асосии ҳар як давлат таъсис додани Артиши миллӣ аз ҷумла, ниҳодҳои махсуси ҳифзи сарҳадӣ давлатӣ мебошад, ки он иқтидори мудофиавии соҳибистиқлолӣ, якпорчагии Ватан ва оромии ҳаёти осоиштаро ба зимма дошта бошад. Бинобар ин, Артиши миллӣ дар ҳама ҳолатҳо бояд ба ҳадафҳои сиёсӣ ва мудофиавии давлат созгор бошад. Хусусан, дар вазъи нооромии сиёсӣ, ҳолати буҳронӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ, ки эҳтимолияти азбайнравии Тоҷикистон ба миён омада буд, таъсис додану пурра намудани воҳидҳои махсуси Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон амри зарурӣ буд.

Шароити сиёсию иқтисодии Тоҷикистон дар он замон барои иҷрои он мутобиқ набуд. Ба андешаи мо, яке аз мушкилиҳои ин марҳила, омӯзиш ва таълими ҳарбии низомиён бо дарназардошти воқеияти кишвар буд. Чунки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози ҷуғрофӣ кишвари кӯҳӣ ба ҳисоб рафта, низомиёнро бо назардошти ин омил бояд омода мекарданд. Инчунин, истифодаи техникаи ҳарбӣ ва хусусан техникае, ки дар шароити кӯҳсор мавриди истифода қарор дода шавад, бояд ба роҳ монда мешуд. Масалан, истифодаи таҷҳизоти вазнин дар минтақаҳои кӯҳӣ кори хеле мушкил аст. Мавқеи ноҳамвор, роҳҳои танг, пулҳои зиёду наҳрҳои кӯҳӣ ба гузаронидани

ҳар гуна амалиёти низомӣ мушкилӣ эҷод намуда, ҳаракати қушунҳои пиёдагард ва техникаҳои вазнини ҳарбиро мушкил мегардонад.

Дар давраи мудҳиши ҷанги шаҳрвандӣ, ки Тоҷикистон ба буҳрони молиявӣ фурӯ рафта буд, ташкилу гузаронидани чунин шаклҳои таълими ҳарбии Қувваҳои мусаллаҳ дар минтақаҳои кӯҳӣ кори осон набуд. Дуруст аст, ки ба эътибор гирифтани ин омилҳо метавонад ба самаранокии таълими ҳарбию фаъолияти Қувваҳои мусаллаҳи кишвар ва камхарҷи он дар манотиқи кӯҳии кишварамон таъсир расонад.

Ин марҳаларо зинаи асосии рушди сиёсати ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон номидан мумкин аст. Зеро шароити вазнини сиёсӣ ва нооромиҳои он замон Қувваҳои мусаллаҳи маҳорати баланди касбидоштаро талаб менамуд. Шиддат гирифтани низоъҳои дохилӣ аз Ҳукумати Тоҷикистон зарурати такмили сиёсати ҳарбӣ, таълими замонавии ҳарбӣ, таҳия ва татбиқи сиёсати кадриро дар Қувваҳои мусаллаҳ тақозо менамуд. Мақсади асосии сиёсати низомии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин давра баланд бардоштани руҳияи ватандӯстӣ, шуурнокии сиёсӣ, тавсеаи донишҳои назариявию амалӣ ва тайёрии таълими касбии доимии ҳайати шахсии ниҳодҳои ҳарбии марзбонӣ ташкил медоданд. Дар ин марҳила дар назди сиёсати ҳарбиии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин вазифаҳо гузошта шуда буд.

Ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва ба буҳрони сиёсию иқтисодӣ дар ҳамон замон ба сатҳи поён рафтани Тоҷикистон ба рушди соҳаи ҳарбӣ таъсири манфӣ расонид. Яке аз омилҳои такмилдиҳандаи ин соҳа дар он вазъият ҳар чи зудтар таъсис додани муассисаҳои таълимӣ-ҳарбии хусусияти стратегидошта ва неруманду мусаллаҳ намудани Қувваҳои мусаллаҳ ба шумор мерафт.

Мавҷудияти марказҳои таълимӣ-тадқиқотӣ боиси баланд бардоштани маҳорати касбии Қувваҳои мусаллаҳ ва тарбияи маънавию равонии кадрҳои ҳарбӣ шуда метавонист. Дар ин давра соҳаи ҳарбии кишвар бо хусусияти хоси худ нисбат ба дигар бахшҳои фаъолияти давлатӣ аҳаммияти фарқкунанда дошт. Дар марҳалаи дувум, ҳадафи сиёсати ҳарбии Тоҷикистон

ҳар чи зудтар мусаллаҳ намудани низомиён бо силоҳ ва техникаи муосир буд. Истисно аз ин, дар ин марҳила яке аз ҳадафҳои муҳим стратегии сиёсати ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муҳофизати манфиатҳои миллию соҳибихтиёрӣ, дахлнопазирии сарҳад, инчунин ҳифзи муқаддасоти миллии кишвар ташкил менамуд.

Марҳилаи 3. Марҳилаи мазкур бо замони пойдор гардидани сулҳу субот дар мамлакат (шуруъ аз 27. 06. 1997) ва дар атрофи давлати ягонаи ҳуқуқбунёд муттаҳид гардидани қишрҳои гуногуни ҷомеа алоқамандӣ дорад. Ба тасвиб расидани санади муҳим давлатӣ «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ» миёни Ҳукумат ва мухолифинро давраи оштии миллӣ ва гардиши куллӣ дар таъсиси Қуввaҳои мусаллаҳи Тоҷикистон номидан дуруст аст. Беҳтар гардидани вазъи сиёсӣ ба ривоҷу равнақи сиёсати ҳарбӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат намуд. Мусаллаҳ сохтани ҷузъу томҳои қувваҳои низомӣ ва бо таҷҳизоти ҷангӣ таъмин намудани онҳо дар марҳилаи сеюм бештар ба чашм мерасад.

Мустаҳкам намудани иқтидори идораю ниҳодҳои низомӣ дар мамлакат барои амалӣ намудани ислоҳот дар сохторҳои қудратӣ шароиҳои мусоид фароҳам овард. Дар ҳолате, ки авзои минтақаҳои сарҳадии дохилию берунии Тоҷикистон чандон хуб набуд, вазъ дар бисёр гӯшаву канорҳои ҷаҳон ноором гардида буд, ташаккул ва таҳаввули Қушунҳои сарҳадӣ ҳамчун як ҷузъи Қуввaҳои мусаллаҳи миллӣ ба аҳаммияти бузурги минтақавию геополитикӣ молик мебошад.

Атрофи Тоҷикистонро кишварҳое иҳота кардаанд, ки аз лиҳози сиёсиву иқтисодӣ онҳо низ фазои ноором доштанд. Хусусан, авзои Ҷумҳурии исломии Афғонистон (ҳоло Аморати муттаҳидаи Афғонистон) ва Ҷумҳурии исломии Покистон на фақат осоишу бехатарии кишварҳои Осиёи Марказӣ, балки вазъи ҷаҳони муосиро ноорому нигарон сохтааст. Дар баробари ин, муборизаҳои геополитикӣ ва мусаллаҳшавии бошитоби кишварҳои абарқудрат имкон намедиҳад, ки вазъ дар фазои кишварҳои Шарқи Миёна орому муътадил бошад. Муборизаҳои геополитикӣ омили

васеъгардии таҳдиду хатарҳои ҳарбӣ-сиёсӣ дар минтақа мегарданд. Аз ин рӯ, кӯшишу имконияти ҳарбии Тоҷикистон дар ин самт ба пешгирӣ аз ин мухолифатҳо равона гардидааст. Амнияти дигар кишварҳои минтақа аз ҳолати ҳифзи марзи Тоҷикистон бо Афғонистон вобастагии зиёд дорад. Ҷангу ноороміҳо дар Афғонистон – кишваре, ки бо Тоҷикистон сарҳади тулонӣ дорад, ба фазои амниятии минтақа бетаъсир намемонад.

Дар чунин шароит яке аз аҳдофи асосии сиёсати ҳарбии ҷумҳуриамонро таъмини саривақтии амнияти ҳарбии сарҳадҳои ҷанубии он ташкил медод, ки ҳалли он на фақат дорои аҳаммияти дохилӣ, балки хусусияти минтақавиро дар худ дошт. Вусъат ёфтани хатарҳо дар оянда боиси ба вуҷуд омадани муноқишаҳо ва нуқтаҳои даргир дар кишварҳои минтақа гардида, ба суботу оромии онҳо монеа эҷод менамуд.

Ба ин васила, сиёсати ҳарбии Тоҷикистонро зарур буд, ки дар таълиму тарбияи низомиён дар муассисаҳои олии ҳарбӣ диққати ҷиддӣ дода, омӯзишу таҳқиқи масъалаҳои «хатари ҳарбӣ» ва «таҳдиди ҳарбӣ»-ро дар сатҳи олӣ ба роҳ монанд. Дар ин доира таълими ҷузъу томҳои низомӣ ба пойдории самтҳои сиёсати ҳарбии кишвар дар ояндаи наздик мусоидат намуда, ҷиҳати омода намудани хадамоти махсуси ҳарбӣ (разведкаи ҳарбӣ) бояд заминаи мусоид гузорад.

Аз як тараф, паҳншавию густариши хатари ҷангҳо ва аз ҷониби дигар, фаъолшавии гурӯҳҳои террористию экстремистӣ ба мушкилоти асосии тараққиёти давлатҳои мустақил боис гардида, сабабгори бенизомӣ ва низоъҳои дохилӣ шуда метавонад. Ин вазъи номусоид аз Тоҷикистон нерумандии идораи ҳарбӣ ва муқобили тамоилҳои хатарнок тайёр намудани хадамоти махсуси ҳарбиро талаб менамояд. Барои рафъи фазои номусоид роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки диққати асосиро ба таъсиси хадамоти махсуси ҳарбӣ ва дар доираи он таълим додани Қуввaҳои Мусаллаҳи худ равона намояд. Алалхусус, ҷиҳати беҳтар намудани нишондиҳандаҳои сифатию миқдории барои бо таҷҳизоти нави техникӣ ва таъмин намудани ниҳодҳои низомӣ, таҳкими иқтидори ҷангии ҳарбиён, аз

ҷумла бо воситаҳои электронӣ, алоқаи ҳарбӣ ва ташкили низоми назорати компютерии марзӣ бояд ба фаъолияти доимии хадамоти ҳарбӣ ворид гардад.

Дар баробари ин, барои пурра аз байн бурдани тамоюлҳои манфии хатарзо ба мо зарур аст, ки ба бартарафнамоии фарсудашавии яроқ, техникаи ҳарбӣ диққати ҷиддӣ дода, барои ҷавонони даъватшаванда ба хизмати ҳарбӣ шароити хуби техникӣ фароҳам оварем. Идораи ҳарбии кишварро зарур аст, ки дар ин самт аз воситаҳои таблиғотии ҷалбнамоии шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ, ки аз меъёрҳои ватандӯстӣ, ҳифзи соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзии кишвар иборат аст, моҳирона истифода намояд.

Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола вобаста ба беҳтар гардидани шароит дар қисмҳои ҳарбӣ ва даъвати саривақтӣ ба хизмати ҳарби дар паёмҳои худ ба Парлумони мамлакат таъкид менамояд, ки суботу оромии кишвар аз ҳисси ватандӯстӣ ва хизмати софдилонаи қувваҳои низомӣ вобаста аст. Хизмати ҳарбии ҷавонон ва ҳифзи марзу буми кишвар қарзи шаҳрандии ҳар як фарди тоҷик мебошад.

Сарвари давлат ҳамчун Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои мусаллаҳ такмил додани соҳаи ҳарбии кишварро асоси амнияту суботи кишвар меҳисобанд. Таҳким бахшидани ин самти фаъолияти давлат омили устувории сулҳу ваҳдат ва ягонагӣ мебошад.

Барои густариш ва татбиқи усулҳои нави таълими низомии Қувваҳои мусаллаҳ чораҳои зарурӣ андешида, он бояд доимо дар мадди назари масъулони соҳа қарор гирад. Хусусан, шаклҳои муосири таълими низомӣ ва усулҳои истифодаи он дар амалиётҳои ҷангӣ бояд мустақилона гузаронида шаванд. Сарвари давлат оид ба таълиму тадриси соҳаи ҳарбӣ ва аҳаммияти стратегии он супоришҳои мушаххас доданд. Пӯшида нест, ки ҷараёни рушди барқарорсозӣ ва ба танзим даровардани Қувваҳои мусаллаҳи кишвар солҳои 2008-2018-ро дар бар мегирифт. Саҳми кулли кормандони ин соҳа дар баланд бардоштани самаранокии мудофиаи ҳарбӣ ва истифодаи азнавкунии силоҳу таҷҳизоти ҳарбӣ назаррас мебошад.

Мақсади сиёсати ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳкими Қувваҳои мусаллаҳ ва дар ҳолатҳои зарурӣ имкони истифодабарии он ҳамчун неруи стратегии давлат ташкил менамояд. Зеро мавҷудияти хатари доимӣ аз кишвари ҳамсоя (Ҷумҳурии исломии Афғонистон) ва ё эҳтимоли алайҳи кишвари мо сар задани хатар омодагии доимии қуввaҳои низомии Тоҷикистонро тақозо менамояд. Бо вуҷуди ин, низоъҳои мусаллаҳонаи минтақавӣ, имконияти безараргардонии хатарҳои ҳарбӣ ва баланд бардоштани самаранокии мубориза бар зидди таҷовузи мусаллаҳона алайҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳое мебошанд, ки дар замони муосир ба ҳадафҳои стратегии сиёсати ҳарбии кишвар табдил ёфтаанд.

Ёдовар бояд шуд, ки чораандешӣ оид ба хатарҳои ҳарбию сиёсӣ доимо мавриди таваҷҷуҳи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, вобаста ба рафъи мушкилоти соҳавии онҳо ҳамасола дар солгарди таъсисёбии Артиши миллӣ ба рушду таҳкими Қуввaҳои мусаллаҳи кишвар диққати ҷиддӣ медиҳанд.

Хусусиятҳои махсуси сиёсати ҳарбии ҷумҳурӣ дар замони кунунӣ татбиқи сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ маҳсуб меёбад. Дар бобати амалӣ сохтани самти дохилии сиёсати ҳарбии мамлакатамон масъалаи бевосита дар ҳудуди ҷумҳурӣ омода кардани афсарони низомӣ ва мутахассисони соҳавии низомӣ мақоми муҳим дошт. Дар шароити муосир ба самти сиёсати дохилии кишварҳои ҷаҳон пайдоиши як қатор зуҳуроти номатлуби глобалӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Ба назари мо, дар ин самт сиёсати ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки бо назардошти мавҷудият ва таъсири хатарҳои глобалӣ, самтҳои афзалиятнокии фаъолияти хешро дар ин соҳа муайян намояд.

Таҷрибаи талхи рӯзгор исбот кард, ки сулҳу осоиштагиро дар мамлакат фақат бо пеш гирифтани муносибати созишкоронаву татбиқи сиёсати мусолиҳатомез барқарор сохтан ба мақсад мувофиқ аст. Истиқрори сулҳро халқи тоҷик бесаброна интизор буд, фазои дохили кишвар ноором, вазъи иқтисодии иҷтимоии мардум хароб буд ва мушкилоти боз ҳам сангинтар

ҳалли қазияи фирориёни бурунмарзӣ маҳсуб меёфт. Ҳодисаҳои таърихии минтақа гувоҳи онанд, ки халқи тоҷик дар ҳеҷ вақту замон аз рӯйи хусумат ба сари қавми дигаре силоҳи зулму таъдид боло накардааст. Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлолияти миллию давлатӣ дар зери таъсири омилҳои мухталиф, хусусан кишварҳои хориҷӣ ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд. Қисмати ояндаи халқу миллат ва мавҷудияти Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол як муддат номаълум мондаву бо таҳдиду хатарҳои зиёд мувоҷеҳ гардид. Ҳалли қазияи мазкур ба он вобаста буд, ки мардуми мо, Қувваҳои мусаллаҳи навтаъсиси он, роҳбарияти сиёсии ҷумҳурӣ алангаи ҷангро хомӯш карда метавонад ё не. Роҳ ба ҷониби сулҳу оштӣ хеле душвор ва дуру дароз буд. Зарур афтод, ки баҳри муваффақ гардидан ба оромию осоиштагӣ гоҳо саъю талошҳои тасаввурнашавандаро амалӣ сохта, соҳибиродагию матонати зиёд нишон диҳем, тааммулу таҳаммулро шиор созем, хатои ҳамдигарро бубахшем ва бо чеҳраи кушода якдигарро истиқбол гирем. Бо татбиқи чунин сиёсат барои хотима гузоштан ба низоъҳои бардавом ва даҳшатҳои ҷанги шаҳрвандӣ хотима гузошта тавонистем.

Ҷойи саҳв нест, агар бигӯйем, ки ҷанги дохилии тулонӣ дар Афғонистон сар намезад, дар Тоҷикистон чунин задухӯрдҳои хунин рӯй намедоданд. Бисёр мамлакатҳои ҳамҷавори мо ҳодисаҳои нангини ба сари миллати тоҷик омадаро таҳлил намуда, ба дурустӣ пай бурданд, ки сулҳи Тоҷикистон садди бузурге буд, ки барои ҷилавгирӣ аз сенарияи интиқоли вазъи Афғонистон ва ташкили ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар дигар минтақаҳои Осиёи Марказӣ нақши муҳим бозид. Гулхани ҷангҳои дохилӣ дар кишвари мо хомӯш карда шуд. Агар бархӯрдҳо дар Тоҷикистон хотима намеёфтанд, алангаи сӯхтори ҷанги Афғонистон на танҳо ба ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, балки бемуҳобот ба марзу буми кишварҳои дигар низ интиқол меёфт ва оқибатҳои хеле тахрибкорона ба бор оварда метавонист.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки шуда, Вазорати амнияти ҷумҳурӣ зарурати ноил шудан ба сулҳу оштии миллиро ҳис карда, ҳанӯз соли 1994 барои гузоштани санги асоси фазои осоишта бунёд гузошт. Бо таблиғоти

кормандони хадамоти бехатарӣ ҷангиёни собиқ мухолифин бо сарварии фармондеҳ Х. Холбашев ба хотири таъмини якпорчагии ҷумҳурӣ аз ақидаҳои экстремистию ниятҳои террористӣ даст кашида, ба ҳайати қушунҳои марзбонии кишвар дохил гардида, дар комендатураи сарҳадии ноҳияи Рӯшон ба хизмат шуруъ намуданд.

Дар воқеъ, ташаккули ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон то рӯзҳои мо ҳам давом дорад. Хусусан, дар хати транзитии интиқоли ғайриқонунии маводи мухаддир (тавассути Афғонистон) ҷойгир шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон, кори сарҳадчиёнро бамаротиб душвор гардонидааст. Бисёр воқеаҳои марзшиканӣ, ташкили задухӯрдҳои мусаллаҳона дар сарҳад бинобар ҳамин сабаб ба вуқуъ меоянд.

Аз ин лиҳоз, ин ҷо дар бораи ягон хел тафаккури сиёсии аҳолии наздисарҳадии тоҷику афғон ба фаҳмиши анъанавии он сухан рондан душвор аст. Лекин, ба инҳо, ба самти бедоркунии манфиати онҳо, аз нуқтаи назари дарки он, ки чӣ ба рағбату талаботи онҳо мувофиқ аст, таъсири иттилоотӣ-психологӣ расонидан мувофиқи мақсад аст [32, с.29].

Ниҳодҳои ҳифзи сарҳадӣ аз давраи таъсисёбӣ шуруъ карда, аз сарҳадшиканон теъдоди хеле зиёди силоҳи оташфишон, маводи тарканда, мина, тирҳои гуногун дарёфт ва мусодира намуданд. Ба туфайли ҳушёрию кордонии қуввaҳои марзбонӣ чандин махфигоҳи силоҳу маводи нашъаовар дарёфт ва мусодира гардид. Дар натиҷаи гузаронидани амалиётҳои ҳарбию оперативӣ қисми зиёди марзшиканон ва гурӯҳҳои котрабандистӣ дастгир шуда, нисбаташон тадбирҳои судӣ татбиқ гардид. Тахрибкорони дигар ҳангоми нишон додани муқобилияти мусаллаҳона маҳв карда шуданд.

Ҳамкориҳои ду ҷониба Руссия ва Тоҷикистонро дар бобати ҳифзи амнияти сарҳадӣ бояд зикр кардан бамаврид аст, ки аз рӯзҳои нахустини ташкилёбии бригада ва отрядҳои махсуси сарҳадбонӣ фаъолияти онҳо бо низомиёни ҷузъу томҳои сарҳадии Русия дар марзи Тоҷикистон ҳамоҳангӣ ҳукмфармо буда, дар иҷрои амалиётҳои муштарак ҳусни тафоҳум қарор дошт. Хусусан, ба марзбонони тоҷик дар замони роҳбарии Хадамоти

сарҳадии Русияро бар дӯш доштани генерали артиш А.И. Николаев бисёр кӯмакҳои беғаразона ва бебозгашт расонда шудааст. Аввалин иқдоме, ки ӯ анҷом додааст, маъқул донистани дархости ҷониби ҷумҳурии мо ҷиҳати таъсиси курсҳои кӯтоҳ ва миёнамуҳлат ва тавассути Маркази таълимии гурӯҳи сарҳадбонони Руссия дар Тоҷикистон тайёр кардани афсарони дараҷаи хурд ба шумор мерафт.

А.И. Николаев ин пешниҳоди мазкурро ҷонибдорӣ карда, хароҷоти таълиму тарбияи ҳарбиёнро низ ба ҷониби Русия ҳавола намуд ва барои таълим додани низомиёни тоҷик аз Донишкадаи сарҳадии Голитсини ш. Москава ба Тоҷикистон муаллимону инструкторон ва мутахассисони ботаҷрибаро даъват намуд. Танҳо дар давоми ду сол (1994 – 1995) 4 гурӯҳи низомиёну афсарони хурд дар курсҳои 6-моҳаи самти марзбонӣ таҳсилу тамрин карданд. Дар Шурои фармондеҳии сарҳадии ИДМ А.И. Николаев пешниҳод намуд, ки ҷониби Руссия дар асоси созишномаҳои батасвибрасида омода аст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти оливу миёнаи ҳарбии самту равияи сарҳадбонӣ – аъзоёни Шурои мазкурро низ барои таҳсил ва такмили касбият қабул кунад. Пас аз ба арсаи сиёсӣ рӯ овардани ҳаракати Толибон Афғонистон табдили ном карда, Аморати муттаҳидаи Афғонистон номгузорӣ шуд. Роҳбарияти ин ҳаракати ба сари қудрат омада, нисбат ба қушуни америкоии дар ин ҷо маскуншуда ба густохиҳо роҳ доданд. Ҳайати сафорати ИМА дар Афғонистон эҳтиёткорона бо мақсади барқарор намудани робитаю ҳамкориҳо бо Раёсати сарҳадии Тоҷикистон якчанд мулоқоти сафир ва атташеи ҳарбии ИМА-ро анҷом доданд.

Ба ин минвол, зиддияту нофаҳмиҳое, ки ба масъалаи хати марз иртибот доранд, дар минтақае барои сар задани низоъҳои байнидавлатӣ сабаб шавад, дар гӯшаи дигари ҷаҳон ба рӯйдодҳои пурдард ва бархӯрди манфиатҳо мувоҷеҳ мегардад. Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ яке аз ҷузъҳои таркибии тафаккури сиёсӣ, хусусияти шароитҳои иҷтимоии соҳили рости дарёи Панҷ маҳсуб меёфт, ки дар ин мавзеъ даҳҳо ҳазор одамон ба муноқишаҳои мухталиф рӯ ба рӯ омада, дар ғами раҳонидани ҷони худ ва пайвандонашон

буданд. Одамон гирифтори яъсу навмедӣ, нисбат ба фардои зиндагӣ бовариро аз даст дода буданд. Онҳоро тафаккури манфӣ фаро гирифта буд, ки он оқибат ба худмаҳвкунӣ бурда мерасонад, андешаи онҳо нисбат ба зиндагӣ бо рангҳои торик нақшу нигор ёфта, нисбат ба дӯстон, аҳли оила бепарво шудаву беаҳаммият гашта буданд [62, с.205].

Бояд афзуд, ки бо мақсади ҳифзи марзи давлатӣ ҳамкориҳоро бо кишварҳои хориҷӣ чанд номгӯйи қарордодҳои байнидавлатӣ ба низом медароранд. Бавижа, ҷиҳати ҳифзи муштараки марзи Тоҷикистон аҳдномаи дуҷониба миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Руссия (25.05.1993) имзо шудааст. Тибқи ин ҳуҷҷат сарҳадчиёни рус дар хати аввали муҳофизати марзи тоҷику афғон қарор гирифта, марзбонони тоҷик соли 1998 минтақаҳои сарҳадии Дарвоз ва соли 2003 ҳудуди марзии Мурғобро, ки хати аввали сарҳад бо Афғонистон ва Ҷумҳурии халқии Хитой мебошанд, ба зиммаи худ гирифтанд. Ин масъулият бар дӯши ду отряди сарҳадии ҷониби Тоҷикистон гузошта шуда буд, ки онҳо ба қадри имконияту иқтидорашон дар бобати муътадил сохтани авзои марзи давлатии Тоҷикистон дар минтақаи вобасташуда саҳми намоён гузоштаанд.

Роҳбари дигари хадамоти марзбонии Руссия дар Тоҷикистон К.В.Тотский дар муносибат бо сарҳадчиён ва мардуми наздисарҳадии тоҷик беғаразонаву самимона муомила менамуд. Ин мутахассиси баландпояи хадамоти сарҳадӣ ба ҷумҳурии мо ҷиҳати омода намудани марзбонони касбӣ ва мутахассисони хизмати сарҳадӣ кумаки бисёре кардааст. Дар омода намудани чандин гурӯҳи сапёрӣ, нишонзанҳо, кинологҳо ва дигар мутахассисон тавассути марказҳои таълимии Хадамоти сарҳадии Руссия тайёр гардиданд. Бо дастгириҳои бевоситаи ӯ ва собиқ директори Хадамоти сарҳадии Руссия генерали армия К.В. Тотский даҳҳо ҷавонписарони тоҷик барои таҳсил ба Институти сарҳадии Голитсина, ба Омӯзишгоҳи олии сарҳадии вилояти Калининград фиристода шуданд.

Дар охирҳои солҳои 1994–1998 роҳбари гурӯҳи минтақавии Хадамоти федералии сарҳади Россия дар Тоҷикистон генерал П.П. Тарасенко таъин карда

мешавад. Ин одами бо кибру ғурур дар назди Хадамоти федералии сарҳадбонии рус обрӯ ва манзалати зиёд дошт. Вай дар пайи иҷрои вазифаҳои хизматии худ ҷасорат нишон додан намехост. Ҷониби Тоҷикистон хуб мефаҳмид, ки дар назди марзбонони рус вазифаи ҳар чи камтар талафоти ҷонӣ додан, дар муноқишаву задухӯрдҳои мусаллаҳона камтар ширкат варзидан меистод.

Марзбонони рус ба ҷойи таъмини бехатарии умумии минтақа, пешгирии бархӯрдҳои мусаллаҳонаи дохилӣ бетафовутӣ нишон дода, танҳо дар фикри муҳофизати хати сарҳад буданд. Ин фармондеҳи баландпоя ақидаҳои худро оид ба ҳалли ин ё он масъалаи бавуқуъомада возеҳу кушода баён намекард. Таҳлилҳои сиёсию низомии фаъолияти марзбонон дар солҳои 90-ум собит намуд, ки П.П. Тарасенко баъд аз ҷангҳои пуршиддату хунрезиҳое, ки соли 1993 дар дидбонгоҳи сарҳадии № 12-и ноҳияи Шурообод ба амал омада буд, аз иҷрои нақшаҳои консептуалии ҳифзи минтақаҳои наздимарзии Тоҷикистон даст кашида, фақат дар фикри мудофиаи хати сарҳадии вобасташуда буду халос. Натиҷаи чунин муносибат буд, ки то соли 1994 муҳорибаҳои наздисарҳадӣ бештар ба амал меомаданд

Ҷой доштани таҳдидро ба эътибор гирифта, ҷонибҳо барои бехатарии сарҳад ба мувофиқа расиданд, ки ҳалли ин масъала дар фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба тобеияти гурӯҳҳои сарҳадии дар Тоҷикистон будаи Хадамоти Россия додани баъзе воҳидҳои низомии Кумитаи ҳифзи сарҳади ҷумҳурӣ» (04.09. 1998, № УП-1051) инъикос ёфтааст. Мутобиқи талаботи ҳуҷҷати мазкур бригадаҳои 1- 4-и сарҳадӣ таъҷилан ба тобеияти Хадамоти ҳифзи сарҳадии Россия интиқол дода шуданд. Тибқи фармони дигари Президенти Тоҷикистон низомномаи ба танзим овардани муносибатҳои тобеиятӣ (аз 09.12. 1998) ба тасвиб расида бошад, бо фармони навбатӣ сол и 1998 ҳифзи қитъаи 82 километраи хатти сарҳади ҷумҳурӣ бо Афғонистон дар минтақаи Дарвоз ба зиммаи марзбонони тоҷик вогузор гардид (№ УП – 1124, 1998).

Бояд гуфт, ки зимни дидбонии қитъаи вобасташуда, хушбахтона, боре аз ҳудуди Афғонистон зуҳуроти марзшиканӣ ба мушоҳида нарасид. Бо

мақсади пуркувват намудани қисмҳои захиравии марзбонии тоҷик, ки дар тобеияти Хадамоти Федералии сарҳадии Руссия қарор доштанд, ба истиснои силоҳи муқаррарӣ ҳамагӣ бо 6 миномёт ва 2 техникаи ҷангии БМП-30 дастгирӣ ёфту бас.

Президенти Тоҷикистон зимни суханронӣ дар ҳузури ҳайати омӯзгорон ва шунавандагони Донишгоҳи СММ (15.05.2001, Токио) изҳор намуданд, ки: «Сиёсати бунёди давлати демократию ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, ки дар Конститутсияи нави соли 1994 қабулшуда зикр ёфтааст, воситаи асосие буд, ки ғояҳои сулҳ, ҷараёни истиқрори он ва имрӯзу ояндаи Тоҷикистонро муттаҳид сохт.”

Кормандони раёсати ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ дар давоми фаъолияти Кумитаи ҳифзи сарҳади давлатӣ дар ин ҷода хеле саҳмгузор буда, роҳбарияти кумита дар назди Шуро, роҳбарони баландпояи қушунҳои сарҳадӣ ва аъзоёни Шуро нуфуз ва эътибори хуб доранд. Дар рӯзҳои вазнини аксарияти кишварҳои ба мо дӯст ёрии моддӣ расониданд. Махсусан, аз ҷониби Хадамоти сарҳадии Россия солҳои 1994, 1999 чанд маротиба кӯмакҳои башаридӯстона ба қушунҳои сарҳадии тоҷик расонида шудааст.

Кумитаи ҳифзи сарҳади давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сафорати Ҷумҳурии халқии Хитой муносибатҳои неки ҳамсоягию ҳамкорӣ доранд. Масалан, соли 1999 барои госпитали ҳарбии ин кумита аз Хитой ба маблағи 120 ҳазор доллари ИМА таҷҳизоти тиббӣ ба сифати ёрии бебозгашти гуманитарӣ оварда шуд, ки он барои барқарор намудани тандурустии афсарону сарбозони тоҷик таъин шуда буд. Ҳамин гуна ёрмандӣ аз тарафи сафоратхонаи Хитой ба кумитаи мазкур тирамоҳи соли 2001 низ дастрас шудааст.

Дар сафари кории Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Илёти муттаҳидаи Амрико ва суханрониҳои ӯ дар Иҷлосияи Ассамблеяи Генералии СММ дар бобати дар Афғонистон ба сари қудрат омадани Толибон ва хатари таъсиси як давлати террористӣ ҷой доштан таъкид ёфта буд. Бо мақсади пешгирии ин хатар пешниҳод намуданд, ки дар атрофи Афғонистон аз

ҳисоби қуввaҳои сулҳҷӯ ҳалқаи бехатарӣ таъсис додан ба мақсад мувофиқ аст. Мутаассифона, сараввал ин пешниҳодро напазируфтанд, аммо бо гузашти ду – се сол ҳақиқати онро дарк намуданд. Боиси таассуф он аст, ки мушкилоти ба вазъи Афғонистон иртиботдоштаро абарқудратҳо на аз роҳи дипломатӣ, балки ба воситаи фишор, зӯрӣ, истифодаи қуввaҳои низомӣ ва корбурди силоҳ ҳаллу фасл намуда, оқибат ба нокомӣ мувоҷеҳ шуданд, ки дар фарҷом ҳаракати Толибон ба сари ҳокимият омаданд.

Ҳарбиёни Амрико бо нияти таҳкими хати марзи Тоҷикистону Афғонистон соли 2001 роҳандозии як барномаи дастгирии моддӣ ва техникиро пешниҳод намуданд, ки тибқи он бо техника ва технологияи муосир муҷаҳҳаз гардонидани ҚҲСД назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон матраҳ гардид ва ба ин мақсад 7,9 млн. доллари америкоӣ маблағ ҷудо шуд, ки он давра ба давра мавриди татбиқ қарор гирифт.

Таҳкими хати сарҳад бо ҷумҳуриҳои ҳамҷавори Узбекистон ва Қирғизистон ҳам масъалаи ҳалталаб ба ҳисоб мерафт. Ҷониби Тоҷикистон солҳои 1999-2001 дар сатҳи кормандони роҳбарикунанда ва дараҷаи раёсату фармондеҳон бо намояндагони сарҳадии ин кишварҳо зиёда аз 120 ҷаласаву мулоқотҳои корӣ баргузор намуданд. Ҳамин гуна чорабиниҳо соли 2001 бо қумандонҳои хадамоти сарҳадии Афғонистон ва волиҳои вулусволиҳои вилоятҳои Дарвозу Бадахшони дар назди отряди сарҳадии Дарвози Вилояти Кӯҳистони Бадахшони Тоҷикистон доир гардид. Аз ҷониби Афғонистон 64 намояндаи идораҳои давлатӣ ва аз тарафи Тоҷикистон намояндагони Вазорати амнияти ҷумҳурӣ ва гурӯҳи Хадамоти сарҳадбонии Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуданд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки танҳо дар давоми соли 1994, бори нахуст дар ҳудуди марзии навоҳии ҷанубии Тоҷикистон – воқеъ дар соҳили дарёи Панҷ ҳам ба тартиби нақшавӣ, ҳам аз рӯйи аксуламали оперативӣ ва вазъи ҳарбию сиёсӣ зиёда аз 10 чорабинии дорои таъсири коммуникативӣ бо аҳолии наздисарҳадӣ гузаронида шуд[150, с. 83-85].

Тарафҳо нуктаҳои муҳимми гуфтушунид ва ҳусни тафоҳумро, ки дар протокол дарҷ шуда буд, ба имзо расониданд. Дар асоси ин санади таърихӣ

ҷониби Афғонистон дар ду самт кафолати пурсамари ҳамкориро ба зимма гирифта буд:

а) кафолати гирифтани пеши роҳи қочоқи маводи мухаддир;

б) роҳ надодан ба амалиётҳои сарҳадшикании гурӯҳҳои мусаллаҳи Ҷумъа Ҳоҷиев дар минтақаҳое, ки таҳти тасарруфи онҳо қарор дошт. Ин аввалин санади расмие маҳсуб меёфт, ки баъд аз соҳиб шудан ба мустақилият ҷумҳурии мо бо қӯшунҳои сарҳадии Афғонистони ҳамсоя ба имзо расидааст.

Роҳбарияти кумита вазъи сарҳади Тоҷикистонро ҳамеша назорат ва пайгирӣ намуда, доир ба баланд бардоштани сатҳи ҳушёрии сиёсӣ ва фаъолияти касбии сарҳадчиён дар дидбонгоҳҳо чорабиниҳои менамояд. Бо ин мақсад, декабри соли 1997 дар назди кумита курсҳои кӯтоҳмуддати такмили ихтисоси кормандону хизматчиёни сарҳадӣ ташкил карда шуд, ки он то моҳи апрели соли 2001 фаъолият намуд.

Аввалин «Омӯзишгоҳи олии сарҳадӣ» дар мамлакат бо фармони Президенти ҷумҳурӣ аз 15 сентябри соли 2001, № 216 дар водии зебоманзари Ҳисор таъсис дода шуд. Он барои қушунҳои сарҳадӣ афсарони хурд – лейтенантҳоро тайёр мекард. Курсантҳои омӯзишгоҳ дар баробари тахассуси ҳарбии соҳавӣ, инчунин соҳиби маълумоти ҳуқуқшиносӣ низ мешуданд. Муҳлати таҳсил дар ин муассисаи таълимӣ чор сол буд. Кадрҳои омӯзишгоҳи мазкур дар муҳофизати сарҳади давлатӣ саҳми намоён доранд.

Нақши кумита дар давоми солҳои 1993-2002 барои мақомоти марзбонӣ сохтани биноҳои маъмурӣ, комендатураҳои ҳарбии сарҳадӣ, постгоҳу дидбонгоҳҳои наздимарзӣ ва дигар нуқтаҳои назорати сарҳадӣ чораву тадбирҳои муҳим андешидааст.

Масалан, дар ш. Душанбе бемористони ҳарбии бо технологияи муосир муҷаҳҳаз соли 1999 кушода шуд. Соли 2000 ин бемористон шуъбаҳои худро баҳри ҳифзи тандурустию солимии афсарону сарбозон дар вилоятҳои Суғду Хатлон таъсис дод.

Ташкили назорати муҳоҷират дар нуқтаҳои гузаргоҳҳои сарҳадӣ вазифаи ниҳоят мушкил маҳсуб меёфт, ки масъулияти амалӣ намудани он бо

фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2001, № 544 ба зиммаи қушунҳои сарҳадӣ гузошта шуд. Низомнома оид ба муҳофизат ва роҳҳои амалӣ намудани он тасдиқ гардид. Раёсати навтаъсиси назорати муҳофизат татбиқи онро ба зимма гирифт.

Соли 2000 бо мақсади пурқувват намудани тартибу интизоми ҳарбӣ ва ба як низоми муайян даровардани истифода ва нигаҳдории яроқу аслиҳа дар қисмҳои ҳарбӣ ду санади муҳим – фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №№ 294, 295, аз 15.05.2000 ба тасвиб расиданд.

Ин фармонҳо барои муътадил сохтани авзои зиндагии мардум, хусусан барои ҷорӣ намудани интизом дар ҷузъу томҳои Қувваҳои мусаллаҳ, ба вижа дар қушунҳои сарҳадӣ мусоидат намуданд. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар заминаи он хизмат дар сафи Қувваҳои мусаллаҳ тибқи қарордод қатъиян манъ гардид. Вазъи хизмати афсарону аскарон, маишат ва будубош, иҷрои вазифаҳои хизматӣ ҷиддӣ назорат ва пайгирӣ мешуд.

Ҷузъу томҳои ҷудогонаи қушунҳои марзӣ дар кори пешгирӣ ва бартараф намудани ҳолатҳои бенизомӣ, беҳдошти авзои дохилӣ ва пешгирӣ аз амалҳои ифротию тундгароӣ танҳо бо фармони Президенти мамлакат мавриди истифода қарор мегиранд. Чунончи, бо мақсади рафъи зуҳуроти роҳзанӣ, одамкушию ғоратгарӣ, тарсонидани мардум, ки гурӯҳҳои силоҳбадасти ифротӣ солҳои 1998-1999 дар ноҳияи Кофарниҳон (ш. Ваҳдат) ва бештар дар шоҳроҳи Душанбе – Кӯлоб амал мекарданд, дастаи зудамали дар ихтиёри Қушунҳои сарҳадӣ қарордошта амалиёти хеле хуб анҷом дода, дар несту нобуд кардани дастаҳои ғоратгар дар ноҳияи Файзобод ва амсоли инҳо саҳм гирифтааст.

Хулоса, ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ роҳбарияти Тоҷикистони соҳибистиқлолро барои таъсис додани ниҳодҳои сарҳадӣ, такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии фаъолияти онҳо, таҷҳизонидани ҷузъу томҳо бо силоҳ ва техникаи ҳарбӣ, таъмини амнияти давлатӣ, ягонагии қалamрав ва таъсирпазирии он ҳамчун зарурат заминаҳои мусоид фароҳам овард. Аз ҷумла, ташаккули ниҳодҳои нави ҳифзи сарҳади давлатӣ бо қабули

қонунҳо, низомномаҳо, стратегияву доктринаҳои ҳарбӣ ва дигар санадҳои соҳавӣ марҳилаи ба марҳилаи асоснок карда шуд.

Таҳлилҳо нишон медиханд, ки Қушунҳои сарҳадӣ ҳамчун як узви бевоситаи ҷомеаи тоҷикон тамоми самти кори фаъолияти худро ҷиҳати иҷрои фармону амр ва дастуру супоришҳои Президенти кишвар равона намуда, аз замони таъсисёбӣ то имрӯз ҳамеша дар марзҳои дохилӣ ва берунии худ бо ҳамтоёнашон робитаҳои зичи дӯстию ҳамкорӣ барқарор кардаанд.

Кумитаи ҳифзи сарҳади давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи нахустинҳо соли 1994 ба Шурои фармондеҳони сарҳадбонони Давлатҳои муштаракулманофеъ (ИДМ) қабул карда шуд. Ширкати фаъолонаи намояндагии ин ниҳод дар 47 машварати корие, ки дар мамолики Аврупо ва Осиёи Марказӣ баргузор шудаанд, ба қайд гирифта шудааст. Чунин ҷаласаву машваратҳои ин шуро дар ш. Душанбе низ солҳои 1996, 1999 ва 2002 баргузор гардидааст. Афсарону сарбозони тоҷик мунтазам дар машқҳои ҳарбии гузаронидаи ин шуро бевосита ширкат карда, ба гирифтани баҳои баланд сазовор гаштаанд.

Ҷиҳати омода намудани қумандонҳо барои қушунҳои сарҳадӣ тибқи созишномаи ҳамкориҳо бо Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Украина (то соли 2010) бисёр ҷавонони тоҷик барои таҳсил ба муассисаҳои махсуси ҳарбӣ равон карда шуданд. Дар ин ҷода бештар бо Федератсияи Россия ва Қазоқистон то ҳоло ҳамкориҳо идома доранд.

Ҳалли масъалаи бо мутахассисони соҳибмаълумоти ҳарбӣ таъмин намудани ниҳодҳо ва ҷузъу томҳои сарҳадӣ тавассути таъсис додани МТОК-ҳои ҳарбӣ ва ҳарбии сарҳадӣ дар дохили мамлакат ва ба таълиму тарбия фаро гирифтани ҷавонон ва бо роҳи таҳсили онҳо дар МТОК-ҳои ҳарбии хориҷӣ дар доираи ҳамкории кишварҳои аъзои СААД ва СҲШ имконпазир гардид. Ҳамин тавр, ташаккули ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон хеле рушд ёфта, дар ҳифзи марзу буми муқадаси Тоҷикистон хизматҳои шоёнеро ба итмом расонидаанд.

БОБИ III. НАҚШИ НИҲОДҲОИ ҲИФЗИ САРҲАДИ ДАВЛАТӢ ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ

3.1. Мақоми Қушунҳои сарҳадӣ дар таъмини соҳибихтиёрӣ ва ҳифзи марзу буми кишвар

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавқеи геополитикии мураккаби ҷаҳонӣ ҷойгир шудааст ва ин тақозо менамояд, ки давлат ба сиёсат ва иқтисодиёти ҳарбӣ бештар таваҷҷуҳи худро равона созад. Фазои зуд-зуд тағйирёбандаи вазъи геополитикии охири асри XX ва ибтидои садаи XXI, хусусан, барҳам хӯрдани давлати муқтадири Иттиҳоди Шуравӣ, дигаргун шудани таносуби қувваҳои ба ҳам муқобил дар ҷаҳон, ба вуҷуд омадани бозию найрангҳои нави ҷаҳонӣ, дар ҳаёти сиёсии мамлакатҳо, бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ, пайдоиши нуқтаҳои даргир дар зери таъсири қувваҳои экстремистию террористӣ, аз лиҳози сиёсию ҳарбӣ муташаннитҷ гардидани манотиқи гуногуни ҷаҳон қазияҳои печидаву мураккабанд. Инчунин, дигар зуҳуроти сиёсӣ бо назари нав ба роҳ мондани сиёсати ҳарбиро ба миён гузоштааст.

Таъсири нохуш доштани ин гуна зуҳурот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини ноил гардидан ба мустақилияти сиёсӣ ҳис карда мешуд. Бештар аз сӣ сол мешавад, ки ҷумҳурии мо дар муҳити истиқлолияти сиёсии давлатдорӣ арзи вуҷуд дорад. Дар ин миён тадриҷан ниҳодҳои ҳарбии сарҳадӣ бо саъю талошҳои роҳбарияти сиёсӣ аз ҳолати заифӣ берун омада, имрӯзҳо дорои иқтидори кофии ҳарбию ҷангӣ мебошанд.

Аммо мусаллам ин аст, ки муносибатҳои байналмилалӣ ва воқеаҳои байналмилалӣ дар як робитаи диалектикӣ шаклу маъно мегиранд ва бо тағйири авзову аҳволи байналмилалӣ ин мафҳумҳо тағйир меёбанд ва ҳеҷ мафҳуми илмии дақиқи мутлақ то имрӯз надоранд.

Дар замоне, ки марзҳо монеи гардиши ҷараёни озоди иттилоот шуда наметавонад ва меъёрҳову қоидаҳои тиҷорат дар созмонҳои байналхалқӣ тарҳрезӣ мешаванд, ҳукуматҳо илова бар пазириши дохилӣ бояд нигарони пазириш дар ҷомеаи ҷаҳонӣ бошанд. Инчунин, созмону ширкатҳои байналхалқӣ амалан марзҳоро нодида мегиранд. Дигар ҳеҷ як ҳокимият мутлақ нест ва он ба самти ҳокимияти музокирагӣ таҳаввул ёфтааст ва муносибати кишварҳо дар чорчӯбаи вобастагии мутақобил таъриф мешавад, ки ҳар кишваре дар кишварҳои дигар манфиат дорад. Дар баробари ин, истиқлол барои мо имрӯз на танҳо озодӣ, балки ифтихору имтиҳони сиёсиест, ки ояндаи рушду нумӯи давлату миллат ба он вобастагии зиёд дорад [130, с.32].

Чунон ки Президенти кишвар дарҷ намудаанд: «Таҳти мафҳуми давлати соҳибистиқлол мо чунин давлатеро дар назар дорем, ки комилан соҳибихтиёр аст, ба ҷомеаи ҷаҳонӣ бо Нишону Парчам ва муқаддасоти хоссаи давлатдориаш ворид мегардад, чун кишвари озод сиёсати мустақилонаи худро пеш бурда, дар миёни кишварҳои дигари олам мавқеи шоиста меёбад. Чунин давлате, ки дар он сулҳу субот ва волоияти қонун ҳукмфармо мебошад, халқаш осуда зиндагӣ мекунад, марзу бумаш дахлнопазир аст ва сиёсатмадоронаш мардумро ба фардои нек раҳнамун месозанд. Мо маҳз ҳамин гуна давлатро дар назар дорем ва дар роҳи бунёди он устуворона пеш рафта истодаем. Аз ин рӯ, расидан ба истиқлолияти комили сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ мароми асосӣ, парчами сарфароз, ояндаи нек ва субҳи умеди мост» [75, с.402-403].

Хусусиятҳои таъмини амнияти кишвар тавассути қушунҳои сарҳадӣ инҳоянд: қобилияти ҷангӣ доштан ва омода будан ҷиҳати муқовимат ба таҳдидҳое, ки манофеи ҳаётан муҳимми кишвари моро зери хатар мегузоранд; зарурати бунёди системанок ва мунтазами таъминоти қушунҳои сарҳадӣ дар заминаи ҳамкориҳои пойдор бо дигар сохторҳо; муайян кардани самтҳои муҳимми низоми бехатарии марзи давлатӣ ва муқовимат ба таҳдидҳо; пуштибонӣ аз манфиатҳои шаҳрвандон, ҷомеа ва давлат дар

мавзеъҳои сарҳадӣ; таъмини шароитҳои идоракунии давлатӣ дар низоми таъмини бехатарии сарҳад.

Агар ин хусусиятҳоро ба таъсиси Қуввaҳои мусаллаҳ ва Артиши миллии Тоҷикистон татбиқ созем, барои ташкили ин ниҳоди муҳимми давлатӣ базаи моддию техникии киройӣ, умуман, вуҷуд надоштааст. Маълум мешавад, ки Артиши миллии мо, воқеан, дар ҷойи холӣ бунёд гардидааст. Ин Артиш бо қарори Президиуми Шурои Олии Тоҷикистон аз 18-уми декабри соли 1992 таъсис ёфтааст. Азбаски Қуввaҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон расман ба фаъолияти худ аз 23-юми феврали соли 1994 оғоз намуданд, ин рӯз минбаъд чун ҷашни таъсисёбии Артиши миллӣ таҷлил мегардад. Қушунҳои сарҳадӣ ҳамчун як ҷузъи муҳимми қуввaҳои мусаллаҳ се марҳилаи ташаккул ва рушдро аз сар гузаронидааст:

1) даврaҳои ташкилёбӣ ва сохтмони Артиши миллӣ, ки онро марҳилаи ибтидоӣ номидан мумкин аст;

2) сохтори Қуввaҳои мусаллаҳ мураккаб гардида, дар ҳайати он 3 навъи қушун ва қуввaҳои мусаллаҳ: хушкигард, зудамал, қуввaҳои ҳарбию ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ ташаккул дода шуд. Раванди такомул ва рушди анвои қушун ва қуввaҳои мусаллаҳ идома дорад;

3) баланд бардоштани сатҳи ҷангии афсарону сарбозон – бо ин мақсад муҷаҳҳаз намудани қушунҳо бо лавозимот, техника, воситаҳои электронӣ ва ғайра муҳим маҳсуб меёфт ва ба масъалаи тавсеаи сатҳи касбии ҳайати шахсӣ, пайваста гузаронидани тамринҳои ҳарбӣ дар миқёси дохили ҷумҳурӣ ва дар доираи машқҳои ҳарбии САД таваҷҷуҳ бештар равона гардида буд.

Сарвари мамлакат ва роҳбарияти сохторҳои қудратии кишвар дар бобати пайваста боло бурдани иқтидори мудофиавии кишвар, беҳтар намудани савияи тайёрии низомӣ, мустаҳкам намудани иқтидор ва пояи моддию техникӣ ва вазъи иҷтимоии низомиён ғамхориҳои пайваста зоҳир месозанд. Тоҷикистон оқибатҳои вазнини ҷанги шаҳрвандиро бо душворӣ паси сар намуд, аммо то солҳои 1997-1998 Қуввaҳои мусаллаҳи кишвар, асосан, ҷиҳати пурра мустаҳкам намудани сохти конститутсионӣ, бартараф

намудани муқовимати дастаҳои ошӯбгари зиддидавлатӣ ва пойдории сулҳу осоиштагӣ саъю талош доштанд. Бо вуҷуди ин, соли 1999 бори аввал дар гарнизони ҳарбии Хатлон баҳри такмилу рушди малакаҳои ҷангӣ машқҳои ҳарбии ҷузъу томҳои Қуввaҳои мусаллаҳ баргузор гардид.

Афсарону сарбозони қушунҳои сарҳадӣ ва умуман, Қуввaҳои мусаллаҳ тамоми донишҳои омӯхтаву малакаҳои ҳарбии ҳосилкардаро бе таҷрибаи амалӣ якбора дар амалиётҳои низомӣ татбиқ карда наметавонанд. Онҳо дар рафти муҳорибаҳо чусту чолокӣ, ҳушёрию зиракӣ ва далерию матонат нишон дода метавонанд, ба шарте ки дар машқу тамринҳои зиёд – кор бо нақшаи маҳал, мавқеи дурустро интихоб кардан, тирпаронӣ бо истифода аз навъҳои гуногуни силоҳ, идора намудани воситаҳои техникӣ, бечуну чаро иҷро кардани супориши фармондеҳон ва амсоли инҳо обутоб ёфта бошанд.

Барои он ки дар афсарону аскарон чунин малакаю қобилиятҳо рушд ёбанд, бо ҳайати шахсии ҷузъу томҳо мунтазам гузаронидани тамрину машқҳои тактикӣ ва низомии сатҳи маҳдуд ва васеъ баргузор кардан муҳим мебошад. Машқҳои ҳарбии хусусияти маҳдуддошта бевосита, дар мавзеъҳои минтақаи наздисарҳадии барои машқҳои доимии ҷузъу томҳо таъиншуда гузаронида мешаванд. Машқҳои ҳарбии доираашон васеъ бошад, дар майдону машқгоҳҳои масоҳаташон калон, бо назардошти гуногунии релйефи маҳал ва бо ширкати навъҳои мухталифи қушунҳо, таҷҳизот ва техникаи ҷангии таъиноти гуногундошта баргузор мегарданд. Барои рушди малакаву маҳорати ҳарбӣ ҳайати шахсии қушунҳои сарҳадӣ бештар дар машқу тамринҳои низомии сатҳи васеъ, хусусан бо ширкати ҳарбиёни Россия ва дигар кишварҳои узви СААД (ОДКБ) фаъолона иштирок мекарданд. Бо назардошти муҳим будани машқҳои низомӣ ҳар сол дар асоси нақша тамринҳои васеи якҷояи ба шароити ҷангӣ наздик гузаронида мешавад. Қушунҳои мудофиаи зиддиҳавоии кишвар дар доираи системаи муттаҳидаи мудофиаи зиддиҳавоии давлатҳои ИДМ, ки бо унвони «Иттиҳоди ҷангӣ» маъмул мебошад, мунтазам иштирок мекунад. Зимни машқҳое, ки бо ширкати қуввaҳои зудамали муштараки минтақаи Осиёи Марказӣ, Қуввaҳои

вокуниши фаврии СААД (Созмони аҳдномаи амниятии дастаҷамъона), СҲШ (Созмони ҳамкориҳои Шанхай) доир мегарданд, ки дар рафти амалиётҳо навъҳои гуногуни сипоҳ бо теъдоди хеле зиёди техникаю лавозимоти ҷангӣ сафарбар карда мешаванд.

Қушунҳои сарҳадӣ аз давраи оғози фаъолияти худ то ин замон дар ҳайати худ теъдоди зарурии аскарони афсароне соҳибтаҷрибаро, ки аз уҳдаи истифодаи силоҳҳои ҷангии муосир, техника ва дигар воситаҳои ҳарбӣ ба хубӣ мебароянд, муттаҳид намудааст. Мутахассисони бомаҳорати нишонзан, минаҷӯ, тирандоз, ҳавонавард, механик-ронандаи мошинҳои сабук ва вазнини ҷангӣ ва дигар тахассусҳое ки барои Артиши миллии Тоҷикистон муҳиманд, пайваста тайёр менамояд, ки онҳо ба сифати қувваҳои захиравӣ ба қайд гирифта мешаванд ва бо даъвати Комиссариатҳои ҳарбӣ мунтазам дар машқҳои ҳарбӣ ширкат меварзанд.

Дастпарварони ихтисосҳои гуногуни Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Тоҷикистон, Академияҳои ҳарбӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбии кишварҳои хориҷӣ барои пурра намудани ҳайати кадрии Қувваҳои мусаллаҳи ҷумҳурӣ дар шароити кунунӣ бо афсарони касбӣ ва мутахассисону коршиносон нақши муҳим мебозанд. Ҳар сол Донишкадаи ҳарбиро наздики 200 нафар афсарони касбӣ хатм менамоянд. Аз давраи таъсисёбии ин муассиса бошад, ҳудуди се ҳазор нафар офитсерон пас аз анҷоми таҳсил барои кор дар ҷузъу томҳои Вазорати мудофиа ва дигар сохтору мақомоти қудратии мамлакат роҳҳат гирифтаанд.

Бояд афзуд, ки ҷиҳати такомули малакаҳои тахассусӣ ва таҳсили илми ҳарбӣ ҳар сол афсарон, мутахассисони соҳаи ҳарбӣ ва донишҷӯёни низомии тоҷик ба муассисаҳои таълимии ҳарбии Федератсияи Россия, Қазоқистон, Озарбойҷон, Ҳиндустон, Хитой, Британияи Кабир, Канада, Германия, Франсия ва ИМА сафарбар карда мешаванд.

Масъалаи такмили маҳорат ва касбияти низомиён ҳамеша муҳим мубрам боқӣ мемонад. Бо ин мақсад дар муассисаҳои таълимии ҳарбии дохилӣ ва хориҷӣ мутахассисони тоҷик ба таълим ва такмили малакаву

қобилият фаро гирифта мешаванд. Ҳар сол дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбии хориҷӣ наздики 800 нафар ҷавонписарони тоҷик ва хизматчиёни ҳарбӣ таҳсили илми низомӣ менамоянд.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ доираи ҳамкориҳои низомӣ ва ҳарбӣ-техникӣ миёни Вазоратҳои мудофиаи Тоҷикистон ва ҳамтоёни он аз кишварҳои хориҷӣ чандин ҳуҷҷати расмӣ ва аҳдномаҳои ҳуқуқӣ, ки дар онҳо муносибатҳои гуногунсоҳаи ҳарбии кишварҳои ҳампаймонро ба танзим медароранд, ба тасвиб расидаанд. Чунин робитаҳо бо Вазоратҳо мудофиаи мамолики хориҷӣ, бо созмонҳои байналмилалии ҳарбӣ, амсоли ААД, СҲШ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ (НАТО), «Барномаи рушди Созмони милали муттаҳид оид ба «Дастгирии кӯшишҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли проблемаи минаҳо» ва дигар иттиҳодияҳои соҳибнуфузи ҳарбию сиёсӣ роҳандозӣ шудааст.

Чунин ҳамкориҳои низомӣ бо кишварҳои хориҷӣ, алалхусус бо созмонҳои байналмилалӣ бештар дар самтҳои табодули иттилооту таҷрибаомӯзию таҷрибаивазкунӣ, роҳу усулҳои мубориза алайҳи дастаҳои ифротию тундгаро, муқовимат бо зуҳуроти қочоқчигӣ ва интиқоли маводи мухаддир, машқҳои якҷоя, баргузор намудани чорабиниҳои мухталифи илмӣ, таълимию методӣ, амалию тактикӣ, тайёр намудани афсарони касбӣ ва расонидани кумакҳои техникӣ ба артиши ҷавони Тоҷикистон роҳандозӣ шудааст.

Ҷиҳати таҳким ва тақвияти тартибу интизоми ҳарбӣ бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санади махсус «Консепсияи корҳои сиёсию тарбиявӣ дар Қувваҳои мусаллаҳи мамлакат» (аз 20.02.2015) қабул ва амалӣ гардид. Нақши ин санад дар бобати усули баргузор намудани чорабинию тадорукоти сиёсӣ, пешбурди корҳои сиёсӣ, ғоявию тарбиявӣ дар пиёда намудани сиёсати ҳарбии ҳукумат, руҳияи солими ахлоқию психологии сарбозону афсарон, иҷрои қонуну низомномаҳо, боло рафтани нуфуз ва эътибори ҳайати шахсии Қувваҳои мусаллаҳ назаррас мебошад.

Нашри дастурҳои таълимию методӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо, китобҳои сиёсию ҳарбӣ, маҷмуаҳои илмӣ-методӣ, ки барои тавсеаи донишу

қобилиятҳои касбии хизматчиёни ҳарбӣ мусоидат мекунанд, мунтазам сурат мегирад. Пахши барномаҳои рангини телевизионӣ, филмҳои тарғибкунандаи ватандӯстӣ доир ба фаъолияти низомиён хусусияти ҳавасмандкунӣ ва руҳбаланднамоӣ доранд.

Гузаронидани чорабиниҳо дар арафаи ҷашнҳои касбӣ бо ширкати собиқадорони соҳа ба авзои хизматчиёни ҳарбӣ таъсири мусбат мерасонад. Китобхонаҳо, толорҳои фарҳангию фароғатӣ, ки дар назди қисмҳои ҳарбӣ фаъолият мекунанд, ҷиҳати хуш гузаронидани вақти холии онҳо мусоидат мекунанд.

Мустаҳкам намудани ҳамкориҳои хизматчиёни ҳарбӣ бо аҳли ҷомеа, падару модарон ва собиқадорони ҷангу меҳнат, ходимони бузурги сиёсию давлатӣ, ҷавонони синни даъвати ҳарбӣ, ки асосан дар арафаи ҷашнҳои таърихӣ бо ташкили суҳбату мулоқот ва вохӯриҳои судманд ҷамъбаст мешаванд, ба руҳияи афсарону аскарон таъсири мусбат мерасонанд. Таҳти роҳбарии кормандони масъули вазорату комитетҳои қудратӣ бо иштироки омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таълимии ҳарбӣ, зиёиёни пешқадам ва дигар ашхоси некбини ҷомеа мунтазам баргузор намудани маҳфилҳои илмӣ ва сабқату озмунҳои фарҳангӣ ва варзишӣ ҳам ба руҳияи сарбозон таъсири нек мебахшанд.

Барои дар минтақаҳои стратегӣ ҷойгир намудани қисмҳои ҳарбӣ аксарияти онҳо бештар ба навоҳии наздисарҳадӣ кӯчонида шуданд. Дар як муддати кӯтоҳ (1996 -2015) бо харҷи қариб 150 млн сомонӣ гарнизонҳои ҳарбӣ бо бинову иншоотҳои зарурӣ сохта, муҷаҳҳаз гардонида шуда мавриди истифода қарор гирифтанд. Роҳбарияти олии мамлакат бо беҳтар гардидани вазъи дохилӣ ва нашъунамои иқтисодиёт ба ҳалли масоили иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамуд. Масалан, дар давоми 4-5 соли охир аз ҳисоби ВМ 250 нафар хизматчиёни гуногунвону собиқадор бо хонаҳои истиқоматӣ таъмин карда шуданд. Бунёди шаҳраки низомиён мунтазам идома меёбад. Нақши варзиш дар обутоби ҷисмонии хизматчиёни ҳарбӣ хеле муҳим аст. Дар назди ҳар як қисми ҳарбӣ, албатта,

майдону толорҳои варзишӣ мавҷуданд. Истисно аз ин, аз соли 2003 инҷониб Клуби марказии варзиш амал мекунад, ки дар ҳайати он беҳтарин варзишгарон, ки дар ҳайати Қуввaҳои мусаллаҳ хизмат мекунанд, машқу тамрин намуда, дар сабқатҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ширкат меварзанд. Дар соли 2016 аз сарбози қаторӣ то хизматчиёни ҳарбии олирутбаи Вазорати мудофиа шиори «25-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо неруи тоза ва омодагии баланди ҷангӣ истиқбол мегирем» қабул намуда, баҳри таъмини амнияти марзу буми аҷдодӣ ва пойдории сулҳу суботи ҷомеа доимо тайёранд.

Тоҷикистон аз 23 феврали соли 1993 инҷониб соҳиби Қуввaҳои мусаллаҳи худ мебошад. Ин сана ҳамчун ҷашни таъсисёбии ниҳоди мазкур қайд карда мешавад. Ҳар сол низомиён дар майдони марказии пойтахт паради ҳарбӣ ороста, аз маҳорати касбию ҳарбии худ дарак медиҳанд. Марҳилаҳои созандагӣ ва размандагӣ дар ҳамаи навъи қушунҳо баробар амалӣ мешуд ва ин анъана идома дорад. Қуввaҳои мусаллаҳи навтаъсиси тоҷик дар ибтидои фаъолияти худ дар ҷангҳои дохилии шаҳрвандӣ иштирок намуда, вазифаи асосии худро ҷиҳати ҳифзи амнияту мардум ва осоиштагии Ватан иҷро намуданд ва ҳам ба рушду такомули сохторҳои ҳарбии мамлакат бунёд гузоштанд. Роҳбарияти давлат бошад, дар ин давраи мураккабу душвор сохтори қавию устувори мудофиавии мамлакатро барпо карда тавонистанд. Бо саъю кӯшишҳои пайгиронаи Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон байни Ҳукумат ва Иттиҳоди мухолифини тоҷик аҳдномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ (27-уми июни соли 1997) ба тасвиб расид, ки он минбаъд барои Қуввaҳои Мусаллаҳи тоҷик марҳалаи осоиштаи тараққиёбӣ маҳсуб меёбад.

Тибқи Конститутсияи Тоҷикистон Сарфармондеҳи Олии Қуввaҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон Президенти ҷумҳурӣ ба шумор меравад, ки ин масъулиятро муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз соли 1994 инҷониб бар дӯш доранд. Дар заминаи анъанаҳои замони шуравӣ синну соли даъват ба сафи

Қуввахои мусаллах дар даврони соҳибистиқлолӣ аз 18 то 27- сола буда, муҳлати адои хизмат 2 сол муқаррар шудааст.

Дар давраи ҳукмронии Иттифоқи Шуравӣ дар ҳудуди Тоҷикистон контингенти калони қушунҳои сарҳадӣ арзи вуҷуд дошт. Нисбат ба дигар ҷумҳуриҳои собиқ шуравии Осиёи Миёна аз Артиши пуриқтидори Шуравӣ ба Тоҷикистони мустақил теъдоди киреии яроқу аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ нарасидааст. Бояд гуфт, ки Вазорати мудофиаи Федератсияи Россия дивизияи 201-уми тирандози моторикунонидашударо, ки дар шаҳри Душанбе маскун шуда буд, пурра ба зери назорати худ гирифт.

Яке аз рукнҳои муҳим фаъолияти самараноки ниҳодҳои ҳарбии сарҳадиро ба эътибор гирифтани принсипи назарияи муҳофизати марзу ҳудуди давлат ташкил медиҳад, ки дар татбиқи он нақши мақомоти давлатӣ калон буда, риоя ва фаъолияти онро доимо зери назорат қарор медиҳад. Дар ин росто, нақшаи тадбирҳое таҳия ва амалӣ карда мешаванд, ки ҳадафҳои он барои фароҳам овардани шароиту имкониятҳои мувофиқу мусоид ва барои иҷрои бомуваффақияти вазифаҳо равона гардидаанд. Дар оғози қарни XXI инсоният ба хавфу хатарҳои нав мувоҷеҳ гаштааст. Дар ин марҳала иқтидори иқтисодию сиёсии абарқудратҳо ва иттиҳодияҳои сиёсию ҳарбии таъсис додаи онҳо пурқувват гардида, барои рушди мамлакатҳои рӯ ба тараққиёт монеаҳои зиёд ба вуҷуд овардаанд. Андар чунин замон ва чунин вазъиятҳо барои авҷ гирифтани хавфу таҳдидҳои терроризми байналхалқӣ заминаҳо ба вуҷуд меоянд.

Минтақаи Осиёи Марказӣ пас аз барҳам хӯрдани империяи абарқудрати Иттиҳоди Шуравӣ диққати бисёр кишварҳои тараққикардаи оламро ба худ ҷалб кардааст, ки он боиси ба вуқуъ омадани дигаргуниҳои зиёди сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар ҷумҳуриҳои тозаистиқлол гардид. Дар ин минтақа равандҳои мухталифи сиёсӣ ба амал омаданд, ки онҳо боиси омилҳои гуногуни сар задани хавфу хатарҳо гардида, барои дақиқ намудани самтҳои муҳимтарини таъмини амният сабаб шудаанд.

Рушди устувори ҳар як давлатро бе тамомияти ҳудудӣ ва мустаҳкам нигоҳ доштани он тасаввур намудан ғайриимкон аст.

Бинобар ин, даъвоҳои мухталифи ҳудудӣ дар оянда низ ба таври пурра муҳиммияти худро аз даст намедиҳанд ва новобаста аз он ки тақсими ҷаҳон ба қисмҳои алоҳида аллакай ба анҷом расида бошад ҳам, дар оянда он ҳамчун сарчашмаи пайдоиши як қатор ҷангҳо боқӣ мемонад.

Ҳамин тавр, минтақаи Осиёи Марказиро ҳамчун омили геополитикии нав таҳлилу тачзия карда, муҷиботи зерини авҷ гирифтани рағбат ба онро зикр кардан лозим аст:

1. Осиёи Марказӣ пули пайвандгари ду ҷаҳон – ҷаҳони исломӣ ва ҷаҳони христианӣ, туркӣ ва славянӣ мебошад;

2. Ин минтақа манбаи махсуси маводи хом, конҳои сӯзишворӣ ва захираи баркӣ аст;

3. Кишварҳои Осиёи Марказӣ ин мавқеи васатии манфиатҳои геополитикӣ мебошанд.

Вобаста ба ин омилҳо давлатҳои зиёде кӯшиш доранд, ки таъсири хешро ба Осиёи Марказӣ дошта бошанд. Аз ҷумла Россия, Эрон, Туркия, Покистон, Арабистони Саудӣ, Хитой, Ҳиндустон ва ғ. [61, с.257]

Ба ин равандҳо бештар рӯйдодҳои Шарқи Миёнаву Наздик, хусусан вазъи нооромии Афғонистон, Покистон ва дигар кишварҳо таъсири манфӣ мерасонанд. Ҷоннок гардидани фаъолияти гурӯҳу ҳаракатҳои экстремистӣ ва террористӣ, ки шоирҳои динию мазҳабиро шиори муборизаашон қарор дода, авзои бе ин ҳам нооромро бо ҳам бештар ташвишовар сохтаанд ва барои ба вуҷуд омадани навъҳои гуногуни қонуншиканию бенизомӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ – қочоқи яроқу аслиҳа, интиқоли маводи муходир, барангухтани ҳисси тарсу ваҳм дар байни оммаҳо, одамрабоию гаравгонгирӣ ва миграцсияи бетартибонаю ғайриқонунӣ мусоидат кардаанд. Чунин падидаҳо дар маҷмуъ, вазъияти дохилии кишварҳои ин минтақаро мушкил месозанд.

Пӯшида нест, ки баъд аз муваффақ шудан ба истиқлолияти миллию сиёсӣ аксарияти давлатҳои Осиёи Миёна барои пайдо намудани нуфуз ва мавқеи хосса дар ин минтақа саъй менамуданд. Дар сиёсати берунии ин кишварҳои соҳибистиқлол ҷиҳати таъмини амният муносибати бисёрҷабҳа

ба назар мерасид, онҳо ҷонибдори бо Федератсияи Россия, ШМА ва кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ҳамкорӣ кардан буданд.

Чанд муддат кишварҳои тозаистиқлоли ин минтақа барои ба вуҷуд овардани сохтори амнияти дастаҷамъонае, ки бехатарии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёнаро таъмин мекарданд, ба истиснои баъзе ҳолатҳо аз худ иқдом ва ё ибтикороте нишон надодаанд. Таъкид кардан бамаврид аст, ки тамоили бунёди сохтори амниятии дастаҷамъӣ дар доираи СААД ва СҲШ ҳамчун як рӯдоди саривақтии таърихӣ пазируфта шуд. Шояд сабаби таъсиси ин созмонҳо дар минтақаи Осиёи Марказӣ пайдо шудани базаҳои ҳарбии ИМА, тезутунд гардидани авзои сиёсии ҷаҳон бошад?

Бояд қайд кард, ки Федератсияи Россия дар Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон базаҳои ҳарбӣ ва дигар объектҳои муҳимми ҳарбию иқтисодӣ дорад. Дар баробари ин, қароргоҳи дивизияи 201-уми тирандозии Россия Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Вобаста ба вазъияти сиёсӣ ва фазои ноустувори солҳои 90-уми асри гузашта, Шурои сарони давлатҳои ИДМ тасмим гирифт, ки Қувваҳои дастаҷамъонаи сулҳпарварро ба ин минтақа сафарбар созад. Аммо ҳайати ин контингентро танҳо низомиёни Россия ташкил медоданду бас. Гуногунҷабҳагии мавқеъ ва фаъолияти берунии давлатҳои Осиёи Марказӣ оқибат ба он оварда расонд, ки солҳои 1999 ва 2000-ум силоҳбадастони узбектабори ба ҳайати ҳаракати «Толибон» шомилбуда аз Афғонистон ба ҳудуди Узбекистон ҳамла намуданд.

Воқеан, таҳлилу мушоҳидаҳо собит намуданд, ки созмони СААД дар ин минтақа қариб бетаъсир ва бефаъолият монда буд. Ҳамчунин, соли 1999 Узбекистон аз узвияти ин созмон даст кашид. Ҷумҳурии Туркманистон бошад, худро бетараф эълон намуда, ҳатто дар баррасии масъалаи ҳамкориҳои дастаҷамъона оид ба амнияти минтақа ширкат нанамуд. Дар заминаи ААД соли 2002 таъсис ёфтани СААД барои то андозае таъмин намудани амнияти дастаҷамъонаи минтақа такони ҷиддӣ бахшида тавонист.

Ба вуҷуд омадани созмонҳои нави амнияти дастаҷамъӣ дар байни давлатҳои пасошуравӣ мушоҳида карда мешавад. Ба арсаи сиёсӣ ворид

шудани созмоне чун СААД низ бо фазои тағйирёбандаи вазъияти сиёсии минтақа иртибот дорад. Ташкилоти мазкур аз моҳи майи соли 1992 созмони ААД-ро, ки бо райъи сарони шаш давлати аъзои ИДМ – ФР, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Арманистон ва Узбекистон таъсиё ёфта буд ва соли 1993 ба узвияти он Озарбойҷон, Гурҷистон ва Ҷумҳурии Беларус низ пайваста буданд, иваз менамояд. Ноустувории мавқеи баъзе сарони кишварҳои аъзо боиси он гашт, ки соли 1999 роҳбарияти ҷумҳуриҳои Озарбойҷон, Гурҷистон ва Узбекистон кори худро чун узви ин созмон қатъ намуданд.

Чунин амал ду омил дошт: а) сарони ин кишварҳо сиёсати дугонаю духӯраро пеш гирифта, дар зери таъсири абарқудратҳои дигар қарор доштанд; б) ҳадафи онҳо ба даст овардани манфиат, мақоми хос ва нуфуз дар ин созмон ба ҳисоб мерафт. Азбаски ташкилоти ААД аз уҳдаи вазифаҳои оинномавии худ баромада натавонист, қарор дода шуд, ки соли 2002 дар заминаи он СААД таъсис дода шавад. Узбекистон (соли 2006) дубора ба аъзогии ин созмон қабул карда мешавад, вале соли 2012 роҳбарияти ин ҷумҳурӣ такроран аз узвияти ин аҳднома даст мекашад. Айни замон дар ҳайати СААД ҳафт кишвари собиқи шуравӣ – Федератсияи Россия, Арманистон, Ҷумҳурии Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон фаъолияти худро идома медиҳанд.

Вазифаю самтҳои афзалиятноки СААД-ро ба ду фасл ҷудо мекунанд:

а) муқвимат ба таҳдидҳое, ки аз ҷониби мамлакатҳои хориҷии дар ин ё он минтақа манфиатдошта бармеоянд;

б) пешгирӣ аз таҳдиду хатарҳои нави замонавӣ: истеҳсол ва фурӯши ғайриқонунии мухаддирот, дастаҳои террористӣ, гурӯҳҳои экстремистии динӣ, сепаратизм ва муҳоҷирати меҳнатии мамнуъ.

Чунин аҳдоф СААД-ро водор сохтанд, ки худро ҳамчун як иттиҳодияи ҳарбию сиёси нишон дода, дар таъмини амнияти минтақаи Авруосиё ҳиссагузор бошад. Роҳбарони кишварҳои аъзои СААД дар татбиқи талаботи оинномавии ин созмон, бахусус, дар таъмини фазои амну осоиши минтақа

худро ҳамеша омодаву масъул меҳисобиданд. Яъне, имкониятҳои ин ташкилот дар танзими амнияти минтақаҳои воқеъшавии давлатҳои аъзо ва пешгирӣ аз ҳама гуна шаклҳои таҳдид зиёд аст.

Зимни мафҳуми «стратегияи умумии СААД» ва дар маҷмуъ стратегияи умумии ҳар як кишвари аъзои ин созмон, қабл аз ҳама, санъати ташкили муқовимат ба хатарҳои дохилию берунӣ; санъати ташкил ва идоракунии муҳорибаҳо, ҷангҳои аҳаммияти маҳаллӣ ва минтақавӣ дошта; ҳунари роҳбарӣ ва идоракунии сиёсию ҳарбӣ, таҳқиқи дурнамои сиёсӣ ва оқибатҳои амалияи ҳарбӣ фаҳмида мешавад. Чунин фаҳмиш мураккаб будан ва аз системаи муайяни фаъолиятҳо (стратегияҳои ҷузъӣ ё худ ҷудогона) ташкил ёфтани стратегияи умумиро нишон медиҳад.

Масалан, дар бисёр манотиқи олам омилҳои зиёде мавҷуданд, ки барои афзоиш ёфтани таҳдиду хатарҳои экстремистию террористӣ, гардиши маводи нашъаовар, масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ, халалдор кардани амнияти иттилоотӣ мусоидат мекунанд. Чунин вазъ аз стратегияҳои СААД ва кишварҳои аъзои он кор карда баромадани стратегияҳои ҷузъии зеринро тақозо менамояд:

1. Стратегияи муқовимат бо экстремизм ва терроризм. Кишварҳои аъзо дар минтақаҳои географие воқеанд, дар он ҷо хатари экстремизм, хусусан экстремизми динӣ зиёд ба назар мерасад, бинобар ин, қабули стратегия, барномаву консепсия ва дигар асноди расмӣ, ки ҷиҳати пешгирии чунин амалҳо равона шудаанд, муҳим мешуморанд. Ҳадафи гурӯҳу ташкилотҳои экстремистӣ ташкили низоъ ва халалдор намудани фазои осоиштаи давлатҳои узви СААД буда, дар фаъолияти онҳо дини исломро шиор намуда, бо мақсади ба сари қудрат омадан ва ҳокимияти давлатиро соҳиб шудан моҷароҷӯён дар байни мардум барангехтани низоъҳои динию мазҳабӣ, ба вуҷуд овардани зиддиятҳои этникию қавмӣ, ташкили муҳити тарсу ҳарос ва коштани тухми даҳшат мақоми асосӣ дорад. Ин нукта дар суханронии собиқ раиси Шурои Ассамблеяи байнипарлумонии аъзои давлатҳои ИДМ Е.С.Строев чунин дарҷ ёфтааст: «Экстремизми динӣ, ки аз амали террористӣ

дар ҳазар нест, таҳдиди ҷиддиро ба вуҷуд овардааст. Бояд иқрор шуд, ки он табақаи муайяни руҳонию иҷтимоӣ-сиёсиро фаро гирифтааст». Ин падидаи хатарзо беш аз пеш хусусияти фаромиллӣ ва глобалӣ пайдо карда, дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон доман густурда, ба амнияти ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳдид мекунад. Воқеаҳои солҳои охир собит намуданд, ки Толибон ҳамчун як ячейкаи фаъоли экстремистию террористии бо ном Давлати исломӣ, бо пурзӯр кардани иқтидори ҳарбии худ тавассути фанатизми динӣ ҳокимияти сиёсиро дар Афғонистон ба даст гирифт. Оё мардуми бисёр навоҳӣ ва вилоёти ин кишвар мусулмон набуданд? Ангехтани ваҳшату даҳшат, зиддиятҳои қавмию мазҳабӣ ва миллӣ,ҷангу хунрезиҳои дурударози бемаънӣ мардумро хаставу беҳол, бехонумон ва қашшоқ кард. Одамон муҳоҷират ба кишварҳои дигарро ихтиёр намуданд. Таъмини бехатарӣ, озодиву ҳуқуқҳои шаҳрвандон, тараққӣ додани иқтисодиёт ва саноати мамлакат ва гирифтани пеши роҳи истеҳсолкунандагони маводи мухаддир магар барои Толибон осон аст?

Ё ин ки гурӯҳу ҳаракатҳои радикалии динӣ, ки охирҳои соли 2024 бо маблағгузории давлатҳои манфиатдор ҳукумати Башшор Асадро сарнагун сохтанд, оё вазъи мардуми Сурияро беҳтар месозанд, шаҳрҳои ба хок яксоншударо барқарор мекунанд, фирориёни бехонаву дарро ба Ватан даъват карда, бо кор таъмин намуда, рушди иқтисодии мамлакатро таъмин карда метавонанд?

Бино ба маълумоти коршиносон дар ҷаҳон зиёда аз 500 созмони террористии пинҳонкор амал мекунад, ки қисми зиёди онҳо худро фидоиёни роҳи ислом номида, даст ба куштор ва амалиётҳои ваҳшиёна мезананд. Аксарияти чунин «фидоиён» моҳияти ҳақиқии дини ислом ва китоби муқаддаси «Қуръон»-ро намедонанд ва дар зери таъсири маводҳои мадҳушкунанда (бахусус героин) ба чунин корҳои даҳшатбор даст мезананд, зинокорӣ мекунанд, ки ин сахттарин гуноҳ дар шариати ислом ба ҳисоб меравад.

Бо мақсади ҷилавгирӣ аз чунин зуҳурот роҳбарияти САД мунтазам баргузор намудани машқу тамринҳои ҳарбӣ, амалиётҳои якҷояи

зиддитеррористӣ, ҳамоишҳои илмию таълимӣ мегузаронанд. Моҳи сентябри соли 2006 бо ибтикори Федератсияи Россия ва Арманистон таҳқиқ ва таҳлили амалиётҳои хусусияти зиддитеррористӣ дошта бо номи «Атом антитеррор – 2006» ва соли 2007 бо ташаббуси Ҷумҳурии Беларус ҳамин гуна тадорукот бо унвони «Бартараф намудани ҳолатҳои фавқулоддаи дар натиҷаи амалиётҳои террористӣ бавуҷудомада» баргузор шуда буд.

Асоси экстремизм ва терроризмро фанатизм ва боварии кӯр – кӯрона ташкил медиҳад. Бо мақсади гирифтани пеши роҳи чунин аъмол бо ҷалби мутахассисони диншинос, ҷомеашиносони варзида, ҳуқуқшиносону олимони соҳавӣ, кормандони ВАО ва шоҳидони ҳодисаҳои нангин бо қишрҳои гуногуни аҳолӣ, бавижа бо ҷавонон баргузор намудани корҳои фаҳмондадиҳӣ муҳим мебошад. Мардум бояд дарк намояд, ки кирдорҳои террористӣ бо дин ягон муносибат надоранд. Динҳои ҷаҳонӣ муқобили зӯроварӣ, афкандани тухми кинаву адоват ва куштору даҳшат мебошанд.

2. Стратегияи муқовимат алайҳи гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир. Ин стратегия дар фаъолияти СААД мавқеи муҳим дорад, зеро дар паси истеҳсол ва интиқоли моддаҳои нашъаовар гурӯҳҳои калони ҷиноятпешаи фаромиллӣ қарор доранд, ки бо роҳи фурӯши маводи мухаддир маблағҳои калон ба даст меоранд ва бозори ин тиҷоратро мудом гарм нигоҳ медоранд. Сарварони ин гурӯҳҳои муташаккили ҷинояткор дар ихтиёри худ силоҳ ва дастаҳои интиқолдиҳанда доранд, аз вайрон кардани марзи давлатӣ, ташкили задухӯрдҳои мусаллаҳона бо марзбонон ибо намекунанд. Ҷиҳати гирифтани пеши роҳи қочоқи маводи мухаддир иқтидор ва имкониятҳои танҳо як давлати аъзо басанда нест. Бинобар ин, барои ташкили муборизаи муташаккилона бо қочоқчиён дар доираи фаъолиятҳои СААД аз соли 2003 шуруъ карда, ҳар сол амалиёти машқии фаврӣ – профилактикии дастаҷамъӣ бо номи рамзии «Канал» гузаронида мешавад. Соли 2008 дар минтақаи сарҳади ҷанубии Тоҷикистон чунин амалиёти якҷоя доир ба роҳу усулҳои муқобилият ба интиқоли маводи нашъаовар баргузор гардид. Ташкил ва гузаронидани амалиёти «Канал» аз ҷониби Кумитаи байналхалқии СММ оид

ба назорати маводи нашъаовар баҳои баланд гирифта, амалиёти бисёрҷабҳаву самарабахш арзёбӣ гардид.

Пешгирӣ намудани зуҳуроти муҳоҷирати ғайриқонунӣ аз дигар кишварҳо ба қаламрави давлатҳои аъзои САД вазифаи дигари стратегии ин созмон ба шумор меравад, ки ба ин масъала дар Оинномаи он таваҷҷуҳи ҷиддӣ равона гардидааст. Бисёр гурӯҳҳои ҷиноятпеша дар зери ниқоби муҳоҷирони меҳнатӣ дар мамлакатҳои аъзо ба ташкили амалиётҳои террористӣ, таблиғоти экстремизми динию мазҳабӣ, афкандани тухми низоъ, тарсу ваҳм ва даҳшат дар байни аҳолӣ машғул мешаванд. Барои гирифтани пеши роҳи муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва гурӯҳҳои бо ном «муҳоҷир» соли 2006 амалиёти коллективони гурӯҳҳои зудамали аъзои ташкилоти мазкур таҳти унвони «Нелегал» баргузор шуда буд.

Бехатарии иттилоот ҷузъи таркибии стратегияи умумии САД-ро ташкил медиҳад. Бо ин мақсад роҳбарияти он барномаи ташаккули низоми амнияти иттилоотии давлатҳои аъзоро таҳия ва роҳандозӣ кардааст, ки дар асоси он бар зидди таҳдидҳое мубориза бурда мешавад, ки онҳо фарогири маълумоте мебошанд, ки интишори чунин иттилоот аз ҷониби қонунгузории давлатӣ манъ карда шудааст. Чунончи, муайян кардани манбаъҳои таблиғи ғояҳои даҳшатафканию низоъангезӣ, даъват ба ташкили бетартибиҳо, таҳдид ба сохти конститутсионии давлат, бадном кардани ходимони сиёсию ҳарбӣ ва туҳмат дар ҳаққи онҳо дар сомонаҳои иҷтимоии интернетӣ вазифаи муҳими стратегияи мазкур ба ҳисоб меравад. Соли 2015 дар робита ба таъмини амнияти иттилоот амалиёти коллективона бо унвони рамзии «Прокси» гузаронида шудааст.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки моҳияти фаъолияти САД аз маҷмуи қоидаву меъёр ва шаклҳои ҳамкорӣ, ки дар оинномаи он инъикос ёфтааст, вобаста мебошад. Бисёрҷабҳагӣ ва муташаккилӣ дар ҷодаи ташкили ҳамкориҳо ва амалиётҳои бобарори муштарак боис гардид, ки нақши САД ҳамчун созмони бонуфуз ва кафили амният дар системаи умумии бехатарии Аврупо ва қитъаи Осиё эътироф карда шавад. Дар шаҳри Душанбе ҳанӯз 28 апрели

соли 2003 дар яке аз ҷамъомадҳои сарони кишварҳо низомномаҳое ба тасвиб расиданд, ки тибқи муқаррароти онҳо тамоми фаъолияти САД ва сохтору зерсохторҳои он ба танзим дароварда шуд.

Дар фаъолияти Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) масъалаҳои зимни баргузории ҷамъомади навбатӣ ба ҳайати аъзои созмон тағйирот ворид гардид. Шартномаи дуҷониба бо бастани қарордоди бисёрҷониба иваз карда шуд. Дар натиҷа дархости сарони давлатҳои Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон ҷиҳати ҳамроҳ шудан ба созмони мазкур пазируфта шуд. Акнун миқдори аъзоёни СҲШ муоҳидаи 5 кишварро дар бар мегирифт. Оид ба таъмини амнияти марзӣ ва камтар намудани ҳайати қушунҳои сарҳадӣ якдилона қарорҳои судманд қабул карда шуданд. Ба имзо расидани шартномаи нав дар байни кишварҳои аъзои СҲШ дар таърихи навтарин бо унвони «Панҷгонаи Шанхай» маъруф гардид. Дар форумҳое, ки аъзои ин созмон баргузор мекарданд, роҳбарони ин кишварҳо оид ба масъалаҳои сарҳадӣ табодули афкор намуда, бештар ба масоили ҳамкориҳо дар самти ҳарбӣ ва иқтисодӣ мароқ зоҳир мекарданд. Дар форуме, ки 15 июни соли 2001 дар Пекин баргузор шуд, ба ҳайати ин ташкилоти бонуфуз Ҷумҳурии Узбекистон ҳамроҳ шуд. Ба Ҷумҳурии халқии Муғулистон мақоми мушоҳидачӣ дар кори Созмони ҳамкориҳои Шанхай манзур гардид. Ба кори СҲШ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда, соли 2005 ба Ҳиндустон, Эрон ва Покистон ҳам мақоми кишварҳои мушоҳидачӣ дода шуд. Дархости ИМА ҷиҳати дар форумҳои СҲШ чун кишварҳои мушоҳидачӣ ширкат варзидан барои баррасӣ дар рӯзномаи ҷаласа пешниҳод карда нашуд.

Таназзули абарқудрате чун Иттиҳоди Шуравӣ якчанд муддат сабаби хотима ёфтани «ҷанги сард» ва паст гардидани шиддати авзои сиёсии байналхалқӣ шудааст. Дар ин давра дар атрофи консепсияи амният мубоҳисаҳои тезутунд ба миён меояд. «Амният» калимаи арабӣ буда, онро дар луғат: осоиштагӣ, оромӣ, амонӣ, тинҷӣ, бехавфӣ (ФЗТ, 64) маънидод кардаанд. Баробари истилоҳи амният ба кор рафтани унсури луғавии ҳаммаънои он – «бехатарӣ» низ бештар мушоҳида карда мешавад. Муҳаққиқони сиёсатшинос доир ба мафҳуми истилоҳи «амният» назари гуногун дошта, бо роҳи мухталиф

шарҳу тавзеҳ додани он мушоҳида карда мешавад, ки чунин муносибат барои ба вуҷуд омадани фаҳмиши гуногун ва роҳу вариантҳои мухталифи таъмини амният дар илми сиёсатшиносӣ сабаб шудааст.

«Амният» – истилоҳи илми сиёсӣ маҳсуб ёфта, зимни он маҷмуи тадбирҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, маъмурӣ, сиёсӣ мебошад, ки дар онҳо ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳим шахс, ҷомеа ва давлат аз ҳодисаву таъсироти зарарноки муҳити зист, ҳамчунин аз дигар навъи таҳдидҳои дохилию хориҷӣ дар назар дошта шудааст (Х.Ойев. ЭМТ, 390).

Тавзеҳгарон ҳамеша ба истилоҳи амният категорияи таҳдидро муқобил мегузоранд, чунки агар хавфу хатар набошад, ба ҳифзи амният эҳтиёҷ намемонад. Бояд гуфт, ки вобаста ба дигаргуниҳое, ки дар минтақа ва хусусиятҳои амният ба вуқуъ меоянд, таҳдидҳо низ ба чунин хосиятҳо муқобил гузошта мешаванд: ***амнияти байналмилалӣ – таҳдид ба амнияти байналмилалӣ, амнияти миллӣ – таҳдид ба амнияти миллӣ, амнияти сиёсӣ – таҳдид ба амнияти сиёсӣ, амнияти иқтисодӣ – таҳдид ба амнияти иқтисодӣ, амнияти иҷтимоӣ – таҳдид ба амнияти иҷтимоӣ, амнияти хӯрокворӣ – таҳдид ба амнияти хӯрокворӣ, амнияти экологӣ – таҳдид ба амнияти экологӣ, амнияти энергетикӣ – таҳдид ба амнияти энергетикиро ҳ***амчун аксуламали ҳамдигар ба миён меоранд.

Яке аз навъҳои муҳимтарини амният – амнияти байналмилалӣ ба ҳисоб меравад, ки зимни ин истилоҳ низом ва услуби муносибатҳои байналмилалӣ, ки шомили муносибатҳои бомароми рушди иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар намуди муносибат дар байни давлатҳо дар назар буда, ба рафъи таҳдидҳои таҷовузи беруна, таъмини ҳамзистии осоишта дар пояи баробарҳуқуқӣ, истиқрори истиқлолияти миллӣ, соҳибихтиёрӣ ва мустақилияти комили халқҳо асос меёбад. Фароҳам овардани чунин шароит яке аз вазифаҳои муҳим ва пурмасъулияти давлатҳо буда, он дар ҳуқуқи байналхалқии муосир, хусусан дар Оинномаи СММ инъикос ёфтааст.

Амнияти миллӣ – маҷмуи андешаҳои расман қабулшудае мебошад, ки ба мақсаду стратегияи давлатӣ дар соҳаи таъмини бехатарии шахсӣ,

ҷамъиятӣ ва давлатӣ мувофиқ буда, бо назардошти захираву имкониятҳои мавҷуда барои муқовимат ба таҳдидҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, низомӣ, техногенӣ, иттилоотӣ, фарҳангӣ равона гардидаанд.

Тоҷикистон мавқеи хуби географӣ дошта, тавассути роҳҳои он дар гузашта «Роҳи абрешим» мегузашт ва ин кишвар дар минтақаи баҳамоии тамаддунҳо қарор дорад. Агар аз як тараф, кишварҳои зиёде бо хусусиятҳои дунявии давлатдорӣ бошанд, аз тарафи дигар, кишварҳое арзи вуҷуд доранд, ки дар ҳаёти сиёсии онҳо дин нақши муҳим мебозад. Инчунин, дар паҳлуи дигари кишвари мо ҳамсояи абарқудрате бо тамаддуну маданияту дину оини дигар ҷойгир аст, ки имрӯз таъсири геополитикии он дар ҷаҳон мақоми махсус дорад. Ҳамаи инро ба инобат гирифта, дар муайян намудани мавқеи геополитикии Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати пешгирифтаи дарҳои бози Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти махсус дорад. Ҳангоми таҳлили мавқеи геополитикии давлат омилҳои ҷуғрофӣ, сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳарбӣ бояд ба инобат гирифта шаванд [61, с.253-254].

Дар баробари ин, ҳифзи сарҳади давлатӣ яке аз масъалаҳои муҳим давлатдорӣ ба шумор меравад, ки дар он амнияти миллӣ нақши хеле муҳим дорад. Дар сиёсати давлат амнияти миллӣ ба сифати маҷмуи тадбирҳое арзёбӣ мешавад, ки барои зиндагии муътадилу осоиштаи халқ ва бартараф намудани хавфу таҳдидҳои дохилию берунии имконпазир шароитҳои заруриро фароҳам месозад. Амнияти миллӣ ба ҷанбаҳои зерин молик мебошад: ҳимояи сохти ҷамъиятӣ; таъмини дахлнопазирии ҳудудӣ ва истиқлолият; таъмини мустақилияти сиёсӣ ва иқтисодии миллат; таъмини тандурустии миллат; ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ; мубориза бо ҷиноятқорӣ; таъмини амнияти техногенӣ ва ҳимоя аз хатарҳои офатҳои табиӣ. Амнияти миллӣ ба шарте ба даст меояд, ки сиёсати ягонаи давлатӣ дар татбиқи системаи иқтисодӣ, тадбирҳои инженерӣ-техникӣ, бехатарии ҳаёти шахс, ҷамъият ва давлат ҷой дошта бошад.

Таҳдидҳое, ки ба амнияти миллӣ аз манбаъҳои хориҷӣ таъсир мерасонанд, барои фаъолияти муътадили давлат бештар монеа эҷод мекунанд ва масъалаи нисбатан муҳимтар ба шумор мераванд.

Ба таври назариявӣ системаи амният аз мақомоти қонунбарор, иҷроия ва судӣ, ташкилоту созмонҳои давлатӣ, ҷамъияти ва ғайра, ҳамчунин шахсони алоҳида, ки дар таъмини амният иштирок мекунанд, иборат мебошад. Вазифаи асосии ин система безараргардонии ҳама гуна таҳдид ба истиқлолияти миллӣ мебошад. Қувваю воситаҳои амният тибқи қарорҳои Маҷлиси Оли, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барпо карда мешаванд. Барои таъмини амният мавҷудияти чунин қувваҳои ҳарбию сиёсӣ ва идорӣ заруранд: ***қувваҳои мусаллаҳ, мақомоти амният, мақомоти корҳои дохилӣ, мақомоти таъмини амнияти ҳокимиятҳои қонунбарор, иҷроия ва судӣ; умури рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқуллода ва мудофиаи граждани, неруҳои сарҳадӣ, қувваҳои низомии дохилӣ, ҳамчунин макомоти таъмини амният дар истеҳсолот (саноат, энергетика, нақлиёт ва кишоварзӣ), хадамоти таъмини амният дар соҳаи алоқа ва иттилоот, хадамоти гумрук, ки дар доираи салоҳиятҳои худ ва тибқи қонунгузорӣ амал мекунанд***. Фаъолияти сохторҳои қудратӣ ва амниятиро Конститутсияи Тоҷикистон ва дигар қонунҳои дахлдор муайян кардаанд [61, с.8-9].

Хоҳу нохоҳ таҳдидҳои сиёсию ҳарбӣ, ки хусусияти берунӣ (ё хориҷӣ) доранд, бояд боиси ташвиши сохторҳои давлатӣ бошанд, чунки онҳо муносибати ҷонибҳоро тезутунд, авзои минтақаро ноором намуда, ба ҳадди низоъ ва муноқишаҳои байни давлатҳо оварда мерасонанд. Беэътиноӣ дар ин самт барои барҳам хӯрдани давлат, сохти сиёсӣ, мустақилият ва соҳибихтиёрӣ шуда метавонад.

Мушкилоти беҳтар ба роҳ мондани низоми амнияти дастаҷамъӣ дар минтақаҳои сарҳадиии кишварҳои Осиёи Марказӣ муҳим ва мубрамии бештаре касб намудааст. Пӯшида нест, ки сабаби асосии нооромиҳо дар минтақа аз бетаҷрибагии сиёсатмадорони афғон дар самти татбиқи сиёсати

динию мазҳабӣ, миллию этникӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ мебошад. Номуайянии муносибатҳо бо Афғонистон, омили дигаре маҳсуб меёбад, ки он ба амнияти минтақа таъсири муайян мерасонад. Дар вазъияте, ки Туркманистон барин кишвари манфиатдор аз амнияти минтақа бетараф бошад, роҳбарияти Узбекистон ҷонибдори ба роҳ мондани муносибатҳои гуногуни ҳамкорӣ бо «Толибон» бошад, Федератсияи Россия ҳукумати «Толибон»-ро эътироф карда бошад, масъалае пеш меояд, ки ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон нисбат ба он сару садоҳое, ки бо Афғонистон марбут мебошанд, кадом мавқеъро ишғол намоянд? Гарчанде ки онҳо аз бисёр ҷиҳатҳо дар ҳалли ин муаммоҳо назари умумӣ ва ягона дошта бошанд ҳам, вале дар бораи фаъолияти ҳамоҳангсохташудаи дастаҷамъона роҷеъ ба таъмини амнияти минтақавӣ мушаххасан сухан гуфтан бисёр душвор аст.

Президенти кишвари мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба масоили муносибат бо Афғонистон мавқеи мушаххаси хосса дошта, дар сиёсати хориҷии давлат мавқеи шаффофу холисона доштанро авлотар медонад. Таҳлили масъалаҳое, ки дар ҷаласаҳои Шурои амнияти СММ нисбат ба ҳаракати «Толибон» доир гардида буданд, гувоҳи он аст, ки роҳбарияти сиёсии Тоҷикистон роҳи дурусти муносибатро нисбат ба вазъи Афғонистон интихоб намудааст. Дар доираи ИДМ ташкил шудани ниҳодҳои зиддитеррористӣ (дар Маскав) ва ё дар фазои «Форуми Шанхай» (дар Бишкек) таъсисёбии марказҳои муқовимат бо экстремизм ва терроризмро ҳамчун кафили паст намудани шиддати таҳдидҳо қабул кардан мумкин аст. Самаранокии фаъолияти муштарак дар ин бобат аз эътимоди ҷонибҳо вобастагӣ дорад. Масалан, тайи солҳои охир дар байни қувваҳои экстремистию террористии дар Сурия маскангирифта ва ҳукумати ин кишвар созишномаи сулҳ ва оташбас ба имзо расида буд, вале бо пайдо шудани шароити мувофиқ гурӯҳҳои мухолифини зиддиҳукуматии Сурия, ки аз ҷониби ШМА ва Туркия пуштибонӣ дидаанд, бо як ҳамлаи ногаҳонӣ ва истифодаи қувваҳои низомии камтарин қувваҳои мусаллаҳи ин давлатро

шикаст дода, ҳокимияти Башшор Асадро нобуд сохтанд. Алҳол ин кишварро бесарусомонӣ ва буҳрони сиёсӣ фаро гирифтааст.

«Амният» мафҳуми бисёрҷанба буда, фаъолияти он танҳо муҳофизати мамлакат аз таҳдиди ҳарб набуда, балки таҳлил ва таҳқиқи зарурат ба корбурди қувваҳои мусаллаҳ низ ба шумор меравад. Агарчи дар байни сиёсатшиносон доир ба маъно ва мафҳуми «амният» ақидаи ягона вуҷуд надошта бошад ҳам, андешаи қобили дастгирӣ он аст, ки мафҳуми «амният» бо мазмуни ибораи «манфиатҳои миллӣ» иртиботи қавӣ дорад. дар луғати энсиклопедии Брокгауз ва Ефро оид ба «Амният» бо таҳдидҳо ба шахсият, ҷомеа ва давлат марбут будани он зикр шудааст. Ҳамчунин амниятро зарурати бартараф намудани хатарҳо, амсоли афзоиши босуръати аҳолӣ, паҳншавии беморию эпидемияҳо ва ҳодисаҳои нохуш, гуруснагӣ ва «хатарҳое, ки ба несту нобуд шудани моликият таҳдид мекунанд», маънидод кардаанд [126, с.304-307].

Ин мафҳум дар доктринаю стратегияҳои сиёсии давлатҳои гурӯҳи аввал бо ном хусусияти мудофиавӣ дорад, зеро ба амнияти абарқудратҳо таҳдиди беруна аз кишварҳои дигар хеле кам ба назар мерасад. Вале вобаста ба авзои сиёсию иқтисодии ҷаҳон барои онҳо (масалан, барои ИМА) мафҳуми «дифои манфиатҳои миллӣ», ки зимни он ба эътибор гирифтани талаботи бозори дохилӣ, рақобатпазир будан дар бозори ҷаҳонӣ, ба даст овардани манбаъҳои арзони ашёи хом, қувваи арзони корӣ ва ғайра авлавият пайдо мекунад.

Амиқ омӯхтан ва аниқу равшан намудани сабабҳои ба амал омадани низоъ ва муноқишаҳо барои дуруст муайян кардани мафҳуми таҳдидҳо муҳим мебошад, ки чунин тарзи гузориши масъала дар мулоҳизаҳои сиёсатшиносон кам нест. Таҳдиду хатарҳое, ки аз низоъҳо бармехезанд, дар бисёр ҳолатҳо бо якдигар вобаставу алоқаманданд, онҳо дар худ масъалаҳои амниятии барои кишварҳо анъанавӣ ва мушкилоти ба тозагӣ ба вуқуъомадаро, ки ба амнияти мамлакат таҳдид менамоянд, низ таҷассум менамоянд.

Қисми зиёди ин омилҳои хатарафзо дар тули тамоми таърихи инсоният якбора ба вуқуъ наомада бошанд ҳам, ба ҳар ҳол, дар чанд даҳсолаҳои охир мавҷудияти онҳо ҳис карда мешавад. Масалан, дар замони мо пас аз таназзули Иттиҳоди Шуравӣ чунин таҳдидҳо дар сиёсати кишварҳои тозаистиқлоли пасошуравии Кавказ (дар муносибати Озарбойҷону Арманистон; Гурҷистону Абхазия ва Осетияи ҷанубӣ) ва Осиёи Миёна (Қазоқистону Узбекистон; Қирғизистону Узбекистон ва Қирғизистону Тоҷикистон) моҳияти тоза касб кардаанд.

Дар таснифоти боло таҳдидҳое, ки аз мамлакатҳои истеҳсолкунандаи маводи мухаддир ба вуҷуд меоянд, зикр нашудааст, ҳол он ки мавҷудияти чунин таҳдид барои пайдо гардидани проблемаҳои иҷтимоӣ (паҳн гардидани бемориҳои гуногун), авҷ гирифтани ҷиноятқорӣ дар минтақаҳои мухталиф, вусъат пайдо намудани интиқоли моддаҳои мадҳушкунанда вобаста ба фаъолияти наркомафия ва амсоли инҳо мусоидат намудаанд. Ин таҳдид хусусияти глобалӣ касб карда, аз доираи ин ё он минтақаи маҳдуд берун баромадааст. Баъзе сиёсатшиносон дар арзёбии мушкилоти мазкур фаҳмиши яктарафа дошта, Тоҷикистонро омили таҳдид ба амнияти минтақа ва манбаи ноором гардидани авзоъ дар Осиёи Марказӣ меҳисобанд. Чунин фаҳмиш беасос буда, як навъ кӯшиши бадномкунии сиёсати амалию ҳақиқии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Бешубҳа, арсаи фаъолияти сохторҳои амнияти доираи васеъро фаро мегирад, чунки ҳадафи асосии он таҳкими ҳокимияти давлатӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ мебошад. Онҳо зимни иҷрои вазифа бо шарикони стратегии худ, масалан, ФР ҳамкориҳои зич доранд. Бо насли нави сиёсатмадорони ҷавони Руссия дар бораи мубориза бо экстремизми байналхалқӣ, таҳкими амният аҳду паймон кардан мумкин аст. Ин проблемаҳо «асп»-и тахтаи шоҳмоти сиёсии Президенти Россия В.В. Путин мебошанд. Барои Тоҷикистон рушди муносибатҳо дар ин соҳа вазифаи муҳим зарурӣ ба шумор меравад. Мо бо давлати нотинҷи Афғонистон ҳамсарҳад мебошем. Аз имкон дур нест, ки Тоҷикистон низ метавонад

объекти муҳофирати онҳо гардад. Аз ин рӯ мо бояд муносибатҳоямонро бо мақомоти амнияти Руссия ба роҳ монем, то ки ба маркази нооромии байналхалқӣ табдил ёфтани Тоҷикистон пешгирӣ карда шавад. Илова бар ин, сарварони ҳаракати «Толибон» кайҳо боз изҳор менамоянд, ки тайёранд «муҷоҳидонро аз собиқ Иттиҳоди Шуравӣ» дар қаламрави зери назорашон ҷойгир кунонанд. Ин бошад, бевосита ба амнияти Тоҷикистон ва Узбекистон таҳдид мекунад. Тоҷикистон ва ҳамсояҳои он барои зархаридони хориҷӣ набояд мамлакатҳои транзитӣ гарданд. Ба мақомоти махсуси Узбекистон, Тоҷикистон ва Туркманистон зарур аст, ки оид ба вариантҳои имконпазири рафти воқеаҳо фикр кунанд. Руссия низ ба ин манфиатдор аст ва шубҳае нест, ки дар байни Тоҷикистон ва Руссия дар ин ҷода робитаю муносибатҳои хуб барқарор хоҳанд гардид [61, с.22-23].

Умуман , масъалаи сарҳади давлатӣ дар ҳама давру замон маркази ба вуқуъ омадани хавфу хатарҳои мухталиф ба шумор меравад. Масалан, манбаи таҳдид бо парвариши кӯкнору нашъа ва истеҳсоли маводи мухаддир дар қаламрави Афғонистон алоқамандӣ дорад, вале наркомафияи сатҳи ҷаҳонӣ бо ин мамлакат сарҳади тулонӣ доштани Тоҷикистонро ба назар гирифта, барои интиқоли моддаҳои нашъаовар ба қаламрави Россия ва Европа роҳҳои осону камхарҷро истифода мебарад. Баръакс, Тоҷикистон бо зуҳуроти қочоқи моддаҳои наркотикӣ муборизаи беамон бурда, ҳеҷ гоҳ пинҳон намекард, ки наркомафия, воқеан, ба вазъияти ҷомеа, фазои ороми зиндагии шаҳрвандон сахт таъсир мерасонад ва ҳамеша ба таври ошкоро маълумотҳои дахлдорро доир ба фаъолияти наркомафия дар кишвар ва робитаи он бо хоҷагони бурунмарзӣ мунтазам нашр менамояд.

Таҳқиқгарон ақаллан натиҷаҳои омории Тоҷикистонро дар аввали солҳои 2000-ум дар самти муборизаи самаранок бо қочоқи маводи мухаддир дуруст таҳлил мекарданду ҳатто аз ИМА пеш гузаштан, дар қатори чаҳор кишвар қарор доштанро ба эътибор мегирифтанд, барои маълумоти шаффоф манзур кардан ҳамин басанда буд. Мутаассифона, дар расонаҳои иттилоотии

ҷаҳонӣ маълумотҳои насанҷидаву беасос дар ин ҷода хеле зиёд ба чашм мерасад.

Тоҷикистон ҳанӯз 26-уми январи соли 2000-ум «Барномаи нави мубориза бо маводи нашъаовар»-ро қабул намуд. Дар ин хусус Сарвари давлати тоҷикон ба сохторҳои амаликунандаи он таъкид намуданд, ин барнома набояд ба маъракаи навбатӣ ва ё чорабинии хусусияти муваққатӣ дошта табдил ёбад. Татбиқи барномаи мазкур бояд механизми дарозмуддати самаранок ва конструктивии мубориза бо ин зуҳуроти манфиро фаро гирад.

Ба ин тариқа, дар табиат ва моҳияти масъалаҳое, ки дар замони нав бо мафҳумҳои амният ва таҳдид иртибот доранд, проблемаҳои марбут бо зуҳуроте амсоли нашъаҷаллобӣ, марзшиканӣ, муҳоҷирати маҷбурии оммавӣ, ришваситонӣ, мушкилоти экологӣ ва тағйирёбии иқлим, омилҳое, ки ба пайдоиш ва таҳаввули экстремизи динию мазҳабӣ мусоидат мекунанд, низ ҷой доранд, ки таҳлил и илмии онҳо муҳим мебошад ва сиёсатмадоронро барои пешгирии чунин тазоҳурот водор месозад. Ҳамзамон ҷилавгирӣ аз фаъолияти нашъаҷаллобон барои решакан намудани як манбаи ҷиддии хавф ба амнияти миллӣ ва минтақавӣ маҳсуб меёбад, ки таҳқиқ ва амалӣ намудани чунин иқдомот мубрамии бештаре касб кардааст.

Дар кишваре, ки пояҳои ҳарбию сиёсии он суст аст, фаъолияти нашъаҷаллобон вусъат пайдо мекунад. Афғонистон дар ин бобат намуна шуда метавонад. Вале чанд вақт паст будани иқтидори сиёсию низомии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёнаро мушоҳида намуда, онҳо ба ин минтақа низ сар халонда буданд.

Бояд қайд кард, ки ҳато дар гузаштаи начандон дур гурӯҳи сарҳадии Хадамоти Федералии марзбонони Федератсияи Русия дар қайди махсус қарор доштанд. Агар маводи нашъаовари аз тарафи ин гурӯҳ мусодирашуда, аз ҷумла ҳероин, дар солҳои 2000 ва 2001 мутаносибан 25 ва 45% -ро ташкил медод, пас соли 2002 аллакай 60% -ро ташкил дод. Танҳо дар соли 2002 сарҳадчиёни рус бештар аз 4 тонна маводи мухаддирро мусодира карданд, ки аз ин миқдор 2,3 тоннаи онро маводи сахттаъсири ҳероин ташкил

медиҳад. Ногуфта намонад, ки онҳо 87 ҳодисаи марзшиканиро низ пешгирӣ кардаанд. Дар сарҳад 37 задухӯрди ҷангӣ рух дод, ки дар онҳо зиёда аз 30 қосиди нашъабар кушта шуданд; як марзбон ҳалок шуд, 12 нафар – захмӣ, 13 амалиёти муштарак (220, 130 кг ҳероин). Ҳамин гуна амалиётҳои муштарак бо ВУД ҶТ низ гузаронида шудаанд: 108, 395 кг; бо Кумитаи ҳифзи сарҳадоти давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 101, 130 кг маводи нашъаовар; бо Вазорати амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 1,960 кг маводи нашъаовар мусодира шудааст.

Маълумотҳои оморӣ аз он дарак медиҳанд, ки тоҷирони маводи мухаддир бозори худро торафт вусъат додан мехоҳанд. Чанд маротиба дигаргун шудани режими сиёсӣ дар Афғонистон пеши роҳи истеҳсол ва фурӯши моддаҳои нашъаоварро гирифта натавонист. Баръакс, тибқи маълумоти Раёсати СММ оиди ба маводи нашъаовар ва ҷиноят, ҳосили банг дар соли 2002 3440 тоннаро ташкил дод, ки имкон медиҳад воқеияти аз нав шурӯъ намудани истеҳсоли миқёсан калони бангро қайд намоем. 90% масоҳати кишт ва 9% ҳосили соли 2002 ғундошташудаи банг бар дӯши 5 улусволии афғон – Ҳилманд, Нангарҳор, Бадахшон, Урузгон, Қандаҳор рост меояд. Лекин, киштзори банг дар 24 вулусволӣ аз шумораи 32–то амри воқеият доштанд. Гумони коршиносон оид ба мавҷуд будани захираҳои калони опиатҳо дар Афғонистон пурра тасдиқ шуда буданд. Оид ба сатҳи дуюми мубориза бо нашъамандӣ дар дохили Тоҷикистон алҳол ҳоҷати суханронӣ нест. «Ин воқеият изтиробовар аст, – мегӯяд собиқ директори АКН генерал Р.Назаров – ки як қисми маводи мухаддири қочоқӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ барои истеъмоли дохилӣ боқӣ мемонад. Ин ба зиёд шудани шумораи ашхоси ба беморӣ нашъамандӣ ва бемориҳои бо он вобаста дучоршуда, махсусан аз ҷумлаи ҷавонон, оварда мерасонад. Дар сохтори истеъмоли ғайритиббии маводи мухаддир ҳероин амалан маводи нашъаовари консентратсияашон камтарро танг карда мебарорад» [132, с.15].

Новобаста аз мураккабии вазъ, мубориза бо истеҳсолу фурӯши анвои гуногуни нашъа яке аз самтҳои муҳим дар сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон

арзёбӣ гаштааст. Зеро он ба ҳаёти солим ва генофонди миллӣ таъсири марговар дорад, Бино ба маълумотҳои расмӣ бештар аз 8000 нафар ба дарди бедавои нашъамандӣ дар Тоҷикистон мубтало гаштаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон узви системаи байналмилалии муқовимат бо маводи мухаддир мебошад. Кор дар ин ташкилоти бонуфуз водор сохт, ки дар муддати кӯтоҳи вақт Тоҷикистон дар мақоми пешсафони мубориза бо қочоқчиёни маводи мухаддир қарор гирад. Ҷиҳати танзими ҳуқуқии фаъолият дар ин самт Консепсияҳои зидди маводи мухаддири СММ (солҳои 1961, 1971, 1988, ноябри 1995 ва декабри 1996) аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шуданд. Барои пурзӯр намудани фаъолият фармони Президенти ҷумҳурӣ «Оид ба андешидани чораҳои бетаъхир дар бобати таҳкими мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир» ба тасвиб расид ва қаблан Кумитаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бобати тафтиши маводи нашъаовар (апрели 1996) ва сониян, соли 1999 Агентии назорат аз болои маводи нашъаовар дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Ҷанбаҳои меъёрию ҳуқуқии ин масъала дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи васоити нашъаовар, васоити психотропӣ ва прекурсорҳо» (1999) мунъакис шудааст.

Дар Стратегияи миллии Тоҷикистон мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар, воситаҳои психотропӣ, прекурсорҳо ва назорат аз болои гардиши онҳо, пешгирӣ, табобати нашъамандӣ ва офияти иҷтимоии беморони нашъаманд (1996; 1999) мақоми махсус доранд. Тоҷикистон бештар аз 30 созишномаи дуҷониба ва бисёрҷонибаро бо давлатҳои гуногуни сайёра дар бобати пешгирӣ аз гардиши ғайриқонунии нашъа ба имзо расонидааст, ки ҳамаи ин ифодагари сиёсати оқилонаю бонизоми Ҳукумати ҷумҳурӣ ба шумор меравад.

Ташаббусҳои Президенти Тоҷикистон оид ба ташкили муборизаи дастаҷамъонаи байналмилалӣ бо гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар қобили қайд мебошанд. Дар сессияи Ассамблеяи Генералии СММ (июни соли 1998) ташаббуси Сарвари давлати тоҷикон «Дар бораи таъсис додани

«Камарбанди амният» дар атрофи Афғонистон» манзури ҷаҳониён гардид. Дар конфронси байналмилалие, ки дар шаҳри Душанбе моҳи январи соли 1999 бо унвони «Тоҷикистон бар зидди маводи нашъаовар» Сарвари давлат – Эмомалӣ Раҳмон бо иқдомҳои наҷиб доир ба муттаҳид кардани саъю талошҳои мамлакатҳои иттиҳоди ҷаҳонӣ дар ҳалли мушкилоти доғи рӯз – нашъаҷаллобӣ ва нашъамандӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ суханронӣ намуда, зарурати муттаҳид намудани қуввaҳои иттиҳоди ҷаҳониро дар ҳалли буҳрони дохилии Афғонистон бо мақсади нобуд сохтани таҳдиди интиқоли маводи мухаддир ва мубориза бо ҷинояткории сатҳи фаромиллӣ, минтақавӣ ва байналмилалии экстремистию террористӣ ва дигар масоили марбут ба ин мавзуъ таклифҳои судманд ироа намуд.

Аз маълумотҳои омории Агентии назорат аз болои гардиши маводи нашъаовар бармеояд, ки дар давоми ҳамагӣ 3 соли фаъолияташ (1999-2002) кормандони агентӣ якҷоя бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои низомии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо марзбонони рус бештар аз 23 тонна маводи нашъаоварро, ки 10 тоннаи онро маводи сахттаъсири ҳероин ташкил додааст, мусодира ва нобуд кардаанд. Агар ин миқдор заҳри қаттол ба бозори сиёҳ ирсол мешуд, зиёда аз 10 миллион одамонро ба бемории нашъамандӣ, ки табобати он душвору гарон аст, гирифтор менамуд.

Аз гузориши интишорнамудаи Маркази миллии аналитикӣ-иттилоотии Узбекистон маълум мешавад, ки аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои минтақаи Осиёи Миёна танҳо дар соли 1998 барои интиқоли ғайриқонунии маводи нашъадор дар марзи ин кишвар 381 нафар шаҳрванди Тоҷикистон дастгир шудаанд, соли 1999 бошад, ин шумора 497 нафарро ташкил додааст. Аз натиҷаҳои оморӣ маълум мешавад, ки нашъаҷаллобӣ ва нашъамандӣ на фақат ба бехатарии миллии Тоҷикистон, балки ба осоиштагии тамоми минтақа таҳдид мекунад. Тиҷорати нашъа ва гирифторӣ ба нашъамандӣ ба рушди иқтисодиёт, ба сатҳи солимии ҷомеа ва маънавиёти он таъсири фалокатбор дошта, он ба ҳаёти сиёсии мамлакат низ таъсири манфии худро мерасонад. Дар ин ҷо омил ва воситаҳое, ки аз ҷониби

қувваҳои беруна бо мақсади ноором сохтани фазои сиёсии Тоҷикистон ва умуман, мамлакатҳои ИДМ роҳандозӣ мешаванд, дар назар аст. Вазъи Афғонистони ҳамсояро дар чунин ҳолат намуна овардан мумкин аст, ки пас аз Инқилоби апрелии соли 1978 ин мамлакат ба яке аз марказҳои калони истеҳсол ва фурӯши маводи мухаддир дар ҷаҳон мубаддал шудааст. Ба ҳамин минвол, дар ҷаҳони имрӯза мавҷудияти 4 минтақаи азими парвариши ин мавод ба қайд гирифта шудааст.

Зуҳуроти барои мардуми мо боиси ташвиш он аст, ки мавқеи хуби географии Тоҷикистонро ба назар гирифта, бархе наркосиндикатҳои байналмилалӣ барои гардиши навъҳои гуногуни маводи мухаддир дар ин минтақа манфиатдоранд. Онҳо аз истеҳсол ва интиқоли намудҳои гуногуни маводи мухаддир, ба монанди ҳероин, чарс, афюн ва банги ҳиндӣ дар Афғонистон сармояи калон ба даст оварда, Тоҷикистонро ба кишвари транзитӣ табдил додаанд.

Маводи мухаддир на фақат бо мақсадҳои иқтисодӣ ва соҳиби даромади зиёд шудан истеҳсол карда мешавад, балки он ба ҳадафҳои муғризонаи сиёсӣ низ молик мебошад. Интиқоли моддаҳои нашъаовар барои ноором сохтани фазои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии Тоҷикистон мусоидат намуда, ба якпорчагии қаламрави он таҳдид менамояд.

Чунин таҳдидҳо давлатро водор месозанд, ки фаъолияти худро дар самти муқовимат бо хатарҳое, ки барои халалдор кардани амнияти сиёсию иқтисодии кишвар нигаронида шудаанд, ба роҳ монад. Ин маънои онро дорад, ки бурдани муборизаи шадид алайҳи зуҳуроти терроризм, истеҳсол, фурӯшу интиқоли нашъа, тиҷорати яроқу аслиҳа, фурӯши ғайриқонунии техника ва силоҳи ҷангӣ, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва ғ. на фақат масъулияти сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ва ё таҳдид ба манфиатҳои давлат, балки он вазифаи ҷомеа, муассисаҳои таълимӣ ва ҳар як шаҳрванди кишвар низ маҳсуб меёбад. Муташаккилию сарҷамъӣ муқовиматест, ки алайҳи аз дохил вайрон кардани фазои иҷтимоии ҷамъият, вазъи руҳию равонии ҷавонон ва одамони ҷудогонаро пешгирӣ менамояд.

Дар ҷумҳурӣ ҳамчунин як қатор тадбирҳо ҷиҳати беҳтар гардидани вазъи иҷтимоии мардум, паст кардани сатҳи камбизатӣ, ривоҷ додани соҳибкорӣ, барои кам кардани дараҷаи ҷиноятқорӣ, ба гурӯҳҳои ифротӣ ва нашъаҷаллоб нагаравидани ҷавонон мусоидат мекунанд, андешида шудааст. Чунончи, татбиқи лоиҳаи «Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ» баҳри беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардум ва паст кардани дараҷаи камбизоатӣ дар ҷумҳурӣ дониста шуда, ҳамчун омили муҳим рафъи таҳдид ба амнияти миллӣ эътироф шудааст. Бартараф намудани вазъи нодорию камбизоатии аҳолӣ боиси даст назадани одамон ба ҷиноятҳои гуногун гардида, барои таъмини амнияти дохилӣ ва сулҳи пойдор дар мамлакат замина муҳайё менамояд.

Амнияти кишвари мо дар ин самт ба шарте таъмин мегардад, ки агар стратегияи давлат дар ҳалли ин масъала дар ҳамкорӣ бо кишварҳои ҳамҷавор роҳандозӣ гардад ва дар ҷодаи мубориза бо қочоқи маводи мухаддир сохторҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар якҷоягӣ масъулияти дучанд ҳис намоянд. Маҳз дар чунин ҳолатҳо на танҳо имкониятҳои мубориза бо зуҳуроти мазкур дар дохили ҷумҳурӣ, балки дар манотиқи берун аз он низ ба вуҷуд меояд ва сатҳи нашъамандию нашъаҷаллобиро паст кардан имконпазир мегардад. Созиши якҷояи минтақавии ҳалли масъалаи мазкур барои муборизаи босамар бар зидди нашъамандӣ ва наркомафия шароитҳои мусоид фароҳам меоварад.

Бинобар сарҳади тулонӣ доштан бо Афғонистон, ки кишвари истеҳсолкунандаи маводи мухаддир ба ҳисоб меравад, Тоҷикистон ҳамчун монеаи асосӣ дар роҳи интиқоли маводи нашъаовар аз ҷануб ба самти шимол – ба кишварҳои дигар, хусусан Россия ва Иттиҳоди Аврупо боқӣ мондан мегирад. Ҷараёни торафт афзун гардидани саҳми Тоҷикистон дар мусодираи маводи мухаддир (ҳероин ва банг) бештар ба назар мерасад. Таъкид намудани далели он, ки танҳо дар соли 2002 ба Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳайати вакилони 91давлати хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ ташриф овардаанд, ки мақсади онҳо шиносоӣ бо

вазъи ташкили кор дар бобати мубориза бар зидди нашъаҷаллобӣ дар мамлакат ва омӯзиши таҷрибаи корӣ буд, басанда мебошад.

Корманди масъули Идораи СММ дар минтақаи Осиёи Марказӣ оид ба маводи мухаддир Антонелла Деледда ба фаъолияти АНМХ-и Тоҷикистон баҳои ниҳоят баланд дода, таъкид мекунад, ки табақаҳои беҳтарини ҷомеаи тоҷик бар зидди нашъамандӣ ва оқибатҳои манфии он пайваста чорабинӣ ва корҳои фаҳмондадиҳӣ мегузаронанд. Дар хусуси эътирофи ҷаҳонии Тоҷикистон ва торафт афзудани нуфузи он дар ин соҳа чандин маротиба намояндагони давлатҳое, ки аз тарафи СММ ба ҳайси вакил таъин шудаанд ва имкониятҳои васоити ахбори оммаро дар ихтиёр доранд, эълон доштаанд.

Саҳми Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар хеле бузург мебошад. Фақат дар давоми соли 2002 бо саъйи кормандони милиса 1251 номгӯйи ҷиноятҳои бо гардиши маводи мухаддир марбут ошкор ва нисбати онҳо чорабинӣ карда шуд.

Интиқоли маводи нашъаовар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан тавассути марзи Афғонистон ва шаҳрвандони ин мамлакат сурат мегирад. Миқдори зиёди нашъа дар бахшҳои марзи давлатии ҳудуди Хоруғ – Ош (сарҳади Қирғизистон), Хоруғ – Дарвоз – Шурообод, минтақаи сарҳадии ноҳияҳои Ҳамадонӣ, Панҷ ва Фархор, ки онҳо қад-қади дарёи Панҷ воқеъ шудаанд, ба қайд гирифта шудааст.

Табдили режими сиёсӣ дар Афғонистон ва ба сари қудрат омадани ҷунбиши «Толибон», ки худро ҳомии дин эълон кардаанд, пеши роҳи ин падидаи номатлубро гирифта натавонист. Як қисми маводи мухаддир бо роҳи қочоқ аз қаларави Афғонистон агар берун равад, ҳатман як миқдори он дар бозори истемолии худи ин мамлакат гардиш мехӯрад. Гирифторони бемории нашъамандӣ аз ҳисоби ҷавонон ва мардони қобили меҳнат тамоилест, ки рӯ ба афзоиш дорад. Агарчи хокимияти сиёсӣ, ки ба аҳкоми шариати ислом такя мекунад, худро расман муқобили истеҳсол ва фурӯши маводи мухаддир эълом дошта бошад ҳам, дар асл сатҳи пасти иқтисодию молиявии ин кишвар, дараҷаи

пасти донишҳои ҳуқуқии мардум ва камбизоатии аксарияти аҳолӣ мардумро ба парвариши нашъа ва истеҳсоли маводи мадҳушкунанда водор кардааст. Вобаста ба талаботи бозори сиёҳ дар ин мамлакат истеҳсол ва истеъмоли навъи сахттаъсири ҳероин амалан истеъмоли дигар маводи нашъаовари камтаъсирро танг карда бароварда истодааст.

Мубориза бо нашъамандӣ аз ҷомеаи солим тақозо менамояд, ки интишори онро пайгирӣ намоем, натиҷаҳои онро таҳлилу таҳқиқ намуда, ҷиҳати ислоҳи вазъ тадобири зарурӣ биандешем.

Зикр кардан бамаврид аст, ки давлатҳои рӯ ба тараққӣ бинобар танқисии молиявӣ доштан, набудан ва ё заиф будани фаъолияти сусти хадамоти наркологӣ, нарасидани мутахассисони тиббӣ, заминаи фармакологӣ ва лабораторияҳои илмӣ-таҳқиқотии тиббии соҳаи дорусозӣ, ки барои табобати нашъамандон дору тайёр мекунанд, бевосита дар алоҳидагӣ ин таҳдидро бартараф карда наметавонанд.

Даҳсолаи охири асри XX ва аввалҳои садаи XXI бо раванди афзояндаи теъдоди муноқишаву низоъҳои дохилии мусаллаҳ маъмул гардид, ки чунин рӯйдод ҳам ба амнияту оромӣ дар миқёси ҷаҳонӣ ва ҳам дар минтақаи муайян таҳдид намуда, хавфи воқеии сар задани ҷангу задухӯрдҳои шадидро ба миён меоранд. Чунин низоъҳо дар амал ба муноқишаҳои хусусиятҳои байналмилалӣ дошта оварда мерасонанд ва хеле кам ҳолатҳое мешаванд, ки онҳо аз қаламрави давлатҳои бархӯрда берун набароянд. Дар робита ба ин масъала муноқишаҳои марзӣ барои аз нав пайдо шудани низоъҳои куҳна сабаб мешаванд.

Масоили марбут ба хати марз дар байни Тоҷикистон ва Қирғизистон то ҳанӯз ҳалли пурраи худро наёфтаанд. Даъвоҳои беасоси ҷониби муқобил ба задухӯрди мусаллаҳона ва ноором гардидани ҳаёти осоиштаи аҳолии наздимарзӣ оварда расонид. Ҳодисаҳои ба ин монанди бо марзи давлатӣ алоқаманд дар байни ҷумҳуриҳои дигар низ ҷой доштанд.

Ҳамин тариқ, дар замони нав таҳдидҳои куҳна ба мазмуну муҳтавои нав соҳиб гардида, ба амнияти кишвар ва минтақа таъсиргузор мебошанд ва дар маҷмуъ ҳалли масъалаҳои зеринро дар бар мегиранд:

1. Минтақаи сарҳадии Тоҷикистон бо кишварҳои ҳаммарз ниҳоят тулонӣ буда, он фақат бо Афғонистон, ки дар тули чанд даҳсола дар он ҷо вазъи ноором ҳукмфармо аст, якуним ҳазор километр марзи умумӣ дорад.

2. Марзҳои бо ном дохилии Тоҷикистон бо бархе аз ҷумҳуриҳои пасошуравии Осиёи Марказӣ вазъи пуршиддат дошта, мавҷудияти ҳудудҳои баҳснок ва масъалаҳои истифодаи оқилонаи об ва захираҳои табиӣ дар ҳудудҳои водии Фарғона, вуҷуд доштани проблемаҳои коммуникатсионӣ ва роҳҳо тавассути ҳамкории асосноки фаромарзӣ ҳалли худро ёфта метавонанд. Ҳарчанд ки бо ибтикороти нави сарони кишварҳо (Тоҷикистон ва Қирғизистон) бисёре аз монеаву зиддиятҳо ва баҳсҳо тариқи гуфтушунидҳо бардошта шудаанд.

3. Аз натиҷаи пурсишҳои иҷтимоӣ, ки ҳангоми мониторингҳои сатҳи гуногун доир мегарданд, аён мегардад, ки дар муносибат бо ҷомеаи тоҷик масъалаҳое пурсида мешаванд, ки тариқи пӯшида ё кушода ба мушкилоти марзӣ рабт доранд ва ҳамзамон, сарҳад як василаи асосии интиқоли маводи мухаддир ба қаламрави ҷумҳурӣ ва минбаъд тақсимшавии он ба кишварҳои дигар ҳисобида мешавад. Чунин фаҳмиш симои тоҷикистониёнеро, ки дар Федератсияи Россия ва дигар мамлакатҳои ИДМ ҳамчун муҳоҷирони меҳнатӣ фаъолият доранд ва дар робита бо вазъи мураккаби ҳарбию сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки дар Афғонистони ҳамҳудуд ҳукмфармост чун «образи манфӣ» дар расонаҳои хабарӣ нишон медиҳанд. Дар асл ҳифзи марзи тоҷику афғон кори саҳл набуда, он далели густариши муқовимати тулонӣ дар сарҳадоти давлатӣ мебошад.

Зикр намудан ҷоиз аст, як омили мураккаб гардидани авзои сарҳад ба гуногун будани сатҳи рушди сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ин кишварҳои ҳаммарз вобаста мебошад, ки ҳалли ин мушкилот танҳо таҳқиқи илмии одилонаро тақозо менамояд.

Омили дигаре, ки боиси тезутунд гардидани вазъ дар сарҳади мамлакатҳо гаштааст, гӯё бо тақсимоти ноодилонаи замин, эҳтиёҷ ба захираҳои табиӣ ва энергетикӣ иртибот дорад. Муаммои чаро масоҳати кишваре бузург асту дигаре кучак, чаро ин ё он кишвар дорои захираҳои бузурги табиию энергетикист, мо не, шиддатнокиро боз ҳам тезутунд месозад.

Ё ин ки Осиёи Миёна аз ҳар ҷиҳат – мавқеи географии ҷумҳуриҳо, захираҳои табиӣ ва энергетикӣ кайҳо боз таваҷҷуҳи кишварҳои абарқудрат, амсоли Федератсияи Россия, Хитой ва ИМА-ро ба худ ҷалб намудааст ва онҳо аз ягон ҷиҳат онро ба минтақаи манфиатҳои стратегии сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳарбӣ табдил додан мехоҳанд.

Масалан, Россия дар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна базаҳои ҳарбӣ ва қуввахои муайяни низомиро бо он сабаб нигоҳ медорад, ки ба он маҳз аз ҷануб (Афғонистон) хатарҳои экстремистию террористӣ ва интишори маводи мухаддир таҳдид мекунад. Робитаҳои иқтисодию ҳарбии ин кишвар бо Тоҷикистон хусусияти дуҷониба ва бисёрҷанба (САД, СҲШ) дорад. Хитой барои вусъат бахшидан ба рушди иқтисодиёт, сармоягузорӣ ва тиҷорат бо кишварҳои минтақа дар доираи СҲШ манфиатдор аст.

Аммо барои ИМА чун платсдарми ҳарбӣ истифода бурдани минтақаи мазкур ва таҳдид ба Россияву Хитой бештар муҳим мебошад. Роҳандозии чунин муносибатҳо бархӯрди манфиатҳоро ба вуқуъ меорад ва барои тезутунд гардидани вазъи сарҳадҳо сабаб мешавад.

Масъалаи дигаре, ки боиси ташаннуҷ дар марзҳои давлатӣ мегардад, мавҷудияти тафовутҳо дар тафаккури сиёсии халқҳои ҳаммарз мебошад. Масалан, паст будани сатҳи ҷаҳонбинии сиёсӣ ва фанатизми динӣ барои мардуми афғон таъсири ниҳоят манфӣ расонидааст, ба ҳадде, ки қисми зиёди аҳолии шимол ва шимолу ғарбии Афғонистон аз ҷангу зиддиятҳои дохилӣ ва динию мазҳабӣ хаста шуда, фирорӣ будан ва ё ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтанро авлотар медонанд. Онҳо ба ояндаи неки мамлакат боварӣ

надоранд, ҳифзи арзишҳои миллӣ барояшон бегона буда, барои таъмини оилаву фарзандон бепарвоӣ ва бетафовутӣ зоҳир мекунанд.

Одатан, чунин чорабиниҳо дар марзи давлатии тоҷику афғон бо ширкати дастаҳои сайёри таблиғотӣ, ки дар ҳайати онҳо мутахассо ботаҷриба кор мекарданд, дар ду марҳала гузаронида мешуданд. Дар фаъолияти гурӯҳҳои таблиғотӣ бештар ба масъалаи оқибатҳои марзшиканонӣ, ки бештар бо қочоқи маводи нашъаовар вобастагӣ дошт, таваҷҷуҳи бештар равона мегардид.

Гурӯҳи таблиғотӣ бо таҷҳизоти махсус муҷаҳҳаз гардида, ба нуқтаҳои аҳолинишини наздисарҳадӣ, ба ҷойҳои ҷамъшавии зиёди аҳолӣ, аксари вақт ба бозорҳо омада, тавассути баландгӯяк ба аҳолӣ муроҷиат намуда, хабарҳои қаблан сабтшударо мерасонд. Аз ҷумла, моддаҳои Кодекси ҷиноӣ оид ба ҷавобгарӣ барои хариду фурӯши ғайриқонунии маводи мухаддир ва убури ғайриқонунии сарҳади давлатӣ; мақсаду вазифаҳои марзбонон дар ҳудуди он; зарурати пойдор сохтани ҳамкории зич байни марзбонон ва аҳолии маҳаллӣ; хавфе, ки аз диндорони моҷароҷӯйи дар хориҷа иқоматдошта бармеояд ва ғайра шарҳу тавзеҳ дода мешуданд.

Зимни баргузории тадбирҳои таблиғотӣ дар марҳалаи дувум гурӯҳҳои муттаҳидаи тарғиботӣ бо аҳолӣ сару кор мегиранд, ки дар ҳайати онҳо ба ғайр аз гурӯҳҳои сайёр, инчунин намояндагони ҳокимияти давлатӣ, зиёиёни пешқадам, олимони ҷомеашинос, донишмандони дин ва шахсиятҳои обрӯманди маҳаллиро шомил намудан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, гузаронидани чорабиниҳои сиёсии хусусияти тарғиботидоштаро барои баланд гардидани тафаккури сиёсии мардум мусоидат намуда, ҷиҳати коҳиш ёфтани сатҳи марзшиканӣ, ки бо мақсади интиқоли маводи мухаддир ба вуқуъ меояд, бештар роҳандозӣ намоем.

Хулоса, Қушунҳои сарҳадӣ дар таъмини соҳибихтиёрӣ ва ҳифзи амнияти давлатӣ нақши муҳим дошта, қабл аз ҳама, мубоҳисаҳои дуҷонибаву бисёрҷонибаро дар атрофи хати ҳудуди ин ё он мамлакати истиқлолияти давлатӣ ба дастовардаро дар бар мегиранд, ки оқибат онҳо бо

даъвою тамаъҳои марзу буми ҳамдигар марбут мебошанд. Тақсимоти ноодилонаи марзи давлатӣ, ки дар ибтидои таъсисёбии ИҶШС сурат гирифта буд, пас аз таназзули ҳокимияти Шуравӣ шиддатнокии тоза касб намуда, барои ба вуҷуд омадани муноқишаву низоъҳои ногувор дар хати сарҳадии як ва ё якчанд кишвари минтақа замина гардид.

Дар зери таъсири омилҳои беруна ва ё иртиҷоӣ тафаккури солими аҳолии наздисарҳадиро тағйир додан кори душвор нест, зеро ки дар паси он манфиатҳои ғаразноки шахсони алоҳида ва ё гурӯҳҳои муташаккили ҷудогона қарор дорад. Дар ин самти фаъолият ба эътибор гирифтани хоҳишу дархости мардум, ба онҳо расонидани таъсири мусбати психологӣ ва мунтазам пеш бурдани корҳои тарғиботӣ муҳим ҳисобида мешавад.

Дар минтақаҳои наздисарҳадӣ ҷониби Тоҷикистон вобаста ба вазъи оперативӣ ва ҳарбию сиёсӣ бо мардуми минтақа бо мақсади расонидани таъсири равонӣ, дарки ҳақиқии рӯйдодҳо, ва оқибатҳои ногувори ҷанги шаҳрвандӣ бояд мулоқоту вохӯрӣ ва ҷаласаву ҳамоишҳои судманд баргузор намоянд.

Мавриди тазаккур аст, ки ҳимояи сарҳади давлатӣ, ин ҳифзи соҳибистиқлолии кишвар мебошад, ки онро яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ ва ҳимояи марзу бум медонанд.

3.2. Дурнамои ҳифзи амнияти сарҳади давлатӣ дар шароити ба амал омадани муборизаҳо ва барҳӯрдҳои нави геосиёсӣ

Зуд-зуд тағйир ёфтан ва тезутунд гардидани авзои минтақаҳои гуногуни ҷаҳон дар замони ҳозира барои ҳар кадом давлатҳои миллии тозаистиқлол хатарафзо буда, сабаби ба вуқуъ омадани зиддияту муноқишаҳо дар байни мамлакатҳои ҳудуди муайян гашта, барои вайрон кардани хати сарҳад ва даъвоҳои гуногуни миллию таърихӣ замина мегаданд. Дар миёни инхо масъалаи ҳифзи сарҳади давлатӣ дар муҳити муборизаҳои нави геополитикӣ ҷойгоҳи махсус дорад. Аз ҳар ҷиҳат дастгирӣ

ёфтани фаъолияти бенуқсони ниҳодҳои сарҳадӣ яке аз принсипҳои назариявии ҳифзи марзу буми давлатӣ маҳсуб меёбад. Риоя ва татбиқи он аз омода намудан ва иҷрои тадбирҳое вобаста мебошад, ки ба ташкили шароити мусоид амалиёти муваффақонаи вазифаю масъалаҳои ҳалталаб нигаронида шудаанд.

Эҳтимол меравад, ки дар муддати сад соли охир ягон принсипи ҳифзи сарҳади давлатӣ ба ин қадар тағйироту таҳаввулоти печидае, ба мисли принсипи амният дучор наомада бошад. Пеш аз Ҷанги якуми ҷаҳонӣ бештар самтҳои фаъолияти иктишофӣ, амнияти ҳарбӣ, комуфляж ва логистика дастгирии нисбӣ дошта, самтҳои дигар маҳдуд буданд.

Дар замони муосир ин низоми хеле бошукӯҳ буда, ба чор навъи асосӣ ҷудо мешавад: оперативӣ, маънавӣ-психологӣ, техникӣ ва моддию техникӣ, ки онҳо, дар якҷоягӣ як сохтори мураккабро ташкил медиҳанд. Мақом ва нақши ҳар як намуди таъминот дар низоми фаъолияти оперативӣ ва хизматӣ дар марҳилаҳои гуногуни рушди ҳифзи сарҳад гуногун буда, баъзеи онҳо аз доираи тадбирҳои дастгирӣ берун рафта, ҷузъи ҷудонашавандаи раванди ҳифзи сарҳади давлатиро ба вуҷуд овардаанд.

Дар шароитҳои нави геополитикӣ, ки бо авҷ гирифтани зиддияти байни давлатҳо ва бархӯрди манфиатҳо иртибот доранд, масъалаи ҳифзи сарҳади давлатӣ мафҳуми тоза касб мекунад. Роҷеъ ба дурнамои муҳофизати сарҳадот дар чунин авзоъ мавқеи аниқи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали. Раҳмон, ба ҳар ҳол, ошкорӣ ва шаффофиро дар сиёсати хориҷии давлат таъмин менамояд. Чорабиниҳои охирини ХА СММ нисбати ҳаракати «Толибон» дар бораи дуруст интихоб шудани тактикаи роҳбарияти сиёсии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад. Оянда нишон медиҳад, ки марказҳои зиддитеррористии дар чаҳорчӯбаи ИДМ дар Маскав ва дар чаҳорчӯбаи «Форуми Шанхай» – дар Бишкек таъсисшуда то чӣ андоза самаранок худро нишон медиҳанд. Лекин бидуни режими боварии тарафайн байни давлатҳои минтақа танзим кардани фаъолияти ин сохторҳои нав душвор мешавад [92].

Ҷонибдорони ин нуқтаи назар чунин меҳисобанд, ки мафҳуми амният чун пештара фақат муҳофизат аз таҳдиди ҳарбии беруна буда, ба зиммаи сохтору мақомоти амниятӣ таҳлил ва истифодаи эҳтимолии қувваҳои мусаллаҳ ва техникаи ҳарбӣ қарор дораду бас. Имрӯзҳо ҳар як ҳукумате, ки мешуморад, ки мақсадҳои таъмини амният дастрас шудаанд, агар системаи муҳофизат бар зидди таҷовуз омода сохта шуда бошад, аз он чи аҳолии кишвар аз шахсони барои амнияти миллӣ ҷавобгар интизор мебошанд, ниҳоят дур аст. Дар ҳақиқат, дар чаҳорчӯбаи муоҳида имрӯз бояд ба худ уҳдадориҳои ҳамоҳангро гирем. Бино ба нуктаи назари А. Ротфелд: «Амнияти миллӣ ва байналмилалӣ серпаҳлу мебошанд. Амният ва муҳофизат, ки инъикоси худро дар сиёсати давлатҳои абарқудрат ва кишварҳои зиёди дигар ёфтаанд, имрӯз нисбат ба гузашта ба маънои нисбатан васеъ баррасӣ мешаванд. Ин мафҳумҳо дигар танҳо бо соҳаи низомӣ маҳдуд нестанд» [95].

Дар баробари ин, андешаҳое низ ҷой доранд, ки дар ҳалли масоили марбут ба амният амиқтар идрок намудани омилҳои низоъ ҷиҳати саҳеҳ муайян намудани таҳдидҳои ҷойдошта ба ин ё он навъи амният муҳим мебошад. Онҳо аз бисёр ҷиҳат ба ҳамдигар алоқаманду вобаста мебошанд. Таҳдидҳоро ба тариқи зайл тасниф кардан мумкин аст: 1) низоъҳои этникӣ, динӣ ва байни миллатҳо; 2) муҳоҷирати оммавӣ; 3) мубоҳисаю мунозишаҳои сарҳадӣ; 4) бадшавии муҳити экологӣ ва ғ.

Аксарияти ин муаммову масъалаҳо, агар дар тули тамоми таърихи башарият набошад ҳам, ба ҳар ҳол, якчанд даҳсолаҳо мавҷуд буданд. Бисёре аз ин муаммоҳо имрӯз дар Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ пас аз пароканда шудани Иттиҳоди Шуравӣ аҳаммияти нав пайдо кардаанд [61, с.49].

Омӯзиши масъалаҳои марбут бо марзи давлатӣ комиссияи ҳукуматиро доир ба такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии низом ва муҳофизати водор сохт. Мақсади асосии такмили қонунгузорӣ дар минтақаи сарҳадӣ коркард ва таҳияи як низоми ба ҳам алоқаманди мантиқие мебошад, ки ҷанбаҳои муҳимтарини соҳаро инъикос намуда, хусусиятҳои хоси минтақаи сарҳадии

давлатро ба эътибор гирад, мазмуну мундариҷаи низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқиро бо мувофиқ будани онҳо ба мавзуъҳои гуногун ба тавсиф фаро гирад. Бо назардошти ин мавқеъ, лоиҳаҳои қонунҳо «Дар бораи вазъ ва ҳифзи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи сарҳади давлатӣ» ва «Дар бораи амнияти сарҳадӣ» тасдиқ гардиданд, вале қонунгузории дохилӣ аз меъёрҳои муқарраршуда дуртар намеравад. Зимни такмил додани самтҳои асосии қонунгузорӣ дар бораи вазъи сарҳади давлатӣ бояд таҷрибаи танзими ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи сарҳад ба назар гирифта шавад, зарурати фароҳам овардани шароити ҳуқуқӣ барои нигоҳ доштани ягонагию якпорчагии арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим ҳисобида шавад ва муҳтавои асноди мазкур таъмини дахлнопазирии сарҳади давлатӣ ва амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро гирад ва инъикос карда тавонад. Ҳамаи ин, гувоҳи он аст,ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба дурнамои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар муҳити муборизаҳо ва барҳӯрдҳои нави геополитикӣ корҳои назаррасеро ба анҷом расонида истодааст**.**

Ҳангоми таҳияи самтҳои асосии такмили танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи сарҳадӣ муқаррароти санадҳои меъёрии зерин: «Стратегияи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020», «Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Консепсияи байнидавлатии ҳамкории сарҳад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Асосҳои сиёсати сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Консепсияи ташаккули системаи таъмини манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба эътибор гирифта шудаанд.

Ғояи асосии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бояд роҳу усулҳои танзими ҳуқуқии мақомоти сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад. Амали санади номбурда ба мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони мансабдори вобасташуда, ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки ба муносибатҳои ҳуқуқии вобаста ба вазъият ва ҳифзи сарҳади давлатӣ иртибот доранд, амалӣ карда шавад. Ин қонун бояд муносибатҳоро бо иштироки

давлатҳои хориҷӣ, мақомот ва шахсони мансабдори онҳо низ ба танзим дарорад.

Ҳадафи ниҳоии қабули қонун бояд баланд бардоштани сатҳу сифати ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар сарҳади давлатӣ ва дар фазои сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маҷмуъ, эътироф карда шавад, ки он ҳамчун заминаи муҳим барои такмили минбаъдаи хизмати сарҳадӣ ба кор меравад.

Қонуни мазкур барои ташаккули як соҳаи нави ҳуқуқӣ ва татбиқи бонизоми сиёсати сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад. Нишон додани вокунишҳои мувофиқ ба асноди меъёрии ҳуқуқӣ барои дарки моҳияти таҳдидҳои марбут ба соҳаи сарҳадӣ ва қабл аз ҳама, ба зуҳуроте, ки бо мубориза бар зидди терроризми байналхалқӣ, ҷиноятҳориҳои муташаккилонаи трансмиллӣ равона шудаанд ва мусоидат ба рушди муносибатҳои тарафайни Ҷумҳурии Тоҷикистон мамолики хориҷӣ вобаста ба масоили сарҳадӣ хеле муҳим мебошад. Дар улуми сиёсӣ «ҳифзи сарҳади давлатӣ» на фақат ҳамчун як шакли фаъолият дар низоми амнияти миллӣ муайян карда мешавад, балки он категорияи илмиест, ки тавассути маҷмуи тадбирҳо ва фаъолияти якҷояи сохтору мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ амалӣ карда мешавад.

Ҳар як давлат ҳифзи манфиатҳои миллии худро дар сарҳади давлатӣ ва минтақаҳои наздисарҳадӣ ба сифати ҷузъи таркибӣ ва қисми ҷудонопазири системаи амнияти давлатӣ муҳим мешуморад. Дар ин ҷода Ҷумҳурии Тоҷикистон низ истисно нест. Системаи бехатарии марзи давлатӣ, воқеан, аз маҷмуи амалиётҳои фаъол ва мунтазаму пайвастаи ҳарбӣ, ки дар макон ва замони муайян ба вуқуъ меоянд, аз сифати гузаронидани чорабиниҳои тактикӣ, машқу тамринҳои оперативӣ, амниятию ҷангӣ ва дигар навъи тадбирҳо иборат мебошад, ки аз ҷониби мақомоти сарҳадӣ дар минтақаҳои масъулияти ба онҳо додашуда амалӣ карда мешаванд. Дар «Доктринаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (03.10.2003, №103) ва дигар қонуну асноди меъёрии ҳуқуқӣ авлавият ба самтҳои зерини фаъолияти ниҳодҳои сарҳадӣ дода шудааст:

- давлат бояд вазифаҳои худро роҷеъ ба ҳимояи манфиатҳо барои мамлакат ҳаётан муҳим иҷро намояд;

- барои корбурди қувваҳои мусаллаҳ сари вақт тадбирҳо меандешад;

- ниҳоду мақомоти қудратӣ ва сарҳадиро гурӯҳбандӣ намуда, ҳолати омодагии қушунҳоро назорат менамояд;

- иқтидори ҳарбии қушунҳои марзбониро дар минтақаву самтҳои муайян мунтазам беҳтар менамояд;

- фаъолияти фаврию ҷустуҷӯиро дар бобати таъмини бехатарӣ дар марзҳои давлатӣ баланд мебардорад;

- аз имконияту захираҳои вазорату мақомотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар беҳдошти фазои сарҳади давлатӣ, истифода аз дарёҳои ҳудудӣ ва марзӣ ва минтақаҳои истисноии иқтисодӣ самаранок истифода бурдан;

- сифатан беҳтар гардонидани таркиб ва таносуби қувваҳои мусаллаҳи хушкигард, дарёӣ ва истеҳкомҳои соҳилӣ ва қувваҳои мусаллаҳи ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ, мустаҳкам намудани пояи меъёрии ҳуқуқии фаъолияти ниҳодҳои марзбонӣ.

Истифодаи ҳама анвои қувваҳои мусаллаҳ, қабл аз ҳама, бо мақсади ҳифзи манофеи давлат, марзи он равона карда мешавад. Воҳидҳои низомӣ ва воҳидҳои таъиноташон махсус, ҷузъу томҳои марзбонӣ барои роҳ надодан ба тахрибҳое, ки дар сарҳад аз ҷониби гурӯҳҳои ифротию террористӣ ташкил карда мешаванд, барои пешгирӣ аз кӯшишҳои ғайриқонунӣ дигаргун сохтани гузаргоҳҳои сарҳадӣ дар маҳалҳои наздисарҳадӣ аз тарафи дастаҳои мусаллаҳи шаҳрвандони кишварҳои ҳамсоя сар мезананд, муборизаи беамон мебаранд.

Ҳифзи сарҳади давлатӣ хусусиятҳои ба худ хос дорад, аз ин рӯ, ҳамеша зарурате пеш меояд, ки таҳдидҳои пуриқтидорро бояд муайян карда тавонем ва дар муқобили онҳо аксуламал дошта бошем. Барои мисол агар терроризму ифротгароии динӣ ва хариду фурӯши яроқу аслиҳа ва одамрабоиро ҳамчун таҳдидҳои пуриқтидор ба ҳисоб гирему кибертерроризму паҳн намудани яроқи ҳастаиро аз мадди назар дур созем, пас мо бо масъала ва бозиҳои нави

сиёсӣ рӯ ба рӯ мегардем, ки барои муайян намудани хатарҳои нави ҷаҳонӣ мушкили эҷод менамоянд. Коршиносон дуруст муқаррар намудаанд, ки дар шароити муосир ҳеҷ як кишвар дар танҳоӣ наметавонад хавфу хатарҳои замони ҷаҳонишавиро аз байн барад. Ҳамин тариқ, таҳдидҳо дар ҳама гуна шароит ва ҳолат ҳамчун падидаи манфӣ муаррифӣ гардида, имконияти расонидани таъсири манфӣ, тахрибкорӣ, вайронсозии системаҳои иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодию фарҳангии ҷомеа хусусиятҳои муҳимми онҳоро ташкил медиҳанд [61, с.23-26].

Мақоми ниҳодҳои сарҳадӣ дар низоми амнияти давлатию миллӣ аз тарафи объектҳои амният муайян карда мешавад. Объектҳои амнияти давлатӣ инҳо мебошанд: шахс, ҳуқуқу озодиҳои ӯ, арзишҳои моддию маънавии ӯ ва давлат, сохти конститутсионӣ, соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзии он. Таъмини амнияти сарҳади давлатӣ амалӣ намудани тадбирҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ, оперативӣ, ташкилӣ, техникӣ, санитарӣ ва дигар тадбирҳои муҳофизатие мебошад, ки бо ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳим шаҳрвандон, ҷомеа ва давлат тавъаманд.

Мавқеи назаррас доштан ё надоштани хадамоти марзбонӣ дар низоми амнияти мамлакат аз мавҷуд будани як қатор омилҳо вобаста аст: фаъолияти харобиовари сохтору идораҳои махсуси кишварҳои ҳамҷавор, мавҷудият, хусусияти амалҳои иртиҷоию террористӣ, таассуби динию мазҳабӣ, миллатчигӣ ва дигар шаклҳои ғаразноки душманона, аҳаммияти минтақаҳои ҳарбию иқтисодӣ ва маъмурии фаро гирифташуда, низоми иҷтимоӣ ва сохти сиёсии давлатҳои ҳамсоя, хусусияти муносибатҳои байнидавлатӣ, аҳаммияти самтҳои стратегӣ ва минтақа дар системаи амнияти давлатӣ; ҳайати гурӯҳи қушунҳои сарҳадӣ, аҳаммияти қитъаҳои гуногуни сарҳади давлатӣ барои нигоҳ доштани робитаҳои байналхалқии сиёсӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ ва амсоли инҳо.

Дар асоси як қатор шарту омилҳои тавзеҳшуда вазифаҳои хадамоти сарҳадӣ дар таъмини дифои марзу буми давлатӣ муайян карда мешаванд. Ин низом барои иҷрои чунин вазифаҳо масъул мебошад:

– дарёфти маълумотҳо доир ба мавҷудияти гурӯҳҳои ҳарбӣ ва ташкилотҳои террористӣ дар қаламрави мамлакатамон ва рафъи муқовимати ин қабил гурӯҳу иттиҳодияҳо;

- пешгирӣ ва роҳ надодан ба дасисаву иғвогариҳои мусаллаҳона ва дигар шаклҳои бетартибӣ дар марзҳо, навоҳии наздисарҳадӣ ва дар гузаргоҳҳои сарҳади давлатӣ;

- роҳ надодан ба амалҳои таҷовузкорӣ, ғоратгарӣ ва ҷиноятие, ки нисбат ба мардуми минтақаҳои наздисарҳадӣ, моликияти давлатӣ ва хусусии шаҳрвандон аз тарафи дастаҳои мусаллаҳи экстремистию террористӣ роҳандозӣ мешаванд;

- пешгирӣ ва бартараф намудани ҳодисаҳои вайрон кардани низоми сарҳади давлатӣ, тахриби фаъолияти гузаргоҳҳои расмии сарҳадӣ ва роҳ ёфтани одамони бегонаву ғаразнок ба минтақаҳои мамнуъи иқтисодӣ бо мақсади интиқоли моддаҳои тарканда, заҳрнок, радиоактивӣ, маводи нашъадор, силоҳу лавозимоти ҷангӣ ва ашёи дигар, ки боиси ташаннуҷи сиёсӣ дар байни давлатҳои ҳамҷавор мегарданд.

Марзбонони тоҷик дар баробари ин, вазифаҳоеро, ки ба дифои объектҳои амният, давлат, ҷомеа ва шахсиятҳои ҷудогона мутааллиқанд, низ иҷро менамоянд. Номгӯйи ин вазифаҳо чунинанд:

- таъмин намудани тадбирҳои ҳарбӣ-техникӣ бо мақсади пешгирии сарҳадшиканӣ ва ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатӣ;

- назорат ва пайгирии риояи қоидаҳо ва муқаррароти низоми сарҳади давлатӣ, ки хусусияти иҷозатдиҳандагӣ ё огоҳномадиҳӣ доранд, реҷаи сарҳадӣ ва низоми муайяншудаи фаъолият дар гузаргоҳҳои сарҳади давлатӣ, иҷрои парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баррасии ин парвандаҳо дар доираи салоҳият, иҷрои қарорҳо оид ба онҳо, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, ки мубориза бо онҳо ба салоҳияти мақомоти сарҳадӣ гузошта шудааст;

- ошкор ва бозdошти вайронкунандагони сарҳади давлатӣ, минтақаи истисноии иқтисодӣ, иштирок дар амалиётҳое, ки ба муҳофизати сарватҳои табиии кишвар нигаронида шудаанд.

Иҷрои вазифаҳои мазкур ба ҳифзи манфиатҳои давлатӣ мусоидат намуда, зарурати муқаррар намудани ҳуқуқҳои ниҳоду мақомоти сарҳадиро ба миён меорад. Ба хусус:

- дар гузаргоҳҳои сарҳади давлатӣ, дар ҳудудҳои маъмурӣ ва шаҳрҳое, ки ба сарҳади давлатӣ, хати сарҳадӣ, соҳилҳои дарёҳои сарҳадӣ, кӯлҳо, обанборҳо, дарё ё гузаргоҳ ҳуқуқ доранд;

- кормандони мақомоти сарҳадӣ яроқ, техникаи ҳарбӣ, қувваи ҷисмонӣ ва сагҳои хизматӣ, иншооти зарурии муҳандисию техникӣ месозанд, сохтмони хатҳои алоқаро ба ҷо меоваранд, техникаи ҳарбиро ҷойгир ва истифода мебаранд.

Дар амал роҳандозӣ намудани барномаҳое, ки дар стратегияю доктринаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд, имконият медиҳанд, ки структураи ниҳоду мақомоти сарҳадӣ такмил дода шавад, ҷузъу томҳо бо аслиҳаю таҷҳизоти техникии муосир таъмин карда шаванд, пояи моддию техникӣ ва молиявии Қувваҳои мусаллаҳ ва воситаҳои дар ихтиёри он буда таҳким ёбад.

Аз замони қабул ва қувваи юридикӣ пайдо кардани қонун «Дар бораи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» то давраи мо ба ин санади меъёрии ҳуқуқӣ беш аз 20 тағйироту иловаҳо ворид карда шудааст. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки ҳалли мушкилоти марбут ба сарҳад андешидани чораҳои комплексиро тақозо намуда, раванди мунтазам рушду такмилёбанда маҳсуб меёбад.

Истифодаи категорияи «ҳифз» ҳамчун истилоҳи соҳаи улуми сиёсӣ (ба маънои «муҳофизат, нигоҳбонӣ, нигоҳдорӣ; таъмини амният») дар қонунгузории соҳаи сарҳади давлатӣ таърихи муайян дошта, корбурди он бо қабули муқаррароти асноди меъёрии ҳуқуқии соҳа робитаи зич дорад. Бинобар ин, асоснокии баргузории чорабиниҳои оперативӣ ва хизматӣ оид

ба ҳифзи сарҳади давлатӣ ҳамеша бо амалиёти разведкавӣ, ниқобпӯшонӣ, махфият, посбонӣ кардан ва таъмини дигар шаклҳои фаъолияти онҳо якҷоя сурат гирифтааст, ки ин паҳлуи масъаларо низ қонунгузорӣ ба инобат гирифтааст.

Бо анвои гуногун ва навтарини яроқу аслиҳа мусаллаҳ намудани қушунҳои сарҳадӣ ва ба роҳ мондани истифодаи васеи воситаҳои электронӣ, низомҳои идоракунии автоматикунонидашуда ва робототехникаи таъиноти ҳарбидошта вазифаҳои ҳамаи навъҳои таъминоти амниятро дар замони муосир ба куллӣ дигаргун сохтаанд. Бинобар раванди афзоянда будани иқтидори ҳарбии душманони берунӣ пешбурди разведка, ташкили ҷанги электронӣ, дезинформатсия, муҳофизати сарбозон ва сарулибоси махсуси аскарону афсарон аҳаммияти хосса талаб мекунад.

Ташкил ва таъмини иҷрои онҳо яке аз вазифаҳои муҳим командирони сохторҳои фармондеҳӣ ба шумор меравад. Тамоили рушди намудҳои амният, амсоли ба ҳам пайвастани баъзе намудҳои он ва ба низомҳои ягонаи муттаҳида табдил додани онҳо низ дар таъмини ҳифзи амнияти сарҳади давлатӣ нақши муҳим дорад. Бо такомул ёфтани анвои гуногуни яроқу воситаҳои техникии ҳарбӣ, беҳтар гардидани сифат ва самаранокии кори онҳо ва мураккаб шудани амалиётҳои оперативию хизматӣ нисбат ба ҳамаи намудҳои таъминот, пеш аз ҳама, мақсаднокӣ, риояи консепсияи ҳифзи сарҳади давлатӣ, муттасилӣ, махфият, талаботи нав дар сатҳи баландтар гузошта мешаванд.

Пайваста дигаргун шудани вазъи ҳарбию сиёсии ҷаҳон ва зарурати ташкили мунтазами чорабиниҳои фаврии ҷустуҷӯӣ, дарк намудани тактикаи амалиёти душман ба рушди навъҳои дастгирӣ таъсири назаррас дорад. Хусусан, тезутунд гардидани фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ, шиддат ёфтани вазъи криминогенӣ ва афзоиши ҷиноятҳои муташаккилона дар маҳалу мавзеъҳои наздимарзӣ барои рӯйи кор омадани шакли нави дастгирии оперативӣ – таъмини амнияти шахсӣ мусоидат кардааст.

Дар замони муосир мафҳуми «ҳифзи сарҳади давлатӣ» тавсеа ёфта, мунтазам дар назди ниҳоду сохторҳои ҳарбии сарҳадӣ масъулиятҳои тоза ба тоза гузошта мешавад, ки он ба пайдоиши намуди нави дастгирӣ замина гузоштааст. Муҳим будани коркарди ҷанбаҳои назариявии масъалаҳои таъмини органҳои сарҳадиро таҷрибаи ватанию хориҷии гузаронидани амалиётҳои ҷангӣ, амалияи ҳифзи сарҳади давлатӣ, инчунин пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ тасдиқ мекунанд. Дастрас намудани маълумотҳои разведкавӣ муҳимтарин навъи дастгирии оперативӣ барои ташкили фаъолияти оперативӣ ва хизматии мақомоти сарҳадӣ маҳсуб меёбад. Он барои ташкили дурусти фаъолияти мақомоти фармондеҳӣ, назоратӣ ва қувваҳои махсус омодашуда шароити мусоид фароҳам меорад; ҷамъоварии информатсия, омӯзиш, таҳлил ва арзёбии маълумотҳо дар бораи унсурҳои вазъият бо мақсади сохтани модели фаъолияти минбаъда ба манфиати ҳалли масъалаҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ мусоидат мекунад.

Вобаста ба муҳити табиии Тоҷикистон дар ҷумҳурӣ қувваҳои ҳарбӣ ва воситаҳои техникие амал мекунанд, ки боиси ташаккул ва такомул ёфтани гурӯҳҳои разведкавӣ дар сатҳи хушкӣ, баҳрӣ, ҳавоӣ ва кайҳонӣ гардидаанд. Аз рӯйи характери вазифаҳои ҳалшаванда, манбаъҳои ба даст овардани маълумотҳои иктишофӣ, қувваҳо ва воситаҳои ҷалбшуда, тарзу усулҳои кори онҳо, разведкаро ба навъҳои зерин гурӯҳбандӣ мекунанд: агентии махсус, разведкаи ҳарбӣ, ҳавоӣ, кайҳонӣ, хадамоти радиотехникӣ, радиолокатсионӣ, киштиҳои ҳарбӣ, соҳаи инженерӣ, мутахассисони артиллерия, радиатсия, силоҳҳои химиявӣ ва биологӣ.

Дар робита ба истифодаи воситаҳои техникӣ, ки аз рӯи принсипҳои гуногуни бақайдгирии мавҷҳои электромагнитӣ фаъолият доранд, разведкаро ба шуъбаҳои оптикӣ-электронӣ, радиоэлектронӣ, магнитометрӣ, ҳароратӣ, садоӣ ва акустикӣ тақсимбандӣ мекунанд. Аммо дар бобати сатҳи дастгирии қарорҳои қабулшуда ва натиҷагирии онҳо ин хадамотро ба гурӯҳҳои тактикӣ, амалиётӣ ва стратегӣ тасниф кардаанд.

В.Ю. Федяков дар рисолаи илмии худ кори разведкаи ҳарбиро дар дараҷаи огоҳ будан аз мавҷудияти таҳдидҳо, таъминоти ҷониби мухолиф бо техникаи оперативӣ, ҳарбӣ, шиносбудан бо релйефи маҳал, таъмини алоқа ва иртибототи доимӣ дар байни ҷузъу томҳо, хусусияти монеаҳои обӣ, ки дар манотиқи наздисарҳадӣ, маҳалҳои осебпазир ба харобкорӣ, сӯхтор ва обхезӣ, минтақаҳое, ки ба онҳо хатари ифлосшавии об ва ҳаво ҷой дорад, ҳамчунин пешниҳоди роҳҳои имконпазири бартараф намудани хавфҳои зикршуда дидааст. Ба хусус роҳ надодан ба фаъолияти шахсоне, ки убур намудани сарҳади давлатиро барои ташкили амалиёти тахрибкорона ҳадаф қарор додаанд, низ муҳим донистааст. Дар ин самт муайян намудани руҳияи сиёсию маънавии аҳолӣ, авзои санитарию эпидемиологии навоҳии наздисарҳадии ҷониби давлати ҳамсоя ҳам аз аҳаммият холӣ нест [183, с.74].

Андоза ва мундариҷаи супоришҳои разведкавӣ бо дастрасии иттилоот дар бораи ҳадафҳои разведка, пуррагӣ, эътимоднокӣ ва саривақтии онҳо муайян карда мешавад. Маълумот дар бораи объектҳои разведка бо роҳу усулҳои зерин ба даст оварда мешаванд: бо роҳи пайгирӣ, тафтиш, гӯш кардан, аксбардорӣ, боздошт, таҳлили техникии радиатсия. Муайян намудани воситаҳои радиоэлектронӣ ва дақиқ кардани мавқеи ҷойгиршавии онҳо тавассути ба роҳ мондани амалиёти кофтуков, рейдҳо, камингирӣ, пурсуҷӯи сокинони маҳаллӣ, пурсиши вайронкунандагони режими сарҳади давлатӣ, реҷаи сарҳадӣ дар гузаргоҳҳо, пурсиши маҳбусон, тафтиши ҳуҷҷатхои мусодирашуда, воситаҳои вайронкорӣ ва дигар амалиёти ғайриқонунӣ бо роҳҳои дигар ба даст оварда мешаванд. Моҳияти талаботи асосии иктишофиро инҳо ташкил мекунанд: муттасилӣ, фаъолмандӣ, фидокорию ҷасорат, фаврият, саривақтӣ ва эътимоднокии маълумотҳо.

Давомнокии амалиёти разведкавӣ аз он вобаста аст, ки бояд дар тамоми намудҳои фаъолияти оперативӣ ва хизматии мақомоти сарҳадӣ ба таври шабонарӯзӣ, дар ҳама гуна шароиту вазъият, ҳам дар замони осоишта ва ҳам дар замони ҷанг дар муҳлати муқарраршуда анҷом дода шавад. Вақти барои гузаронидани амалиётҳои разведкавӣ ба воситаи ба нақшагирии

дақиқи корҳо, ҳамоҳанг сохтани тамоми саъю кӯшиши қувваҳо ва воситаҳои иктишофӣ дар минтақаҳои муайянгардидаи фаъолият, дастрасии маълумотҳои муҳим аз манбаъҳои гуногун ба даст меояд.

Фаъолияти иктишофӣ аз истихроҷи доимӣ, гирифтани маълумот ва маълумоти иктишофӣ бо тамоми воситаҳо ва усулҳои мавҷуда иборат аст. Фаъолияти разведка бо сифати баланд ташкил кардани хамаи намудҳои разведка, бо амалиёти қатъӣ ва ташаббускоронаи қувваҳои органҳои разведкавӣ, мавҷуд будани имконияти манёвр кардани қувваҳо ва воситаҳои разведка ба даст оварда мешавад.

Маълумотҳои саривақтӣ бо роҳҳои зерин ба даст оварда мешавад: пешгӯии кӯтоҳмуддат, дарозмуддат ва дарозмуддати вазъият дар сарҳад, пешбинии ҳаҷм ва мазмуни вазифаҳои разведка, кам кардани вақти сарфи ҷараёни разведка ва ташкили он бо роҳи доимӣ, устувор.

Эътимоднокӣ яке аз талаботҳои муҳим хадамоти иктишофӣ маҳсуб ёфта, дар зери мафҳуми ин истилоҳ амали таҳлил ва тафтиши маълумотҳои ба дастомада ва мувофиқати онҳо ба вазъияти воқеӣ дар назар дошта мешавад. Дар назди хадамоти сарҳадӣ гурӯҳҳои аналитикии махсус аз ҳисоби афсарони собиқадор таъсис дода шудааст, ки вазифаи онҳо муайян намудани сатҳи эътимоднокии маълумотҳои иктишофӣ мебошад.

Маълумотҳои аз манобеи гуногун бадастомада бодиққат омӯхта мешаванд, далелу рақамҳои ҷойдошта мавриди санҷиш ва муқоиса қарор дода мешавад. Дар сурати пайдо шудани шубҳа ба эътимоднокии иттилоот бо роҳи таъсис додани гурӯҳи разведкаи иловагӣ маълумотҳо тафтиш шуда, хулосаҳо тасдиқ ва ё инкор гардида, қарори дуруст қабул карда мешавад.

Аз таҳқиқи вазъи кори сарҳадбонон маълум мешавад, ки саривақт ба даст овардани маълумотҳои разведкавӣ, таҳлилу баррасии онҳо ва баровардани хулосаи дуруст доир ба нақшаву имкониятҳои душман муваффақияти амалиётҳои ҷангии сарҳадиро таъмин менамояд. Аз ин лиҳоз, махфӣ нигоҳ доштани иттилооти бадастомада, фаврият ва зудии тағйир додани мавқеъ, ногаҳонии ташкили ҳуҷум бо истифодаи техникаи ҳарбӣ ва

ташкили дезинформатсия муваффақияти амалиёти оперативию хизматиро барои ҳифзи сарҳади давлатӣ таъмин менамояд.

Бинобар ин, самаранокии халли масъалаҳо бештар аз он муайян карда мешавад, ки тадбирҳои оперативӣ дар қисмҳо ва зерсохтори отряди сарҳадӣ то чи андоза моҳирона ба амал бароварда мешаванд.

Хусусан, масъалаи амнияти иттилоотӣ барои сарҳадбонон ҷойгаҳи махсусро ишғол мекунад. Аз ин рӯ, муносибат барои муайян кардани тафсири мафҳуми «амнияти иттилоотӣ» низ то ҷое тағйир ёфтааст. Аз нуқтаи назари илмҳои мухталиф: сиёсатшиносӣ, ҳуқуқшиносӣ, информатика ва ғайра «амнияти иттилоотӣ» ба таври гуногун тасниф карда мешавад. Аммо бо вуҷуди ин, дар мавриди масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳ, маҳз равиши ҳуқуқӣ бештар истифода мешавад.

Аз нуқтаи назари равиши ҳуқуқӣ, мукаммалтарин тафсири мафҳуми «амнияти иттилоотӣ» таърифи М.В. Арсентевро меҳисобанд, ки чунин шарҳу баён ёфтааст: «Амнияти иттилоотӣ – бартараф намудани номуайянии иттилоотӣ оид ба таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолии ба таври объективӣ ва субъективӣ мавҷудбуда тавассути назорат аз болои фазои иттилоотии ҷаҳонӣ ва мавҷудияти имкониятҳо, шароит ва воситаҳои рафъи ин таҳдидҳо мебошад, ки дар якҷоягӣ дараҷаи амнияти иттилоотиро муайян мекунанд [94, с.50-52].

Мавриди қайд аст, ки яке аз таҳдидҳои асосӣ ба амнияти иттилоотии ҳар як давра ин маҷмуи воситаҳо ва усулҳои гуногуни таҳриф, нобуд кардан, ифшои иттилоот ва эҷоди камбудиҳо дар кори таҷҳизоти техникӣ бо мақсади таъсир расонидан ба доираи муайяни истифодабарандагон мебошанд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар фаъолияти ниҳодҳои сарҳадӣ ва дигар сохторҳои низомӣ, ки дар онҳо гузаронидани шаклҳои гуногуни корҳои фаврию ҷустуҷӯӣ роҳандозӣ карда мешавад, **дастгирии инженерӣ** ҳам хеле муҳим арзёбӣ мешавад. **Таъминоти муҳандисӣ** – маҷмуи вазифаю чорабиниҳоеро дар бар мегирад, ки барои сохтору қушунҳои марзбонӣ шароитҳои заруриро аз ҷиҳати моддию техникӣ фароҳам меоварад.

Ҳадафҳои ниҳоии он бартараф намудани хавфу хатарҳои вайрон намудани марзи давлатӣ ва ё таҳдидҳои ҳарбии беруна мебошад. Мутахассисони соҳаи инженерии ҳарбӣ дар сохтани истеҳкомҳои мудофиавӣ, бунёди купрукҳо, гузаргоҳҳои муваққатӣ, рӯпӯш кардани воситаҳои техникӣ, идораи воситаҳои техникӣ ва ғайра саҳм гузошта, онҳо як навъ звенои махсусе маҳсуб меёбанд, ки ҷиҳати таъмини махфият ва фаврияти иҷрои амалиётҳо чорачӯӣ мекунанд.

Дар зери мафҳуми **«дастгирии оперативӣ»** бошад, фаъолияти расмии сохторҳои сарҳадӣ дар минтақаи кушод ва танг дар назар дошта шудааст ва кори он бо таъмини амният дар миқёси сарҳади давлатӣ ба ҳисоб меравад. Вазифаҳои дастгирии оперативӣ чунин мебошад: рафъи ҳуҷуми дастаҳои мусаллаҳи ифротгаро, террористӣ, ҷангиёни қочоқчӣ; ҳифзи марзи давлатӣ, пуштибонӣ аз аҳолии осоиштае, ки дар минтақаҳои наздисарҳадӣ сукунат доранд, муҳофизати объектҳои ҳарбӣ ва таъиноти махсусдошта, ҷилавгирии робитаҳои ғайрирасмии хизматчиёни ҳарбӣ бо шахсиятҳои номаълум ва ғ. Яке аз ҷузъҳои хеле муҳимми таъминоти оперативиро ташкили ҷанги электронӣ ва муқовимат бо чунин навъи муҳориба ташкил мекунад, ки он дар натиҷаи хусусияти ҳарбӣ пайдо кардани дастовардҳои илмҳои физика, химия, математика ва информатика дар техникаю воситаҳои ҷангӣ, шуруъ карда аз оғози қарни XX ба вуҷуд омада, дар рӯзҳои мо ниҳоят нашъунамо ёфтааст. Дар замони муосир нисбат ба ташкили «ҷангҳои информатсионӣ» ҳамчун як методи хеле фаъол алайҳи душман маҳсуб меёбад ва он алҳол бо ибораи «ҷанги электронӣ» маъмул аст. Корбурди босамари таҷҳизоти электронии алоқа, хусусан барои «фиреб додан», «ба роҳи ғалат бурдани душман», «паст кардани руҳияи ҷангии тарафи муқобил» мутаносибан бо рушди воситаҳои радиоэлектронии ҳарбӣ таъмин намудани қуввaҳои мусаллаҳ вусъати тоза касб намуд. Корбурди таҷҳизоти электронӣ, хусусан барои гузаронидани амалиётҳои иктишофӣ ва зиддиктишофӣ муҳим буда, моҳияти онро иҷрои чунин корҳо ташкил мекунанд: пахш намудани фаъолияти таҷҳизоти электронӣ, ки идоракунии воситаҳои техникӣ ва

шабакаҳои интиқоли ахбори разведкавии душман, муҳофизати воситаҳои махсуси техникии интиқол ва коркарди иттилоот, аниқ намудани манбаъҳои иттилоот ва маҳв кардани онҳо.

Ба ҳамин тариқ, нақши ҷанги электронӣ дар низоми умумии амалиёти оперативӣ, хизматӣ ва ҷангӣ мунтазам афзуда, аз болои ҳаракати қувваҳо ва воситаҳои техникии ҳарбии тарафи муқобил назорат мебарад.

Дар рафти баргузории чорабиниҳои оперативӣ таъмини маълумотҳои обуҳавошиносӣ низ нақши назаррас дорад. Дастрасӣ ба чунин навъи иттилоот барои баҳои сазовор додан ба вазъият вобаста ба тағйироти вазъи боду ҳаво дар рафти ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои фаврӣ ва хизматӣ роҷеъ ба мудофиаи марзу бум, таъмини самаранокии истифодаи техникаи ҳарбӣ ва воситаҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ, истеҳкомҳои махсуси инженерӣ ва тавлиди монеаҳо ба ҳаракати техника, ҷузъу томҳои ҷониби муқобил нигаронида шудааст.

Дар таъмини бехатарии марзи давлатӣ масъалаҳои ҷузъӣ ва ё камаҳаммият вуҷуд надорад. Масалан, ҷойи тааҷҷуб нест, ки таъмини ахборот оид ба вазъи обу ҳаво то кадом андоза бо кори марзбонон иртиботи наздик дорад, мо инро аз мавҷудияти ташкили чорабиниҳое муайян менамоем, ки иҷрои онҳо барои хадамоти сарҳадбонӣ то чӣ андоза муҳим мебошад. Таҳқиқи релйефи маҳал ва минтақаҳои наздисарҳадӣ, сохтани нақша ва харитаҳои топографию геодезӣ фаъолияти сарҳадчиёнро ҳангоми тайёр кардан ва дар вақти муқарраршуда ба ниҳодоти назоратию фармондеҳӣ манзур намудани маълумоти топографӣ ва геодезӣ, ки зимни қабули қарорҳои муҳим, банақшагирии амалиётҳо ва баргузор намудани корҳои дигари оперативӣ ва хизматӣ салоҳ дониста мешавад. Маълумотҳои оперативии ба даст омада дар захираҳои топографӣ бо аломатҳои шартии махсус ифода гардида, пайи татбиқ намудани зарбаҳои ҷавобӣ ва ё банақшагирии самти ҳуҷуми асосӣ ёрии амалӣ мерасонад. Ин амалиётҳо аз ҷузъҳои зерин таркиб ёфтаанд: харитаҳои махсус бо ишораи миқёс ва мавзеъҳои дахлдор, феҳристи мавқеъҳои нуқтаҳои шабакаи геодезӣ, ба ситод

манзур намудани ахбороти ибтидоӣ, дар муҳлати муқарраргашта ба харитаҳо даровардани тағйироту иловаҳо, коркарди ҳуҷҷатҳои фотографӣ ва бо мақомоти назоратӣ ва роҳбарияти мақомоти сарҳадӣ пешниҳоди онҳо, омода намудани санадҳои хаттию тасвирӣ ва ғайра.

О.К. Рогозин дар рисолаи худ нигоштааст, ки ин вазифа аз ҷониби қувваҳои махсуси мақомоти сарҳадӣ ва дигар ниҳодҳои сарҳадӣ амалӣ карда мешаванд. Таъминоти навигатсионӣ барои сари вақт муайян кардани мавқеъ, самти ҳаракат, суръати ҳаракати объектҳо ва қувваҳои сайёр барои банақшагирӣ ва гузаронидани чорабиниҳои оперативию ҷустуҷӯӣ ва хизматӣ, истифодаи силоҳҳои гуногун ва техникаи ҷангӣ ташкил ва амалӣ карда мешавад [81, с.48].

Муҳаққиқон ба мафҳуми «таъминоти навигатсионӣ» мароқ зоҳир намуда, мавҷудияти рукнҳои зерини онро муҳим арзёбӣ кардаанд. Аз он ҷумла: ташкил ва нигоҳдории майдонҳои сунъии киштиронӣ бо хусусиятҳои мушаххаси дақиқ, муттасилӣ ва фарогирии фазоӣ, таҷҳизонидани сохторҳои сарҳадӣ бо комплексҳои махсус барои қабул ва коркарди иттилоот, омода кардан ва расонидани иттилооти навигатсионӣ ба мақомоти идоракунанда ва қушунҳои сарҳадӣ. Барои ба даст овардани мавқеъҳои ҳозираи гурӯҳҳои ҳаракаткунанда, махсусан дар ноҳияҳое, ки зичии нишонҳо ва нуқтаҳои контурӣ камшуморанд, техникаи навигатсионӣ, техникаи ҷангӣ ва дигар навъҳои техника, инчунин нишонаҳои рамзӣ ба таври васеъ ба кор бурда мешаванд.

Ба ин тариқа, баррасии масъалаи дифои марзи давлатӣ ва дурнамои фаъолияти он дар шароити муборизаю зиддиятҳои сиёсию ҳарбӣ ва иқтисодӣ дар арсаи ҷаҳонӣ собит месозад, ки муҳофизати сарҳад яке аз вазифаҳои масъулиятноку муқаддаси давлат ва сокинони мамлакат ба шумор меравад. Аз ин рӯ**,** фаъолияти якҷояву муташаккилонаи ниҳодҳои сарҳадӣ бо дигар мақомоти давлатӣ дар такя бо ҷомеаи шаҳрвандии дорои тафаккури сиёсии рушдёфта кафолати амнияти миллӣ маҳсуб меёбад. Ҷиҳати муътадил намудани идоракунии ниҳодҳои сарҳадӣ дар ҳайати он ҷузъу томҳо ва

хадамоту шуъбаҳои махсус таъсис дода шудааст, ки ҳар кадом барои иҷрои мақсаду вазифаҳои ҷудогона сафарбар гардидаанд. Барои муваффақ шудан ба натиҷаи дилхоҳ таъмини робитаю ҳамкории ин сохтору зерсохторҳо муҳим мебошад.

Ҷузъу томҳои марзбонӣ муҳимтарин қисми таркибии Қувваҳои мусаллаҳ маҳсуб ёфта, иҷрои муваффаққонаи уҳдадориҳои хидматии он бо таъминоти бехатарии давлат, ҳаёти осоиштаи аҳолӣ, тараққиёти босуботи иқтисодиёт, савдо, беҳтар гардидани вазъи иҷтимоии мардум аз фаъолияти бенуқсони онҳо вобастагӣ дорад.

Муҳимтарин ҳадафи Қушунҳои марзбонӣ рафъи хатарҳои дохилӣ ва берунӣ маҳсуб ёфта, барои иҷрои масъулиятҳои хизматӣ аз ҳама гуна анвои таҷҳизоту техника ва аслиҳаи дар ихтиёрашон буда ҳуқуқи истифода бурданро доранд.

Дар шароити мураккаб гардидани муносибати байни давлатҳои ҳамҳудуд ва барҳӯрди манфиатҳои сиёсӣ ва иқтисодии кишварҳои абарқудрат вазифаи ниҳодҳои ҳарбӣ мураккабу душвортар мегардад, таъмини бехатарии миллӣ аз ин сохторҳо масъулияти боз ҳам бештареро талаб менамояд.

Ба андешаи муаллиф, системаи донишҳои назариявӣ доир ба амният ва навъҳои мухталифи он бештар дар асоси ҷамъбасти таҷрибаҳои мухталифи давлатҳо ташаккул ёфтааст. Дар марҳилаи муайяни ташаккулёбӣ ин умумиятҳо характери амалӣ дошта, бо мурури вақт ба сифати принсип қабул карда шуданд.

ХУЛОСА

Таҳлилу таҳқиқи масъалаи нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар таъмини амнияти миллӣ дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки мақомоти сарҳадӣ, ғайр аз тартиби иҷрои вазифаҳои ба зиммаашон гузошташуда, мутобиқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии муштараки Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарияти мақомоти сарҳадӣ муайян мекунанд. Иҷрои чунин вазифаҳоро қушунҳои сарҳадӣ дар бобати роҳандозии сиёсати давлатӣ дар самти марзу бум таъмин мекунанд. Ба хусус: муайян ва ошкор кардани нақшаи душман то ҳолати вайрон намудани хати марз, ҳамлаи мусаллаҳона алайҳи вайронкунандагони сарҳади давлатӣ, зарбаи ҷавобӣ задан ба амалҳои таҷовузкорона; аз ҷиҳати стратегӣ ва оперативӣ дуруст ҷойгир намудани қувваҳо, воситаву техникаи ҷангӣ, сатҳи баланди тайёрии ҷангӣ ва амсоли инҳо, ки дар натиҷаи пажуҳиши ба анҷомрасида дар шакли хулосаҳои зайл манзур мегарданд:

1. Новобаста аз шароитҳои сиёсӣ, то даме ки омилҳои хавфноки дохилию берунӣ ба мавҷудияти давлат таҳдид мекунанд, мавҷудияти ниҳодҳои ҳифзи давлатӣ зарурат ва эҳтиёҷ ҷой дорад, зеро онҳо барои таъмини бехатарии давлат, қаламрав ва марзу буми мамлакат равона карда мешаванд.

2. Барои дар амал татбиқ намудани фаъолияти бенуқсони ҳифзи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кори он бояд дар асоси риояи талаботи асноди меъёрии ҳуқуқии соҳа – қонунҳо, низомномаҳо ва консепсияву доктринаҳои марбут бо ҳифзи сарҳади давлатӣ ба роҳ монда шавад. Дар ҷумҳурӣ вобаста ба масъалаи мавриди таҳқиқ низомномаву қонунҳо ва доктринаҳои дахлдор қабул гардида, иҷрои онҳо аз ҷониби роҳбарияти ҷумҳурӣ ва сохторҳои қудратии давлатӣ пайгирӣ шуда истодааст.

3. Таҳқиқоти мазкур нишон медиҳад, ки ҳифзи марзу буми кишвар кори бошарафонаи ниҳодҳои ҳарбию амниятии давлатӣ ба ҳисоб рафта, тавассути қушунҳои сарҳадӣ, ки дар минтақаҳои сарҳадию наздисарҳадӣ ҷойгир шудаанд, роҳандозӣ карда мешавад. Ин масъулият дар ҷомеаи шаҳрвандӣ вазифаи умумиҷамъиятӣ низ маҳсуб меёбад ва ҳамкорию дастгирии аҳли ҷомеаро бо мақомоти давлатии сарҳадӣ дар шароити мураккаб гардидани авзои сиёсии ҷаҳон, дар самти пешгирӣ аз зуҳуроти экстремистию террористӣ, қочоқи маводи мухаддир ва яроқу аслиҳа, бархӯрди манфиатҳои сиёсию иқтисодии кишварҳои абарқудрат ва ғайра тақозо менамояд.

4. Дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта дар натиҷаи барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ Тоҷикистон баробари дигар ҷумҳуриҳои узви иттифоқ соҳибистиқлол гардид. Чунин озодии сиёсӣ барои бисёр ҷумҳуриҳо ба осонӣ ба даст омада бошад, барои Тоҷикистони тозаистиқлол он хеле гарон афтодааст. Зиддиятҳои дохилӣ боиси сар задани ҷанги шаҳрвандӣ шуда, ба сари мардуми тоҷик оқибатҳои фалокатбор овард. Дар чунин шароит барои бартараф кардани хавфу таҳдидҳои мавҷуда давлати навакак таъсис ёфта, ба зудӣ сохторҳои қудратии худ, вазорату мақомоти дахлдореро, ки амнияти кишварро таъмин карда тавонад, таъсис дода шуд.

6. Дар сурати роҳандозӣ намудани тадбирҳои санҷидашуда дар самти идоракунии ниҳодҳо, таъмини фаъолияти бенуқсони мақомоти фармондеҳӣ, дар сатҳи баланд ва дар шароити махфию пинҳонӣ ташкил кардани амалиётҳои ҳарбӣ ва оперативӣ вазъи сарҳад ва ҳифзи он муътадил сурат мегирад. Татбиқи чунин тадбирҳо ба афзоиши нақши ниҳодҳои таъмини амният дар сарҳади давлатӣ, манфиатҳои сиёсию иқтисодӣ ва низомии давлатӣ, хусусан, дар ташкил ва баргузории шаклҳои гуногуни амалиёти оперативӣ ва ҳарбӣ мусоидат менамояд.

7. Системаи донишҳо дар бораи назарияи намудҳои дастгирӣ асосан дар асоси умумисозии таҷриба ташаккул ёфта, дар зинаҳои муайяни инкишофёбӣ чунин умумиятҳо ба хусусияти тавсиявию амалӣ молик

гардида, бо мурури вақт ба сифати принсип эътироф меёбанд. Назарияи амният дар заминаи таҳқиқот ва таҷрибаи ҳосил намудаи давлатҳо, рушди ақидаҳо дар атрофи мавзуъҳои назарияи намудҳои амният такомул ёфта, моҳияти мафҳуму истилоҳҳо, категорияҳои соҳа, принсипҳои амният, ҳамкорю муносибати пайвастаи байни онҳо дар шароитҳои гуногун равшан мегарданд.

